**Х. РАҲИМЗОДА, Ш. ЁРМУҲАММАДЗОДА,
Л.НАЗИРОВА, Н.АМОНОВ**

# МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ

*Китоби дарсӣ барои синфи 10*

**Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст**

**ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2023**

**ББК 67.99(2тоҷик)**
**Я-72**

**М-40.** Х.Раҳимзода, Ш.Ёрмуҳаммадзода, Л.Назирова, Н.Амонов. **Маърифати оиладорӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10.** – Душанбе, “Маориф”, 2015, 192 саҳ.

Хонандаи азиз! Китоби «Маърифати оиладорӣ» аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2015 сарчашма гирифта, ба муносибати Соли оила эълон гардидани соли 2015 дар кишвар ба нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамчун китоби таълимӣ ворид карда шудааст. Таълими маърифати оиладорӣ хонандагонро ба мафҳуми оила, мавқеъ ва вазифаҳои он дар ҷамъият, никоҳ, ташкили оила, танзими муносибатҳои оилавӣ ва дигар хусусиятҳои хосси ҳаёти оилавӣ шинос намуда,барои омода гардидани ҷавонон ба ҳаёти мустақили оиладорӣ мусоидат менамояд.

**Истифодаи иҷоравии китоб**

| **№** | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали сол | охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-653-1**

**© МАОРИФ, 2023**
**Моликияти давлат**

Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд.

Дар татбиқи талаботи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлати Тоҷикистон се омили асосӣ – ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулу мадоро тарбият ёбанд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ Раҳмон**

# МУҚАДДИМА

Хонандагони азиз! Шояд шумо дар бораи маърифати оиладорӣ ҳанӯз маълумоти заруриро надоред. Бояд донед, ки яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа бунёди оилаи солим ба шумор меравад ва пойдории оила ба тарзи ҳаёт ва инкишофи мӯътадили инсон мусоидат менамояд.

Мақсади фанни маърифати оиладорӣ ба масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, никоҳу оиладорӣ шинос намудани хонандагон, ташаккул додани низоми оиладорӣ дар шуури наврасону ҷавонон нигаронида шудааст. Ғояи асосии китоби дарсии мазкурро масъалаҳои муҳимми ҳаёти оилавӣ, ба роҳ мондани омодагии психологии ҷавонон ба бунёд ва пойдории оила, муҳайё намудани фазои солиму ором дар оила, пойдор нигоҳ доштани оилаҳо ва нигоҳдории арзишҳои оилавӣ ташкил медиҳад. Зарурати таълими фанни мазкур тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ҳосил намудани малакаи муносибатҳои дурусти дохилиоилавӣ, дар оянда дуруст тарбия намудани кӯдакон ва нигоҳ доштани анъанаҳои неки миллии халқи тоҷик мебошад.

Интихоби дурусти ҳамсар ва бунёди оилаи солим омили муҳимми ободии ҷамъият ва устувории давлат маҳсуб меёбад. Муҳим аст, ки пеш аз барпо намудани оила ҳар шаҳрванд паҳлуҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти оилавиро мавриди омӯзиш қарор дода, урфу одатҳои миллӣ, ҳурмату эҳтироми тарафҳо, муносибати хуби занушавҳарӣ ва маънои зиндагиро хуб дарк карда тавонад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 «Соли оила» эълон карда шудааст. Ҳадафи асосии чунин иқдоми неки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба он равона гардидааст, ки маърифати оиладории ҷавонон баланд бардошта шавад ва дар ин замина ҷавононро пеш аз издивоҷ ба ҳаёти оилавӣ, муносибатҳои оиладорӣ омода намуда, пеши роҳи вайроншавии оилаҳои ҷавон гирифта шавад

ва фарзандони ноболиғи ин оилаҳо дар шоҳроҳи зиндагӣ аз падар ё модар маҳрум нагарданд. Зеро оилаи солиму хушбахт ва маърифати хонаводагии падару модар дар оила асоси тарбияи фарзанд ба ҳисоб рафта, ҷомеаи солим низ ба насли бомаърифат, донишманд, ватанпараст, забондон ва дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад.

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ аз маҷмӯи донишҳои муайяни педагогию психологӣ, ҳуқуқиву иқтисодӣ манша гирифта, дар асоси дониш, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавӣ ташаккул меёбад. Омода намудани чавонон ба ҳаёти оилавӣ вазифаи муҳимми оила ва мактаб мебошад. Омӯзиш ва таҳлили сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон аз он шаҳодат медиҳад, ки бештари онҳо натиҷаи омода набудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мебошад.

Ободии Ватан аз ободии ҳар хонадону оила ва ободии хонадон аз фаросату маърифати оиладории волидон сарчашма мегирад. Умедворем, ки китоби дарсии мазкур дар гирифтани донишҳову маълумоти зарурӣ оид ба ташкили оилаи солим ва нақши он дар ҳаёти инсон, омӯхтани асосҳои маърифати оиладорӣ ва аз бар намудани нуктаҳои асосии он ба шумо кумак мерасонад.

# ФАСЛИ I. МАҚСАД ВА МОҲИЯТИ ОМӮЗИШИ ФАННИ МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ. ПАЙДОИШИ ОИЛА ВА ВАЗИФАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ОН

## §1. ФАННИ МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Мафҳуми оила ва нақши он дар ҳаёти инсон. Оила яке аз рукнҳои муҳим ва асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад. Оила, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, муносибатҳои занушавҳарӣ, хешутаборӣ, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, масъулият ва уҳдадории байни аъзоёни оиларо дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ва талаботи муайяни қонунгузорӣ ба танзим медарорад. Инсон нахустин асосҳои феълу атвор, рафтор, кирдор, муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила мегирад. Аз ин ҷо оила ба никоҳ асос ёфта, аз рӯйи муҳаббати пок, баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ, давом додани насл, таълим ва тарбияи дурусти фарзандон ва аъзоё ни оила шакл мегирад.

Оила ҳамчун қадимтарин сохтори иҷтимоии таърихи инсоният дар ташаккули ҷомеаи инсонӣ нақш ва мавқеи муҳиммеро дорост. Оила дар ҳар давру замон баҳри пешбурди ҷомеа, муайян намудани сохти иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии ҳар халқу миллат мақом ва аҳамияти хосса дошт. Бесабаб нест, ки бузургон оиларо шаҳсутуни зиндагӣ, асоси давлат, танзимгари рушду нумӯи миллат номидаанд. Тамоми бурду бохти зиндагӣ бо кори оила ва оиладорӣ зич марбут аст. Аз ин рӯ давлат ба оила ҳамчун ҷавҳари ҷамъият аҳамияти ҳамаҷониба медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар адабиёти илмию оммавӣ таърифи ягонаи оила вуҷуд надорад. Вале дар такя бо нуктаи назари мухталифи муҳаққиқони соҳа метавон оиларо чунин таъриф намуд: Оила гурӯҳи хурди ҷамъиятии одамон аст,

ки дар асоси иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқи байни марду зан бо мақсади тавлид ва тарбияи фарзанд ташкил ёфта, бо никоҳ ба расмият даровардa мешавад ва аъзои онро ҳамхунию хешутаборӣ, пешбурди хоҷагидории умумӣ, буҷети ягона, муҳити умумиичтимоӣ, масъулияти байниҳамдигарии ахлоқию ҳуқуқии баробар пайванд менамояд.

Оила намунаи беҳтарин ва олии ҳамзистии зану мард мебошад, ки бо сарварии волидайн баҳри беҳдошти ахлоқ ва муҳофизати насл, эҳтироми якдигар, таъминоти иқтисодиву маънавӣ чун хурдтарин созмони ҷомеа арзи вуҷуд дорад. Оила бояд, пеш аз ҳама, дорои макони зист бошад, зеро манзилу макон имкони зиндагии якҷояи гурӯҳи одамонро фароҳам оварда, ҷойи амнияти онҳо низ маҳсуб меёбад.

Оила дар ҳаёти инсон нисбат ба дигар институтҳои иҷтимоӣ волотарин ва арзишмандтарин мақомро дорост. Зеро шахсияти кӯдак маҳз дар оила ташаккул ва рушд ёфта, бо аз худ намудани нозукиҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ тадриҷан бе мушкилот вориди ҷомеа мегардад. Вобаста ба обрӯю эътибори волидайн ва таъсири онҳо ба насли наврасу ҷавон дар оила сифатҳои шахсият ташаккул меёбад, яъне маҳз оила дар инкишофи ҷисмонию маънавии шахс нақши муҳим мебозад.

Аз ин сабаб намунаи олитарини ҳаёти якҷояи инсонҳо, албатта, оила мебошад. Оила дар натиҷаи никоҳи байни зану мард ба вуҷуд меояд. Асоси ташкили оила никоҳ буда, он ба шинохти расмии муносибатҳои оиладорӣ асос мегузорад. Мутаассифона, оила имрӯзҳо дар як қатор мамолики Аврупо маънии худро гум кардааст. Яъне никоҳ ҳамчун рукни муҳимми ташкили оила моҳият ва зарурати худро тадриҷан аз даст дода, аз зумраи муқаддасоти оиладорӣ маҳсуб намешавад.

Аз азал тоҷикон мафҳуми «оила» ва «оиладорӣ»-ро муқаддас донисти, иззату эҳтироми байни аъзои оила, хусусан падару модарро, ҳамеша ба ҷо меоранд.

Яке аз хусусиятҳои хосси оила дар байни мардуми мусалмон, хусусан тоҷикон, падарсолорӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳама ҳолат мард такягоҳи асосии оила – саробон, парастор, муҳофиз ба ҳисоб рафта, таъмини аҳли оила ба дӯши ӯ мебошад. Зан дастгиру мададгор ва ҳамсари вафодор буда, асосан ба тарбияи фарзандон машғул аст.

Аз ин лиҳоз талаботи асосии иҷтимоии оила ҳамфикр будани зану шавҳар ва дигар аъзои оила дар кору зиндагӣ ва дӯст доштану эҳтироми ҳамдигар мебошад.

Инсон, оила ва ҷамъият – ин се мафҳум муҳимтарин рукнҳои фалсафаи ҳаётанд. Ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, худшиносии миллӣ ин ҳама натиҷаи тарбия дар оила аст, чунки маҳз дар оила фарзанд аввалин маротиба мафҳумҳои Ватан, озодӣ, падар, модар, дӯст доштан, асолати мард ва занро дарк намуда, аз назари ҷисмонӣ ва ахлоқӣ вобаста ба муҳити оилавӣ солим ба камол мерасад.



Тарбияи оилавӣ асоси ҳама гуна тарбият аст, зеро маҳз дар муҳити оила бо кӯшишҳои волидайн, хешу пайвандон насли наврас аз ҷиҳати ахлоқӣ, ҷисмонӣ, зебоишиносӣ,

меҳнатдӯстӣ, рафоқат, дӯстӣ, озодипарастӣ, шинохти неку бад тарбият меёбад.

Ҳамдигарфаҳмӣ, дӯст доштани зану мард низ ба тарбияи аъзои оила таъсири мусбат расонида, боиси хушбахтии онҳо мегардад. Аз назари дигар, тарбияи оилавӣ дорои масъалаҳои мубрам ва хеле мушкилест, ки ба он бисёр омилҳо, чун ирсият, маънавиёти калонсолон, саломатии фарзандон ва волидайн, таъминоти моддӣ ва маънавӣ, шароити иҷтимоӣ, шумораи аъзои оила, муносибат ба якдигар ва амсоли инҳо таъсир расонида метавонанд.

Фарзандони оила бояд дар фазои ором у солими психологӣ, муҳити созгор ба воя расида, тарбияро аз оила гиранд. Зеро оила нахуст мактаби тарбияи инсон ва ташаккули тафаккури ӯ мебошад, ки тавассути он инсон минбаъд дар ҷомеа ҷой ва мақоми худро пайдо мекунад.

Мақсади фанни маърифати оиладорӣ бо асосҳои дониш оид ба никоҳу оиладорӣ шинос намудани хонандагон, ташаккул додани идеали оиладорӣ дар шуури онҳо мебошад. Зарурати таълими фанни мазкур омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ҳосил намудани малакаи муносибатҳои дурусти дохилиоилавӣ, тарбия намудани онҳо дар рӯҳияи нигоҳ доштани анъанаҳои неки миллии халқи тоҷик ва оштинопазирӣ ба расму одатҳои номатлуб оид ба оила мебошад.

Маълум аст, ки хонандагон дар солҳои донишандӯзӣ барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва олами маънавии худ донишҳои муайян ҳосил мекунанд. Тадриҷан писарону духтарон ба масъалаҳои муҳаббат, никоҳ ва оила, мақоми онҳо барои ҳаёти инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, доир ба нозукиҳои рӯзгордорӣ маълумот пайдо мекунанд. Хеле муҳим аст, ки дилдодагон ба ҳам муносиб бошанд, рӯзгордориро уҳда карда тавонанд, ба қадри ҳамдигар бирасанд, покдоману боиффат ва дар сахтиву мушкилиҳо дастгиру мададгори ҳамдигар бошанд.

Ҳамин тавр, вазифаи асосии фанни маърифати оиладорӣ тайёрии ахлоқии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ

– маҷмӯи муносибатҳои ахлоқиву педагогии мактаб, оила ва аҳли ҷамъият бо мақсади ташаккули фаҳмиши ахлоқии хонандагон, ба ҳаёти оилавию ақди никоҳ тайёр кардан, инчунин онҳоро бо роҳи мустақилонаи ҳаёт ҳидоят намудан мебошад.

***Саволҳо***

*1. Мафҳуми «оила»-ро шарҳ диҳед!*

*2. Нақши оила дар ҳаёти инсон аз чӣ иборат аст?*

*3. Асоси пайдоиши оиларо чӣ ташкил мекунад?*

*4. Фанни маърифати оиладорӣ чиро меомӯзад?*

## §2. ПАЙДОИШИ ОИЛА ВА ДАВРАҲОИ ТАЪРИХИИ ИНКИШОФИ ОН

*Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,*
*Одамӣ ҳам, пеш аз он к-одам шавад, бузина буд.*

Мирзо Абдулқодири Бедил дар ин байт ба назарияи илмии пайдоиши одам такя накарда бошад ҳам, аммо назарияи ӯ аз ҳақиқати илмӣ дур нест. Инсоният то ба дараҷаи тамаддун расидан ҳазорсолаҳоро пушти сар намуда, аз шакли ваҳшоният ба шакли имрӯзаи ҳаёти инсонӣ расидааст.

Люис Генри Морган (олими амрикоӣ) зинаҳои таърихии инкишофи инсониятро таҳлил намуда, онро ба се давраи асосӣ – ваҳшоният, барбарият ва тамаддун тақсим кардааст.

Мувофиқи ақидаи Л.Г.Морган давраи аввал давраи ибтидоии одамизод буда, дар ин давра одамон гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекарданд. Байни гурӯҳҳо оила вуҷуд надошт. Ҳар мард метавонист бо зани дилхоҳаш ва ҳар зан бо марди

дилхоҳаш бошад. Фарзандоне, ки таваллуд мешуданд, фарзандони умумии онҳо ба ҳисоб мерафтанд.

Одамон дар ибтидо зарурати якҷоя зиндагӣ карданро нафаҳмида, аксаран танҳо зиндагӣ мекарданд. Дар танҳоӣ аз таъсири ҳодисаҳои табиат ва ҳуҷуми ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳалок мегаштанд. Бо мурури замон одамон зарурати якҷоя бо ҳам зиндагӣ карданро дарк намуда, аввалин муҳити иҷтимоиро ба вуҷуд оварданд, ки дар заминаи он авлод, қавм ва қабила пайдо шуданд. Авлод, қавму қабилаҳо барои таъмини оромиву ҳамзистии осоишта низому тартиботе муқаррар менамуданд, ки риояи он бар ҳамаи аъзои қавму қабилаҳо ҳатмӣ буд.

Зиндагии гурӯҳӣ одамонро маҷбур кард, ки бо якдигар мубодилаи афкор намоянд ва чунин зарурат ба пайдоиши нутқ дар ин давра замина мегузорад. Бо мурури замон одам шикор ва истифодаи оташро ёд гирифт. Аз санг асбобу силоҳ месохт. Дар охирҳои давраи ваҳшоният одам тиру камонро ихтироъ мекунад. Одам акнун метавонист дар рӯзгори худ аз гӯшти парандагон ва ҳайвонот истифода барад. Шикор яке аз соҳаҳои муқаррарии меҳнат ҳисоб мешуд. Оҳиста-оҳиста одамон ром кардани ҳайвонотро ёд гирифтанд, ки ин дар ҷамъияти ибтидоӣ пешрафти бузурге буд. Ром кардани ҳайвонот боис шуд, ки одамон дар даштҳои сералафи соҳили дарёҳо умр ба сар баранд. Чунин қабилаҳо дар соҳилҳои дарёҳои Фурот ва Даҷла, дар Осиёи Миёна бошад, дар соҳилҳои Амударё ва Сирдарё зиндагӣ мекарданд.

Тавассути мушоҳида ва таҷриба инсон ба кишти ғалладона шурӯъ мекунад. Ҳамин тариқ, зироаткорӣ ва чорводорӣ ба манбаи муҳимми ҳаёти моддии одамон мубаддал гардид.

Зинаи олии инкишофи давраи ибтидоӣ гудозиши оҳан маҳсуб мешавад. Инсон аз асбобу олоти оҳанин истифода бурданро ёд гирифт, ки ин зиндагии ӯро як қадар осон гардонид.

Дар ин давра шумораи аҳолӣ ҳам афзуда, тӯдаҳои калон-калони одамон пайдо шуданд.

Давраи модаршоҳӣ. Инкишофи минбаъдаи ҷамъияти ибтидоӣ барои пайдоиши авлод имконият фароҳам овард. Ин боиси никоҳи «гурӯҳӣ» гардид, яъне мардони як авлод ба занони авлоди дигар шавҳар ва занони ин авлод ба мардони он авлод зан мешуданд. Ин ҳолат асосан дар давраи модаршоҳӣ мушоҳида мешавад. Дар ин давра нақши модар асосӣ буда, фарзандон насли модар ҳисоб мешуданд ва онҳо бо модари худ зиндагӣ мекарданд. Ин гуна оилаҳо мустаҳкам набуданд, зеро байни онҳо робитаи иқтисодӣ вуҷуд надошт. Маҳсули меҳнати мардон дар доираи авлод мемонд ва ба зану фарзандон ягон кумаке намерасид. Бо вуҷуди он ки никоҳи оилаҳои «гурӯҳӣ» мустаҳкам набуд, он расман оила ба ҳисоб мерафт.

Баробари инкишофи олоти меҳнат ва шикор нақши мардон дар ҷомеа меафзуд. Дар ҷамъият оҳиста-оҳиста ҷойи давраи модаршоҳиро давраи падаршоҳӣ иваз кард.

Муносибатҳои оилавӣ дар давраи падаршоҳӣ. Дар ин давра тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Муносибатҳои истеҳсолӣ тағйир ёфта, моликияти хусусӣ пайдо мешавад. Пайдоиши моликияти хусусӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба куллӣ тағйир дода, муносибати тарафайни аъзоёни ҷамъият низ дигаргун шуданд. Одамон тадриҷан ба гурӯҳҳои дорою камбизоат ҷудо шуданд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани ҷамъияти синфӣ гардид. Баробари пайдоиши ҷамъияти синфӣ шакли оила ҳам тағйир ёфт. Акнун мардҳо барои худ ҳамсар интихоб мекарданд. Ҳамин тариқ, оилаҳои якканикоҳӣ (моногамӣ) ба вуҷуд омад.

Инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ ва иқтисодиёт муносибатҳои молиро дар оилаи падаршоҳӣ ривоҷ дод. Муносибатҳои молию пулӣ дар ҷамъият боиси воҳиди мустақили ҷамъият гардидани оила гардид. Шавҳар ҳамчун сардори оила соҳиби моликияти оила мегардад. Зан ва фарзандон фармонбардори сардори оила мешаванд. Қоидаҳои адаб ва ахлоқ ба вуҷуд меоянд. Хиёнати зан ба шавҳар ё шавҳар ба зан маҳкум мешуд. Духтар то ба шавҳар

баромаданаш бояд шарафу номуси худро нигоҳ медошт. Агар номи духтар ба сабукрафторӣ барояд, ҷомеа ӯро маҳкум мекард ва ба шавҳар баромаданаш душвор мегашт. Писар низ бояд меъёрҳои ахлоқиро риоя мекард, дар сурати риоя накардан аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум гардида, аз авлод, қавм ё қабила ронда мешуд.

Чунин қоидаҳои ахлоқи аҷдодон дар замони мо ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Поктинатӣ, хушахлоқӣ, нигоҳ доштани номи нек, шарафу номус дар ҳама замон хислатҳои беҳтарини инсонӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, дар тӯли чандин ҳазорсолаҳо ҷамъияти инсонӣ аз зинаи ваҳшоният то ба дараҷаи тамаддун расид. Тамоми инсоният ин зинаҳоро аз сар гузаронидааст. Шаклҳои оила ва оиладорӣ такмил ёфтанд. Бо пешрафти сохти ҷамъиятӣ шаклҳои нави муносибатҳои оилавӣ, никоҳ ва оиладорӣ низ тағйир ёфт.



Ба давраи тамаддун гузаштани инсоният дар муносибатҳои оила ва никоҳ низ тағйироти навро ворид намуд.

Мард ҳамчун сарвари оила тамоми масоили хонаводагиро бар зимма дошт, барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамсар ва фарзандони худ масъул буд. Дар муносибатҳои оилавӣ баъзе муносибатҳое ҷой доранд, ки на фақат ба воситаи қоидаҳои ҳуқуқӣ, балки тибқи талаботи қоидаҳои ахлоқӣ ба танзим даровардa мешаванд. Яъне дар оила муҳим аст, ки ҳуқуқ ва қоидаҳои ахлоқӣ дар муносибатҳои оилавӣ танзим карда ша-вад, то ки боиси ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва боварии аъзои оила гардад.

Вазифаи асосии қонунҳои оилавӣ аз мустаҳкам намудан ва дар заминаи меҳру муҳаббати якдигар барпо намудани оила, дар рӯҳияи садоқат ба Ватан ва иштироки фаъолона барои пешбурди ҳаёти ҷомеа тарбия намудани фарзанд мебошад.

**Муносибатҳои оиладорӣ дар Шарқи қадим.** Аз таърихи инкишофи оила маълум мешавад, ки Осиёи Миёна низ яке аз қадимтарин кишварҳоест, ки дар сарзамини он ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Инкишофи маданият дар ин сарзамин таърихи чандинҳазорсоларо дар бар мегирад. Дар арафаи истилои арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом дар Осиёи Миёна мардумони ин кишвар, ки асосан тоҷикон буданд, ҷомеаи феодалиро аз сар мегузарониданд.

Дар бораи тарзи оиладории тоҷикон аз рӯйи осори таърихӣ маълум мегардад, ки занҳо баробари мардон дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок мекарданд. Дар асарҳои таърихшиносони Юнони қадим омадааст, ки дар Оси- ёи Миёна, ки асосан тоҷикон зиндагӣ мекарданд, занҳо баробари мардон санъати ҳарбиро меомӯхтанд. Онҳо аспсавор ва камондорони моҳир буданд. Мувофиқи маълумоти Элиан қабилаҳои сакоиҳои Осиёи Миёна анъанае доштанд, ки мувофиқи он номзадҳо (арӯсу домод) пеш аз издивоҷ бояд қувваозмоӣ мекарданд. Агар домод ба арӯсшавандаи худ ғалаба кунад, ҳуқуқ дошт, ки ӯро ба занӣ бигирад.

Чунин маълумоти таърихшиносон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар байни тоҷикон дар замонҳои қадим ҳуқуқи

зану мард баробар буд, занҳо дар корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ фаъолона ширкат меварзиданд. Хонадоршавӣ ҳам бо розигии якдигар сурат мегирифтааст.

Бозёфти таърихии кӯҳи Муғ дар соли 1933 (ноҳияи Айнӣ) яке аз аҳдномаҳои қадимтарини масъалаҳои никоҳӣ ба ҳисоб рафта (асри VIII пеш аз милод), аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи танзими ҳуқуқии молумулкӣ, баробарии ҳамсарон дар ҳалли масоили оилавӣ дар оилаи Шарқ вуҷуд дошт.

Аз байни асноди ёфташуда қарордоди ақди никоҳи суғдиён Дугдонча бо Утегин (пеш аз ислом) махсус буда, дар он дар бораи ташкили оила маълумоти дақиқ оварда шудааст. Мазмуни мухтасари ин санад он аст, ки Дугдонча бо Утегин бо розигии якдигар издивоҷ мекунанд. Мувофики қарордод Утегин бояд занаш Дугдончаро дӯст дорад ва эҳтиром кунад, ӯро бо сарулибос, хӯрок таъмин намояд. Дугдонча ҳам қавл медиҳад, ки шавҳарашро дӯст дошта, иззату ҳурмат мекунад.,

Зан низ ҳуқуқ доштааст, ки бо ташаббуси худ аз шавҳараш ҷудо шавад. Агар шавҳар занашро талоқ кунад, вай бояд сарулибос, хӯрок ва анҷоми бо худ овардаашро ба ӯ бидиҳад.

Агар зан аз шавҳар ҷудо шуданӣ бошад, вай бояд қарори худро ба мард бигӯяд ва анҷомашро гирифта аз хонаи шавҳар биравад. Маълум мегардад, ки дар масъалаи ҳуқуқи зану мард аҷдодони мо аз рӯйи адлу инсоф амал мекардаанд.

Масъалаи оиладорӣ ва ҳуқуқи оилавӣ дар мамлакатҳои Шарқ бо хусусияти хосси худ дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз мамлакатҳои Ғарб фарқ мекард. Агарчанде оила ва муносибатҳои оилавӣ дар мамлакатҳои Шарқ асосан дар зери таъсири дин (таълимоти дини будоӣ, дини зардуштӣ, дини ислом) рушд карда бошад ҳам, хусусиятҳои хосси худро дошт ва пешрафта ҳам ҳисобида мешуд. Гузаштагони мо дар ҳар давру замон фосиқону зинокоронро маҳкум сохтаанд. Камолиддин Биноӣ ашхосеро, ки ба бадрафторӣ

машғул шуда, шарафи оиларо паст мекунанд, сахт маҳкум карда, тавсия мекунад, ки ба ин роҳи бад қадам нагузоранд. Шоир дар достони «Беҳрӯзу Баҳром» дар боби нафрат ба зино гуфтааст:

*Эй бародар, қадам манеҳ ба зино!*
*Дину дунёи худ мадеҳ ба фано...*
*Покдоман чу ғунчаи гул бош,*
*Қонеъ аз диданӣ чу булбул бош.*
*Майли тардоманӣ макун чу саҳоб!*
*К-ин амал аз рухи ту резад об.*

**Масъалаи оиладорӣ дар аҳди Сосониён.** Дар аҳди Сосониён, мувофиқи таълимоти дини зардуштӣ, ки мардум асосан ба он пайравӣ мекард, ташкили оила, таъсиси хонадорӣ аввалин пояи маданияти инсонӣ дар ҳамон давраи таърихӣ ба ҳисоб рафта, қонуниятҳои махсуси худро дошт. Яке аз қонуният ва талаботи ҳатмӣ ризоияти издивоҷкунандагон ба ҳисоб мерафт, ки онро шарти муҳим ва бунёди оилаи солим меҳисобиданд. Синни никоҳӣ дар аҳди Сосониён аз 16-солагӣ, ки синни ба балоғат расидани ҷавонон ба ҳисоб мерафт, муқаррар гашта буд. Дар ин син ҷавонон ҳатман бояд коре ё шуғле меварзиданд, то ки рӯзгори хешро таъмин карда тавонанд.

Бунёди оила дар аҳди Зардушт амали муҳим шуморида мешуд ва худи Зардушт ба ҷавондухтарон ва ҷавонписарон таъкид менамуд, ки ба масъалаи барпо кардани оила бепарвоӣ ва беаҳамиятӣ накунанд. «Инак, эй духтарони шӯйкунанда ва ҷавононе, ки пайванди заношӯйӣ мебандед, суханони маро хуб ба ёд биспоред. Аз рӯйи меҳру фарзонагӣ ҳар яке аз шумо бояд бар он бошад, ки дар меҳрварзӣ ва дӯстиву покӣ ва порсоӣ бар дигаре пешӣ ҷӯяд, ки ин беҳтарин шеваи комгорӣ дар зиндагӣ хоҳад буд» – таъкид шудааст дар готҳои Авасто. Дар ҷойи дигар ба масъалаи озод будани интихоби ҳамсар ва масъулияти падару модар

барои ба ҳаёти мустақилона омода кардан ва гуселонидани фарзандон таъкид шудааст:

«Ба гӯшҳоятон беҳтарин суханро бишнавед, бо андешаи равшан дар онҳо бингаред, зану мард бояд худашон роҳи худро интихоб намоянд». Дар «Маҷмӯаи ҳуқуқи Сосонӣ», ки дар аҳди Сосониён таълиф шуда ба ҳукми қонун даромадааст, чанд боби алоҳида дар бораи ташкили оила, никоҳу талоқ, тартиби бастани никоҳ ва интихоби ҳамсар оварда шудааст.

**Муносибатҳои оилавӣ мувофиқи таълимоти ислом.** Дини ислом дар ибтидои асри VII дар нимҷазираи Арабистон (ҳозира Арабистони Саудӣ) пайдо шуда, сипас аз он ҷо ба кишварҳои дигар – Эрон, Афғонистон, Осиёи Миёна ва аз он ҷумла Тоҷикистон низ паҳн гардидааст. Паҳншавии он аз солҳои 40-уми асри VII (аз Эрон) шурӯъ шуда, то охирҳои солҳои 30-юми асри VIII дар сарзамини тоҷикон ба анҷом расидааст. Дар оғози истилои араб мардуми таҳҷоӣ, ки асосан тоҷикон буданд, дину оини суннатӣ ва урфу одатҳои анъанавии худро доштанд, барои аз даст надодани онҳо ба лашкари араб муқобилияти сахт нишон медоданд. Масалан, дар дини ҳамондавраи мардуми форсу тоҷик – зардуштия нурурӯшноӣ, гармӣ, оташ, Офтоб тимсолҳои худованди бузург Аҳурамаздо ҳисоб мешуданд ва мавриди парастиш қарор мегирифтанд. Ин парастиш хусусияти на танҳо динӣ, балки табиӣ (натуралистӣ) низ дошт. Онҳо ҳақиқатан падидаҳои худи табиат буданд ва ба табиат: замин, зиндагӣ, деҳқонӣ, чорводорӣ пайвастагӣ доштанд. Чизи аз ҳама муқаддас дар оила оташ ва оташдон буд. Соҳиби он зан – модар дониста мешуд. Зиндагӣ, ҳаракат (баръакси беҳаракатӣ ва карахтӣ), сабзиш (наботот), парвариш (ҳайвонот), таваллуд (фарзанд) ва тарбияи он бо роҳи нек (хайр) шарти диндорӣ ва ибодат ҳисоб мешуд. Оташ қувваи гармкунанда, нурдиҳанда (чароғ), сӯзанда (поккунандаи мурдорҳо) ва дигар ҷиҳатҳои нек ба шумор мерафт. Шиори пайравони дини зардуштия «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» буд.

Вале оҳиста-оҳиста дар ин сарзамин дини ислом ҷорӣ гардида, ҷойи зардуштия ва таомулҳои онро гирифт.

Яке аз хусусиятҳои ба оила хосси дини ислом ҳамин аст, ки муносибатҳои падарсолорииро дар оила ҷорӣ намуда, дар муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ меъёрҳои навро ворид кард, ки аксари онҳо барои устувор нигоҳ доштани муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ, пояҳои ахлоқӣ ва рӯҳию маънавии оила, аз ҷумла садоқат ба ҳамдигар, масъул будани падару модар дар нигоҳубин ва таълиму тарбияи фарзандон ва баръакс, масъулияти фарзандон дар бобати эҳтироми падару модар ва парастории онҳо, мавҷудияти фазои осоиш ва эътимоду боварӣ дар оила нигаронида шудаанд.

Дини ислом низ зиноро (алоқаи ҷинсии ғайри никоҳи расмӣ) қатъиян маҳкум месозад ва ин амал гуноҳи азим дониста мешавад. Тибқи аҳкоми шариат содиркунандаи ин гуноҳ бояд сангсор карда шавад. Дар «Наҳҷ-ул-ҳидоя» дар боби зино аз забони Муҳаммад пайғамбар гуфта шудааст: «Эй уммати ман, савганд ба Худованд, ҳеҷ чиз палидтар аз зино дар назари Худованд нест». Дини ислом бо ҳамин роҳ одамонро аз бадрафторӣ нигаҳ дошта, устувории ахлоқ ва оиларо тарғиб менамояд.

**Оила ва никоҳ дар даврони шӯравӣ.** Дар замони шӯравӣ масъалаи муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ то андозае тағйир ёфта, танҳо ҳамон никоҳе эътироф карда мешуд, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта мешуд. Ҳанӯз соли 1917 КИМ-и умумирусиягӣ ва Шӯрои халқи ҶФШСР ду декрет – «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва «Дар бораи бекоркунии никоҳ»-ро қабул карда буд, ки барои қабули дигар қонуну санадҳои танзимкунандаи оила ва муносибатҳои оилавӣ замина гузошт. Баъдтар (16 сентябри соли 1918) кодекс дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ қабул карда шуд, ки синни никоҳиро барои мардон аз 18-солагӣ ва барои занон аз 16-солагӣ муқаррар намуд.

Баъд аз инқилоби Октябр бо барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ меъёрҳои нав ворид карда шуд. Дар ин давра Тоҷикистон аввал ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон (соли 1924) ва баъдан ҳамчун ҷумҳурии мустақил (соли1929) дар низоми қонунгузории оилавӣ вобаста ба ҳувияти миллии мардум таклифу пешниҳодҳо ба миён гузошт. То соли 1928 дар Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон судҳои қозигӣ фаъолият мекарданд, ки вазифаи никоҳ карданро низ иҷро менамуданд. 28 апрели соли 1929 Анҷумани 11-и умумитоҷикии Шӯроҳо баргузор гардида, дар он Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар самти қонунгузории оилавӣ низ як пешравӣ ва дигаргунӣ ба ҳисоб мерафт. Баробари пешравии ҷомеа ва рушди соҳаҳои мухталиф дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ қабул карда шуд, ки масъалаи муносибатҳои оилавӣ, никоҳ ва бекор кардани онро ба танзим медаровард.



***Саволҳо***

*1.Сарчашмаҳои таърихии пайдоиши оиларо номбар кунед.*

*2. Муносибатҳои оилавӣ дар давраи модаршоҳӣ ва падаршоҳӣ чӣ гуна ба роҳ монда шуда буданд?*

*3 .Мақоми меҳнат дар ташаккули одам аз чӣ иборат аст?*

*4 .Ақидаи «меҳнат одамро офарид»-ро чӣ тавр мефаҳмед?*

*5 .Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ барои мардуми Шарқ, хусусан тоҷикон, кадом манбаъҳо маҳсуб меёфтанд?*

*6 .«Маҷмӯаи ҳуқуқи Сосонӣ» кадом масъалаҳоро дар бар мегирад?*

*7 .Тибқи таълимоти ислом муносибатҳои оилавӣ чӣ гуна роҳандозӣ карда мешавад?*

*8 .Дар замони шӯроҳо дар масъалаи муносибатҳои оилавӣ чӣ тағйирот ворид карда шуд?*

## §3. ОИЛА ВА ВАЗИФАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ОН

Оила иттифоқи озод, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи байни зану мард буда, дар асоси муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили хонавода ва идомаи насл ташкил карда шуда, тахти ҳимояи давлат қарор дорад. Ҷомеа аз оилаҳо иборат аст ва оилаи солим ҷомеаи солимро ташкил медиҳад. Агар оила устувору пойдор ва аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ солим бошад, ҷомеа низ устувор мешавад. Оила ба ҳаёти ҷомеа тавассути таваллуду тарбияи кӯдак, ташкили хонавода, шароити мусоиди зиндагӣ ва ҳастӣ, рушди ҷисмонию равонӣ ва маънавӣ мепайвандад. Барои солим нигоҳ доштани оила муҳим аст, ки аъзои он, пеш аз ҳама, муносибати худро дар доираи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми тарафҳо, нигоҳ доштани шаъну шараф ва эътибори ҳар як узви оила ба роҳ монанд.

Мавқеъ ва нақши оила дар ҷамъият хеле бузург буда, он асоси давлатро ташкил медиҳад. Чӣ тавре ки иморат аз хиштҳо бунёд меёбад, давлат ҳам аз оилаҳо иборат мебошад. Бинобар ин вазъияти оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат таъсири бевосита мерасонад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми оила дар ҷамъият ба дунё овардани насл аст. Таҳлилҳои оморӣ собит менамоянд, ки дар кишварҳое, ки оилаҳо танҳо як фарзанд доранд, аҳолии онҳо сол аз сол кам мешавад. Аз ин рӯ барои нигоҳ доштани сатҳи шумораи аҳолӣ оилаҳо бояд на камтар аз ду фарзанд тавлид намуда, онҳоро ба воя расонанд. Табиист, ки волидон бо мурури замон пир шуда аз дунё мегузаранд. Агар дар оила як фарзанд ба воя расида, танҳо ҷойи волидонро дар ҷамъият пур кунад, ин ҳолат сабаби кам гаштани аҳолӣ мегардад. Агар оила ду фарзандро ба воя расонад, пас волидон ба ивази хеш барои ҷамъият ду нафарро тайёр менамоянд. Дар ин ҳолат шумораи аҳолӣ дар як сатҳ нигоҳ дошта мешавад.

Маълум аст, ки на ҳамаи фарзандон ба воя мерасанд. Қисме аз онҳо дар хурдсолӣ бо сабабҳои гуногун вафот мекунанд. Ин ҳолатҳо ҳам сабаби кам шудани шумораи аҳолӣ мегардад. Бинобар ин барои нигоҳ доштани шумораи аҳолӣ оила бояд камаш се фарзандро ба воя расонад. Кам ва ё аз ҳад зиёд гаштани аҳолӣ ба иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоии давлат таъсири худро мерасонад.

Масалан, дар қисми аврупоии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва як қатор давлатҳои аврупоӣ аз сабаби афзоиш наёфтани аҳолӣ дар корхонаҳои саноатӣ коргарон нарасида, деҳот рӯ ба харобӣ меорад.

Бинобар ин ба танзим даровардани шумораи таваллуди фарзандон дар оила хеле муҳим аст. Ин масъаларо дар илм ба танзим даровардани нуфуси аҳолӣ ё танзими демографӣ меноманд.

Ба дунё омадани тифл барои ҳар як оила боиси шодию хурсандӣ мегардад. Қадами мубораки тифл ба хонадон нуру

зиё ва саодату сафо бахшида, оиларо мустаҳкам, иродаи волидонро қавӣ ва боварию эътимоди онҳоро ба якдигар афзун мегардонад. Дар баробари ин бояд дарк намуд, ки барои солим нигоҳ доштани оила масъулияти баланде ба дӯши волидон хоҳад буд. Зеро таваллуди фарзанд, дар баробари шодию фараҳ бо худ масъулияту вазифаҳои муайянеро ба миён меорад. Солиму бардам ба воя расонидани фарзанд яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми оила дар назди ҷамъият буда, аз падару модар масъулияти хеле зиёдро талаб менамояд.

Падару модар вазифадоранд, ки нисбати тарбияи фарзандон ғамхорӣ намоянд, онҳоро ҳамчун шахсони арзандаи ҷамъият ба воя расонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти оилаҳо ба тарбияи фарзандон диққати махсус дода, онҳоро дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтироми калонсолон ва дигар арзишҳои волои башарӣ тарбия менамоянд. Мутаассифона, оилаҳое низ ҳастанд, ки ба тарбияи фарзандон чандон эътибор намедиҳанд, ки ин ба ташаккули шахсияти фарзандон таъсири манфӣ расонида, тарбияи минбаъдаи онҳоро мушкил мегардонад.

Танҳо ҳаваси тарбияи фарзанди хуб кардан кам аст, балки аз уҳдаи тарбияи фарзанд баромадан лозим. Ҳар як падару модар бояд ба хубӣ дарк намояд, ки тарбияи фарзанд яке аз паҳлуҳои муҳимми ҳаёти мост. Тарбияи хуб сарбаландӣ, бахту саодат ва ифтихори мо, тарбияи бад шармсорӣ, бадбахтӣ ва хиҷолатмандии мо дар назди ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ мо бояд тарбияи фарзандро на танҳо кори шахсӣ, балки ҳамчун масъулият ва қарзи шаҳрвандӣ дар назди ҷомеа бидонем.

Дар раванди тарбия волидон ҳамон вақт муваффақ мегарданд, ки барои рушди ҷисмонӣ ва ақлонии кӯдак шароити мусоид фароҳам оваранд. Мақсад, вазифа ва роҳҳои амалӣ кардани онро ба хубӣ дарк намуда, аз усулҳои дурусти тарбия истифода бурда, нисбати кӯдак

талаботи ягона дошта бошанд ва бо рафтору кирдору гуфтори худ дар назди фарзандон намуна бошанд. Ҷавҳари муносибати волидон ва фарзандонро бояд муҳаббат ва боварӣ, ки аз эҳтироми тарафайн асос ёфтааст, ташкил намояд.

Дар оилаҳое, ки муҳити солим, муносибати дӯстона ва ҳамдигарфаҳмию боварӣ ҳукмфармост, барои тарбияи фарзанд заминаю имконоти хубе муҳайёст. Зеро чунин оилаҳо бештар аз муҳаббату вафодорӣ, масоили тарбиявию ахлоқӣ суҳбат ба миён меоранд, ки худ аз худ чунин муҳит ва муносибат олами ботинии кӯдакро аз муҳаббату вафодорӣ пайваста бою ғанӣ мегардонад.

Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки муҳити оила доимо якрангу якмаром нест. Оила гоҳо ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Баробари ба воя расидани фарзандон талаботи онҳо бештар ва дахлу сарфи оила боз ҳам зиёдтар мегардад, ки ин ҳама ба муҳити тарбия дар оила бе асар намемонад.

Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар». Аз ин рӯ тавлиди фарзанд ҳанӯз нисфи кор аст. Кори муҳим ва асосӣ тарбия намудан ва ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Ин вазифаи муҳим ва масъул дар назди оила мебошад. Тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти мустақили оилавӣ, пеш аз ҳама, вазифаи падару модар аст. Кӯдаки навзод, ки ӯро ба ниҳоли наврас монанд мекунанд, дар оила чашм кушода оламро мебинад, тадриҷан падару модар, хешу таборашро мешиносад, табассум кардан, хестану нишастан, қадами нахустин гузоштанро меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроту ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар ибтидо гирифта, бо таъсири бевоситаи онҳо ташаккул меёбад. Роҷеъ ба ин масъала Абӯшакури Балхӣ гуфтааст:

*Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ*
*Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.*
*Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон, боз натвонадаш,*
*Ки аз кажжию хам бигардонадаш.*

Бесабаб нест, ки дар мамлакати мо тарбияи фарзанд вазифаи оила, мактаб ва ҷомеа дониста мешавад. Дар сурати нодуруст ба роҳ мондани тарбия дар оила мақомоти расмӣ ба он дахолат мекунад.

Волидон вазифадоранд, ки ба фарзанд дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ, меҳмондорӣ, муносибат ба хешу табори якдигар ва тарбияи фарзанд суҳбатҳо гузаронанд ва дар ин кор анъанаҳои беҳтарини халқи тоҷикро истифода намоянд.

Вазифаи дигаре, ки дар назди ҳар оила меистад, ин тарбияи хоҷагидорӣ ва меҳнатдӯстии фарзандон мебошад. Муҳаббат ба меҳнат аз кӯдакӣ ташаккул меёбад. Муносибати софдилонаи калонсолон ба меҳнат ба фарзандон таъсири мусбат мерасонад.

Ҳар як оила вазифаи хоҷагӣ-истеҳсолиро иҷро мекунад ва ин кор махсусан дар деҳот хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар деҳот ҳар оила барои кишту кори шахсӣ дар назди хона замин дорад ва барои рӯёнидани маҳсулот ҳамаи аъзои оила дар он меҳнат мекунанд. Қисми ҳосиле, ки оила аз замини назди ҳавлӣ мерӯёнад, барои истеъмоли худи онҳо сарф шуда, қисме аз он дар бозор фурӯхта мешавад. Дар Тоҷикистон саҳми хоҷагии шахсӣ дар таъмини ҷамъият бо маводди хӯрокворӣ, аз қабили гӯшт, шир, тухм, маҳсулоти кишоварзӣ хеле калон аст.

Таъсири фаъолияти хоҷагиҳои оилавӣ ба таъминоти ҷамъият хеле калон аст ва ободу арзон будани маҳсулоти кишоварзию чорводорӣ дар бозорҳо ба он вобаста аст.

Меҳнат кардан дар замини назди ҳавлӣ, нигоҳ доштани чорвои шахсӣ ва анҷом додани корҳои хоҷагии оила иштироки ҳамаи аъзои оиларо талаб мекунад. Аз ин рӯ фарзандони деҳотӣ аз хурдӣ ба кори хоҷагидорӣ ҷалб карда мешаванд, ки ин барои онҳо як мактаби тарбияи меҳнатию хоҷагидорӣ мегардад. Бачаҳо дар замини назди ҳавлӣ кор мекунанд, меваю сабзавот ҷамъ меоваранд, барои чорво хошок захира мекунанд. Духтарон ба чорво нигоҳубин карда, кори хонаро анҷом медиҳанд, хӯрок мепазанд.

Онҳо ҳамчун шахси дар меҳнат обутобёфта ба камол мерасанд ва таҷрибаи андӯхтаи худро барои тарбияи фарзандони ояндаи хеш истифода мебаранд. Абулқосим Фирдавсӣ гуфтааст:

*Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,*
*Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.*

*Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ,*
*Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.*

Дар оилаҳое, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, иҷрои вазифаҳои хоҷагии оила ба дигар низом сурат мегирад. Оилаҳое, ки соҳиби хонаи шахсӣ мебошанд, дар ҳавлиашон дарахтони мева ва кашничу пиёз рӯёнида метавонанд.

Чунин оилаҳо то андозае монанди деҳотиён дар корҳои хоҷагӣ баробар иштирок меварзанд. Ҳарчанд онҳо маҳсулоти хоҷагии худро ба бозор набароранд ҳам, қисман талаботи оилаи худро таъмин мекунанд.

Оилаҳое, ки дар хонаҳои баландошёна зиндагӣ доранд, аз кори хоҷагидорӣ маҳруманд. Вазифаҳои хоҷагии онҳо танҳо аз кори хона, аз қабили рӯбучин, пухтупаз, шустушӯй иборат аст. Ин оилаҳо ягон маҳсулот истеҳсол намекунанд ва танҳо истеъмолкунанда мебошанд. Чунин падару модарон бояд фарзандони худро ба корҳои хоҷагии оила ҷалб намоянд. Хоҷагидорию оиладориро ба онҳо омӯзонанд ва ба ҳаёти мустақили оилавӣ омода намоянд.

Оила ҳамчун асос ва занҷири муҳимми ҷомеа вазифаҳои муайянро иҷро менамояд. Моҳияти оила бевосита дар вазифа, тартиб ва рафтори аъзои он зоҳир мегардад. Муҳимтарин вазифаи оила, чи дар гузашта ва чи дар замони муосир таваллуд, яъне ба дунё овардани насл мебошад.

Дар оила давраи аввали тарбияи фарзандон оғоз меёбад ва то ташаккули шаҳрванди комил давом мекунад. Нигоҳубини аъзои корношоями оила вазифа ва уҳдадории аъзои коршоями оила мебошад. Маҳз оила маишати аъзояшро таъмин мекунад, ба тартиб меоварад ва назорат мекунад.

Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ барои расидан ба рӯзгори обод ва ҳаёти солим вазифаҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ, равонӣ, таъмини шароити мусоиди маишию эҷодӣ, меҳнат, беҳдошти саломатӣ, ҳифзи саломатӣ ва амсоли инҳоро иҷро менамояд. Яке аз муҳимтарин вазифаи оила, ки ба ҳамаи комёбиву камолоти фард ва хислати инсонӣ нақши бештар дораду муассир аст, тарбия мебошад.

Вазифаҳои дигари оила нигоҳ доштани пайванди наслҳост. Дар урфият мегӯянд, ки «ҳар шахс бояд ҳафт пушти худро донад», яъне дар бораи бобову бобокалон, момову момокалон ва дигар аҷдоди худ маълумот дошта бошад. Ин вазифаи падару модар аст, ки бояд дар бораи аҷдоди гузаштаи худ ба фарзандон ҳикоя кунанд. Бештари вақт агар бобову бибӣ дар қайди ҳаёт бошанд, ба набераҳояшон дар бораи гузаштагон ва хешу таборашон нақл мекунанд. Фарзандон, ки калон шуданд, падару модар онҳоро ба хонаҳои хешу табор ва дӯстонашон мебаранд. Хешу табору дӯстон ба дидорбинии онҳо меоянд. Ҳамин тариқ, бачаҳо хешу табор, дӯстони оиларо мешиносанд, бо фарзандони онҳо дӯстӣ пайдо мекунанд, ба хешу табор меҳр мебананд ва бо ин робитаи авлодию дӯстӣ мустаҳкам мегардад. Бе мададу дастгирии хешу табор ва ёру дӯстон зиндагӣ кардан мушкил аст. Чунонки Муҳаммад Ҳиҷозӣ гуфтааст: «Танҳо

ба дунё меоем ва танҳо меравем. Вой, агар танҳодил зиндагӣ кунем».

Муносибати нек ба хешу табор, дӯстон, қадршиносию меҳрубонӣ, омода будан ба мадади ҳамдигар ба фарзандон дарси ибрат мешавад.

Дар «Панҷсад ҳадис» омадааст, ки «Беҳтарин эҳсон ба падар ин аст, ки пас аз марги ӯ бо дӯстонаш муҳаббат кунӣ!».

Ин пандро ҳар шахс бояд дар ёд дошта бошад ва нагузорад, ки риштаи дӯстӣ бо хешу табор ва ёру дӯстон канда шавад.

Ин ҷо танҳо якчанд вазифаи ҷамъиятии оила номбар карда шуд. Аммо ҳаёт аз шумо шояд ҳал кардани вазифаҳои гуногуни дигарро низ талаб намояд, ки ба иҷрои он бояд омода бошед.

**Савол ва супориш**

*1. Нақши оила дар ҷомеа аз чӣ иборат аст?*

*2. Вазифаи оиларо дар тарбияи фарзанд номбар кунед.*

*3. Оё шумо дар оилае, ки зиндагӣ мекунед, худро озод ҳис мекунед?*

*4. Оё падару модаратон бо шумо дар масъалаҳои оиладорӣ суҳбат мекунанд?*

# ФАСЛИ II.
# ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ТАШКИЛИ ОИЛА

## §4. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ба роҳ монда мешавад. Қонунгузории оилавӣ муносибатҳои оилавиро танзим карда, дар таъмини ҳуқуқҳои аъзои оила нақши муҳим мебозад.

Давлат вазифаи тарбиявии волидонро ҳамчун уҳдадории муҳимми ҷамъиятию шаҳрвандӣ эътироф намуда, оиларо зери ҳимояи худ қарор додааст. Моддаи 33-и Конститутсияи (Сарқонуни ) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Дар ин модда уҳдадории давлат дар мавриди таҳти ҳимояи худ гирифтани оила, ҳамчун асоси ҷамъият, таъкид шудааст. Таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила чунин маъно дорад, ки давлат дар ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоиву ҳуқуқии марбут ба солимӣ ва пойдории оила худро уҳдадор мешуморад. Аз ҷумла, ғамхорӣ ба саломатии модар ва кӯдак, ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, таъмини шароити мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакон, кафолати иҷтимоӣ ҳангоми пиронсолӣ ва корношоямӣ, дастрас будани таҳсил дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғ.

Бояд зикр кард, ки тамоми уҳдадориҳое, ки давлат дар самти ҳимоя ва дастгирии оила ба зимма гирифтааст, бевосита аз муқаррароти моддаи 25-и Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар (аз 10 декабри соли 1948) бармеояд. Дар Эъломияи ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар санадҳои дахлдори байналмилалӣ оила ҳамчун рукни табиӣ ва асосии ҷамъият эътироф шуда, таъкид гардидааст, ки модарон то

давраи таваллуд ва баъди таваллуд бояд ба ғамхории махсус фаро гирифта шаванд. Пешбинӣ намудани чораҳои махсуси ҳимояи модар ва ба ҳимояи махсус фаро гирифтани кӯдакон яке аз шаклҳои дастгирии иҷтимоии оила мебошад.

Ҳимояи ҳуқуқи кӯдак, ки фарогири ҳуқуқҳои инсон то синни 18-сола мебошад, дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дарҷ гардидаанд. Дар ин Конвенсия қайд гардидааст, ки давлатҳои аъзо тамоми ҳуқуқҳои дар ин Конвенсия пешбинишударо нисбат ба ҳар як кӯдаке, ки дар доираи ҳуқуқии онҳо қарор дорад, бе ягон табъиз (ҷудокунӣ, бартарӣ додан ва ё паст задан), сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ, асли миллӣ, қавмӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, саломатӣ ва таваллуди кӯдак, волидон ё парасторони қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар, эҳтиром ва таъмин мекунанд.

Яке аз санадҳои асосие, ки муносибатҳои оилавиро дар ҷумҳурии мо ба танзим медарорад, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 13 ноябри соли 1998 қабул гардидааст. Кодекси мазкур аз 8 фасл, 22 боб ва 178 модда иборат мебошад. Он паҳлуҳои ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ, масъулият ва вазифаҳои аъзои оила, акдномаи никоҳ, синни никоҳӣ, ҳуқуқи кӯдак дар оила, пардохти алимент, ҷавобгарии тарафҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба муносибатҳои оилавиро ба танзим медарорад.

Оила пайванди ибтидоии ҷамъият буда, дар ташкилу иҷрои вазифаҳои хеш мустақилона амал мекунад.

Солҳои охир, махсусан пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мустаҳкам гардидани оилаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Давлат баҳри беҳтар намудани шароити оилаҳо, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак ғамхорӣ намуда, барои омода кардани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ тадбирҳои амалӣ меандешад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ кардани омӯзиши фанни маърифати оиладорӣ ҳам яке аз он тадбирҳо мебошад.

Ҳар як ҷавон пеш аз хонадор шудан бояд ба қонунгузории кишвар оид ба оила шинос шавад. Донистани қонун ва риоя намудани он ба мустаҳкам гардидани оила ёрӣ мерасонад. Ҷавонон бояд донанд, ки танҳо никоҳи дар ташкилотҳои ақди никоҳ бақайдгирифташуда қонунӣ буда, оилаи баробарҳуқуқи ҷамъиятиро ташкил медиҳад.

Никоҳи ғайрирасмӣ, яъне никоҳе, ки дар ташкилотҳои ақди никоҳ ба қайд гирифта нашудааст, ғайриқонунӣ буда, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳарро ба танзим дароварда наметавонад. Дар ҳолати вайрон гаштани оилаҳои ғайрирасмӣ (яъне оилаҳое, ки аз қайди никоҳи расмӣ нагузаштаанд) аксаран занҳои ҷавон дар ҳолати ногувор мемонанд.

Масалан, духтари 18-сола танҳо бо никоҳи динӣ ба шавҳар дода шуд. Баъд аз тӯй арӯси ҷавонро ба хонаи домод бурданд. Вақти муайяне гузашту зани ҷавон фарзанд ёфт. Шавҳараш, ки донишҷӯ буд, оилаашро аз таваллудхона бо тифли навзод ба хонаи модарарӯс (хушдоман)-аш оварда монду бо ҳамин ғайб зад. Баъд аз чанд моҳ модарарӯсаш кӯрпаву кӯрпача ва либосҳои арӯсро оварда гуфт, ки умедашро аз шавҳараш канад, вай дигар намеояд ва зани дигар гирифтанӣ аст.

Зани ҷавон кор намекард ва аз шавҳараш ёрдампулӣ низ намегирифт. Баъд аз оворагӣ ва давутози зиёд ба ин зан муяссар шуд, ки барои фарзанд нафақапулӣ бигирад. Сабаби оворагиҳо бошад, набудани шаҳодатномаи ақди никоҳ буд.

Тибқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор доранд». Давлат кафолат медиҳад, ки ҳар оила ва узви онро таҳти ҳимояи худ гирад.

Дар бештар маврид оилаҳо ва шаҳрвандони мо аз нокифоя будани дониши ҳуқуқӣ то ҳол моҳияти қонунро дуруст дарк накардаанд. Кам нестанд оилаҳое, ки мисли чунин ҷавондухтарон бе сабти қонунии никоҳ оила барпо карда, зиндагӣ ба сар мебаранд. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва тибқи

қонунҳои ҷорӣ раъйи зану шавҳарро, ки ихтиёран оила барпо мекунанд, танҳо дар он ҳолат ба инобат мегиранд, ки онҳо аз ҷониби мақомоти давлатии Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта, ақди никоҳашон ба расмият дароварда шуда бошад. Яъне шаҳодатномаи ақди никоҳ барои онҳо ҳуқуқи занушавҳариро медиҳад ва асоси барпо гардидани оилаи нав маҳсуб мeёбад. Мақомоти давлатӣ ақди никоҳеро, ки танҳо бо расму оинҳои динӣ сурат гирифтаанд, ба эътибор намегирад. Зеро дар ҳолати барҳам хӯрдани оилаи дар асоси никоҳи динӣ ташкилшуда давлат кафолат дода наметавонад ва бе молу мулк мондани зан аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин аз қайди мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаштани ҷавонон аҳамияти махсус дорад. Танҳо шаҳодатномаи ақди никоҳ ҳуҷҷати асосӣ ва далели тасдиққунандаи аз қайд гузаштани ақди никоҳ ба шумор рафта, ҳуқуқҳои зану мардро муқаррар менамояд.

Барои аз қайди никоҳ гузаштани навхонадорон мувофиқи моддаи 12-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои асосии ақди никоҳ чунинанд:

1. Розигии марду зани издивоҷкунанда;
2. Ба синни никоҳӣ (18-солагӣ) расидан.

Мутобиқи тағйиру иловаҳое, ки ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, синни никоҳӣ дар ҷумҳурӣ аз 18-солагӣ муқаррар гардида, дар ҳолатҳои истисноӣ бо ҳалномаи суд синни никоҳӣ аз 17-солагӣ муайян карда мешавад. Ҳолатҳои дигари никоҳи ғайриқонунӣ ҷиноят ҳисобида мешавад.

Шахсоне, ки духтар ё писарро маҷбурӣ ба никоҳ розӣ мекунанд, мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Бо вуҷуди ин ҷавонон набояд ба сабукфикрию беандешагӣ роҳ диҳанд. Маслиҳати падару модарро ҳаматарафа гӯш карда, номзад ва ё дилдодаи худро хуб бисанҷанд, дар бораи шубҳаи худ аз падару модар маслиҳат пурсанд. Падару

модар таҷрибаи бойи ҳаётӣ доранд ва онҳо низ баҳри бахту саодати фарзандонашон мекӯшанд. Беҳуда нест, ки бузургон гуфтаанд:

*Бе пир марав, ки дар бимонӣ,*
*Ҳарчанд Сикандари замонӣ.*

Қонун ҳам масъулияти ҷавононро пеш аз оиладоршавӣ ба назар мегирад. Дар қонунгузорӣ муҳлати як моҳ пеш аз қайди никоҳ ариза додани издивоҷкунандагон пешбинӣ шудааст, то ки ҷавонон дар ин муддат дар бораи шахси интихобкардаашон ва ҳаёти оиладорӣ хубтар мулоҳиза намоянд.

Танҳо дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои узрнок: сафари хидматии дарозмуддат, бемории яке аз хешовандон, даъват ба хизмати ҳарбӣ ин муҳлати муқарраршуда аз тарафи ташкилотҳои дахлдор кӯтоҳ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, зан ва мард танҳо баъди қайди никоҳ дар идораи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ зану шавҳари комилҳуқуқ дониста мешаванд.

Ҳамзамон, гуфта мешавад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар баъд аз ақди никоҳ ба вуҷуд меояд. Зану шавҳар дар оила баробарҳуқуқанд ва дар назди оилаю ҷамъият вазифа ва масъулияти муайян доранд.

Ҳангоми аз қайди никоҳ гузаштан зан ҳуқуқ дорад, ки насаб (фамилия)-и худро нигоҳ дорад ё насаби шавҳарро қабул кунад. Одатан бештари занҳо насаби шавҳарро қабул мекунанд.

Агар ақди никоҳ бекор карда шавад ва зану шавҳар аз ҳамдигар ҷудо шаванд, зан метавонад боз насаби пешинаи худро барқарор кунад. Азбаски фарзандон насаби падарро қабул мекунанд, бинобар ин бештари занҳо насаби худро иваз намекунанд. Ин иқдоми онҳо дуруст аст, зеро баъд аз ҷудо шудани волидон фарзандон, новобаста ба он ки бо кадоме аз онҳо мемонанд, бояд як насаб дошта бошанд.

Ҳангоми қатъ гаштани ақди никоҳ дар масъалаи тақсими анҷоми хона байни зану шавҳар норозигӣ ба вуҷуд меояд. Ҳар яке мехоҳад моли гаронбаҳотарро соҳиб шавад. Мардҳо одатан даъво мекунанд, ки танҳо ҳудашон кор кардаанд ва талаб мекунанд, ки ба онҳо ҳиссаи зиёдтар ҷудо карда шавад.

Зану шавҳар бояд донанд, ки молу мулке, ки онҳо дар давраи ҳаёти якҷоя ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ба ҳисоб меравад ва дар тақсимот онҳо ҳуқуқи баробар доранд.

Молу мулки шахсӣ ҳамон молу мулке ҳисоб меёбад, ки то давраи хонадорӣ ба онҳо тааллуқ дошт.

Ғайр аз ин, амволи истифодаи шахсӣ, аз қабили либос, пойафзол, асбобҳои ороиши занона ва мардона (соат, гӯшвор) моликияти шахсии зану шавҳар ҳисоб меёбанд.

Ҳарчанд зан дар давраи оиладорӣ дар ягон ҷо кор накарда бошад ҳам, вай дар кори хоҷагии хона, тарбияи фарзандон саҳми худро гузоштааст ва аз ин рӯ вай ба моликияти оила, ки дар давраи зиндагии якҷоя ҷамъ кардаанд, баробари мард ҳақ дорад.

Ин гуфтаҳоро моддаи 34-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст: амволи дар давраи оиладорӣ бадастовардаи зану шавҳар моликияти муштараки онҳо эътироф карда мешавад. Даромаде, ки зану шавҳар дар давраи зиндагӣ аз натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ ба даст овардаанд, нафақа, ёрдампулӣ, коғазҳои қиматнок, амволи харидашуда, новобаста ба он ки ба номи кӣ номнавис шудааст, амволи муштарак эътироф карда мешавад. Аз ин лиҳоз молу мулки муштарак дар зиндагӣ аз ҷониби зану шавҳар баробар истифода бурда мешавад. Фаромӯш набояд кард, ки ҳаёти оилавии зану мард бе қайди мақомоти давлатии Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои ноил шудан ба моликияти муштарак асос намешавад.

Аз ин ҷиҳат ҳангоми тақсими анҷоми хона ҳиссаи онҳо баробар муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, суд манфиати

фарзандонро ба назар гирифта, ҳангоми тақсим қисми зиёди чизу чораро ба фоидаи онҳо муайян мекунад.

Зану шавҳар дар қатъ кардани никоҳ ҳуқуқи баробар доранд. Аз тарафи зан ё мард дар бораи қатъ кардани ақди никоҳ ба суд ариза дода мешавад. Баъд аз омӯхтани сабабҳои ҷудошавӣ суд мекӯшад, ки зану шавҳар оштӣ шаванд ва бо ин мақсад муҳлати муайян муқаррар карда мешавад.

Агар суд ба хулоса ояд, ки зиндагии якҷояи онҳо ғайриимкон аст, он гоҳ дар бораи қатъ гардидани никоҳ қарор мебарорад. Қабл аз баровардани қарор ба ивази додани талоқхат як миқдор ҷарима муайян мекунад. Суд вазъи иқтисодии зану шавҳарро ба ҳисоб гирифта, метавонад ин маблағро аз якеи онҳо ё аз ҳардуяшон ситонад. Қонунҳои амалкунанда аслан бо мақсади мустаҳкам кардани оила ва ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ пешбинӣ шуда, донистани муқарраროти қонунгузорӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки дар барпо намудани оила ва дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои оилавӣ огоҳона рафтор намоянд.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ, дар баробари бастани ақди никоҳи шаҳрвандон, аҳдномаи никоҳро ҳам байни зану шавҳар пешбинӣ намудааст, ки он ихтиёрӣ буда, аз ҷониби намояндагони нотариалии давлатӣ пеш аз никоҳ ё дар ҷараёни зиндагӣ тавассути шартномаи дутарафа тасдиқ мешавад. Аҳдномаи никоҳ чист?

Аҳдномаи никоҳ санадест, ки дар он уҳдадориҳои зану шавҳар, хароҷоти тарафайни ҷашну маросими оилавӣ ва молу мулке муайян мегардад, ки дар сурати бекор кардани ақди никоҳ ба ихтиёри ҳар кадоми онҳо гузошта мешавад. Дар аҳднома инчунин дигар шарту уҳдадориҳои якдигарро метавонанд зикр намоянд. Вале бештари оилаҳо дар Тоҷикистон аз бастани аҳдномаи никоҳ худдорӣ менамоянд, ё ки онро ба эътибор намегиранд.

Аҳдномаи никоҳ созишномаи шахсоне мебошад, ки никоҳ мекунанд ё созишномаи зану шавҳар аст, ки ҳуқуқи

молумулкӣ ва уҳдадориҳои онҳоро дар давраи занушӯйӣ ва ё дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд.

Инчунин дар асоси моддаи 32 ва 33-и Кодекси оила зану шавҳар дар оила баробарҳуқуқ буда, ҳар кадомашон дар интихоби шуғл, касб, намуди фаъолият, иқоматгоҳ ва маҳалли будубош озод ҳастанд.

Ҳамзамон зану шавҳар вазифадоранд, ки муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтирому кумаки якдигар ба роҳ монанд, барои таҳкими оила мусоидат намоянд, ба некуаҳволӣ ва рушду камоли фарзандонашон ғамхорӣ кунанд. Онҳо ҳангоми ақди никоҳ дар интихоби насаб баробарҳуқуқ мебошанд.

Хулоса, дар Тоҷикистон барои бунёди оила, чи аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва чи аз назари анъанаҳои мардумӣ, замина ва шароити мусоид мавҷуд буда, монеае дар ташкили оила ва пеш бурдани ҳаёти мустақилона вуҷуд надорад. Ҳар кас вобаста ба шароити иқтисодию иҷтимоӣ, тавоноӣ, тафаккур ва шавқу завқи оилаи худ дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва анъанаҳои мардумӣ оила ташкил менамояд, ки риояи он ҳатмист.

***Савол ва супориш***

*1. Шумо дар бораи никоҳи ғайрирасмӣ чӣ андеша доред?*

*2. Фарқияти ақди никоҳ ва аҳдномаи никоҳро дар чӣ мебинед?*

*3. Ҳодисаҳои маҷбуран ба шавҳар додани духтаронро медонед? Ақидаи шумо нисбати ин масъала чӣ гуна аст?*

*4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои қонунии зану шавҳарро номбар кунед.*

## §5. ТАШКИЛИ ОИЛАИ ҶАВОН. МУҲАББАТИ МАРДУ ЗАН – ШАРТИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ОИЛА

Оила асоси ҷомеа, муҳимтарин ячейкаи ҷамъияту давлат мебошад. Маҷмӯи оилаҳо ҷамъиятро ташкил дода, устуворӣ ва ноустувории давлат ба он вобастагӣ дорад. Чӣ қадаре ки оила мустаҳкам бошад ва волидон фарзандони худро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсонгароӣ, хештаншиносӣ тарбия намоянд, ҳамон қадар ҷамъият устувор мегардад ва дар оянда самараи дилхоҳ медиҳад. Ободӣ ва солимию маърифатнокии ҷомеа, пешрафти иқтисоду иҷтимоиёти мамлакат ва бунёди зиндагии солим ба маърифатнокии ҳар аъзои оила вобастагии қавӣ дорад. Агар тарбияи фарзандон дуруст ба роҳ монда шавад, давлат ва ҷамъият ҳам ба мақсаду ҳадафҳои худ ноил мегарданд.

Яке аз шартҳои асосии ташкили оила муҳаббати байни издивоҷкунандагон – марду зан мебошад, ки он бояд дар заминаи эҳтироми ҳамдигар ва якдигарфаҳмӣ асос ёфта бошад.

Ҳангоме ки ду ҷавон дар асоси ишқу муҳаббат оила бунёд мекунанд, мақсаду мароми онҳо як аст, яъне садоқату вафодорӣ ба ҳамдигар ва тарбияи фарзандони солиму хушбахт. Онҳо аз ҳаёти хеш хурсанданд ва аз волидони худ, ки онҳоро ба мурод расонидаанд, розию миннатдоранд. Аммо дар ҳаёт гоҳо чунин мешавад, ки дилдодагон ба орзую ҳаваси хеш намерасанд. Волидони ҳар ду ё як тараф ба издивоҷи онҳо розӣ намешаванд ва бо хоҳиши худ духтарро ба шавҳар медиҳанд. Писарро ҳам бо ҳамин тартиб хонадор мекунанд. Онҳо ба хотири эҳтироми падару модар эътироз намекунанд ва ба тақдир тан медиҳанд. Аммо онҳоеро, ки сабабгори ҷудо шуданашон гаштаанд, ҳеҷ гоҳ намебахшанд. Ҳамин тавр, дар миёни волидону фарзандон адоват пайдо шуда, боиси бад шудани муносибати онҳо мегардад.

Зиндагии фарзандоне, ки бо иродаи волидон хонадор шудаанд, чандон ширин намегузарад. Духтаре, ки падару модар бо хости худ ба шавҳар додаанд, ноилоҷ ба тақдир тан

дода, бо шавҳар зиндагӣ мекунад. Меҳр бастан ба шавҳаре, ки ҳатто дар хаёлаш набуд, барои зани ҷавон душвор аст. Илова бар ин, зан маҳз шавҳарашро сабабгори бадбахтии худ медонад ва нисбат ба ӯ аз рӯзҳои аввал дар дил кинаю адоват мепарварад.

Зиндагии оилавии писар низ ҳамчунин мегузарад. Ӯ ҳам занашро сабаби бадбахтии худ медонад. Дар ҳар ноомади рӯзгор ба занаш таъна мезанад, ки ман туро дӯст надошта гирифтаам. Умуман, ин бемуҳаббатӣ дар оила сабаби кинаю адоват ва моҷароҳои зиёд гардида, натиҷаҳои нохуш ба бор меорад. Чунон ки Мирзо Абдулқодири Бедил гуфтааст:

*Ҷаҳонсӯз аст барқи кина, ҳуш дор!*
*Мабодо домани кас гирад ин хор!*

Одатан дар чунин оилаҳои носозгор нисбат ба ҳамдигар гоҳо оташи рашк аланга мезанад, ки ба вайрон шудани онҳо анҷом меёбад. Қисми дигари чунин оилаҳо соҳиби фарзанд мешаванд. Бо фарзанд ёфтан масъулияти тарбияи ӯро ба дӯш мегиранд. Меҳри фарзанд зану шавҳарро ба ҳам наздик мекунад, муносибати онҳо беҳтар мегардад. Ба гуфтае, ба тақдир тан дода, роҳи сулҳу салоҳро дар оила ва дар муносибати ҳамдигар ва хешу табори тарафайн пеш мегиранд, аммо ёду хотираҳои ишқи аввал дар қалби онҳо як умр боқӣ мемонад ва имкон намедиҳад, ки дар байни онҳо дӯстию самимият, ҳамдигарфаҳмӣ пойдор гардад.

Танҳо меҳру муҳаббат зану шавҳарро ба ҳамдигар дӯст, ёри дилсӯзу ғамхор карда метавонад. Ишқ байни марду зан қувваи ҷозибаеро тавлид мекунад, ки гусастани он душвор аст.

Донишмандони Шарқ дар китоби «Шохи шафтолу» бунёди ишқро таҳлил намуда, ба хулосае меоянд, ки рағбати инсон дорои се манбаъ мебошад: дил, ақл ва ҷисм. Рағбати дил дӯстиро бунёд мекунад, рағбати ақл эҳтиромро ва рағбати ҷисм майлу хоҳишро ба вуҷуд меорад. Ба ҳам пайвастани ин се рағбат ишқро ба вуҷуд меорад. Агар шахс

нисбат ба ҷинси муқобил ҳамин хел ҷозибаро ҳис кунад, пас маълум мешавад, ки ӯ ошиқ шудааст.

Аз изҳори муҳаббат то издивоҷ муҳлатест, ки ҷавонон метавонанд ҳамдигарро хуб санҷанд. Савдои ҳаёт ҳеҷ гоҳ шитобкориро намеписандад. Зеро интихоби дурусти ҳамсар, ки шарики якумраи ҳаёт мебошад, дар тақдири муносибатҳои оилавӣ нақши бисёр муҳим мебозад.

Таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар синни 3 – 5-солагӣ тарҳи шахсияти кӯдак муайян мегардад. Дар синни 17 – 18-солагӣ ҳамаи хусусияту сифатҳои фард ба таври мушаххас дақиқ мешавад, ҳарчанд ки шахс зери таъсири муҳит тамоми умр тағйир меёбад, баъзан аз ҷиҳати хислат ба таври ҷиддӣ дигар мешавад. Тағйироти куллӣ танҳо ба таври истисно дар фардҳои алоҳида ба вуҷуд меояд. Бинобар ин ҳангоми интихоби ҳамсар ба ин падида умед бастан дуруст нест. Яъне ақидае, ки «занро интихоб карда, баъд мувофиқи табъ тарбия мекунанд» тамоман нодуруст аст. Ҳамсари дилхоҳро ҷиддан интихоб кардан лозим аст. Сифатҳои зоҳирии номзад (ҳусн, қаду қомат) набояд омили ҳалкунанда бошанд. Маънавиёти ҳамсари ояндаро ҷиддан ва тӯлонӣ омӯхта, сипас ба ташкили оила қадам гузоштан лозим аст. Чунин тарзи интихоб ба ҳар ду тараф имкон медиҳад, ки ҳамдигарро ба хубӣ санҷида, шарики доимии ҳаёт гарданд.

Дар ҳолати мавҷуд будани ишқи тарафайн, сидқу вафо, ҳамдигарфаҳмию самимият, ҳамроҳ бартараф кардани душвориҳо зиндагии оилавиро саодатманду беғубор мегардонад. Чунон ки шоир гуфтааст:

*То ки аз ҷониби маъшуқа набошад кашише,*
*Кӯшиши ошиқи бечора ба ҷое нарасад.*

Зери мафҳуми «ишқ» ва «муҳаббат» ҳиссиёти олӣ ва наҷиби инсонӣ ниҳон аст. Ин калимаҳо ба ҳам муродиф буда, ба таври умумӣ як муносибати нарму форам ва пурмеҳру садоқати байни ду инсонро ифода мекунанд. Ин ҷозиба

(кашиш) бисёр нозуку латиф ва аҷибу шавқангез буда, дар худ ҳазорон асрори ниҳон дорад, ки моҳияти онро то охир ҳеҷ кас фаҳмида ва фаҳмонида натавонистааст. Зеро ин ҷозиба дар ақли инсон зуҳур ёфта, дар вуҷуди зиндаю мураккаби инсон жарфтар реша давонда, ба хуну мағзи он вобастаю пайваста мегардад.

Шояд дар дунё касе нест, ки дар ҳаёти худ боре ошиқ нашуда бошад. Дарди ҳиҷрон, шабҳои бехобӣ, интизорӣ, орзуи дидор, таманнои висол, аз бар кардани шеърҳои ошиқона барои ҳар фарди ошиқ ошност.

Донишманди бузург Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ», ки ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума шудааст, дар бораи ҳолати ошиқ навиштааст: «Инчунин мумкин аст, ки аз дарди ишқи ҳақиқӣ дар ғамгинии шадид ва ғуссаҳои муттасил (доимӣ) бимонад. Дар ин гуна ҳолат ошиқоне, ки ҳеҷ гоҳ ба мақсади худ намерасанд, ба дарди бехобӣ ва парешонҳолӣ гирифтор мешаванд. Гузашта аз ин, кор то ба ҳадде мерасад, ки аз хӯрдани таом бемайл шуда, ба дарди ҷунунию васваса гирифтор шуда, коҳидаву пажмурда мешаванд».

Бузургон гуфтаанд: Дарди ишқро дармон висоли ёр аст ва ё:

*Набошад ишқро ҷуз ишқ дармон,*
*Нашояд кард сандон ҷуз ба сандон.*

Дар хусуси дарди ишқ ва дармони он вобаста ба донишманди бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино ҳикояти аҷибе то замони мо расидааст, ки мазмуни он чунин аст: «Овардаанд, ки дар Табрез хоҷаи бозаргонеро писаре буд дар камоли ҳусну малоҳат ва дар ниҳояти латофату сабоҳат (зебоӣ). Вай бемор шуд. Ҳарчанд ки ӯро муолиҷа намуданд, беҳ намегардид, то ба ҳадде ки умедворӣ мунқатеъ шуда. Ҷамъе падари вайро гуфтанд, ки дар вилояти Бухоро табибест Абӯалӣ ном, илоҷи писарат вай метавон намуд. Он бозаргон писари худро гирифта назди Абӯалӣ овард.

Абӯалӣ чун набзи ӯро гирифт, донист, ки ӯ ошиқ аст, аммо агар изҳори он намояд, он писар маҳҷуб мешавад (шарм медорад) ва мумкин нест, ки изҳори он кунад ва мақсуд фавт мешавад (аз даст меравад).

Абӯалӣ гуфт:

– Эй хоҷа, марди ҷаҳонгаштае меорӣ, ки вай сухангӯю ширинтакаллум бошад, то ман аз ӯ ҳикоят пурсам ва гуфтугӯй кунам, то писари ту шифо ёбад.

Ин хоҷаро мусоҳибе (ҳамсуҳбате) буд, ки тамоми рубъи маскун[1] сайр карда буд, бо худ ҳамроҳ дошт, ҳозир сохт. Абӯалӣ даст бар набзи писар ниҳод ва аз он пири ҷаҳонгашта таърифи шаҳрҳоро мепурсид, то ба таърифи шаҳри Табрез расид, набзи он писар мутаҳаррик шуд. Абӯалӣ донист, ки матлуби вай дар Табрез аст. Аз маҳаллот ва мавзеи он шаҳр пурсидан гирифт. Чун маҳаллаи Шакарфурӯшонро бар забон бурд, набзи вай бисёр музтариб (беқарор) гардид. Маълум шуд, ки мақсуди вай дар он маҳалла аст. Аз кадхудоён (сардорон) ва мутаваттинони (сокинони) он маҳалла пурсид. Чун номи фалон хоҷаро ба забон гузорид, набзи вай суръат бунёд кард, аз аҳли хонааш пурсид, яке духтареро ном бурд, набзи вай ба мартабае изтироб намуд, ки наздик буд қолаб тиҳӣ кунад (ҷон диҳад). Абӯалиро ҷазм шуд, ки манзури вай ҳамон духтар аст. Ба хоҷаи бозаргон гуфт, ки бархезу Табрез рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд, аз барои ин писар хостгорӣ кун, ки илоҷи ӯ ҳамин аст. Он низ аз мухтараоти Абӯалӣ аст».

Оре, ишқе, ки дар ин ҳикоят тавсиф шудааст, ҳиссиёти олии инсонӣ аст. Ишқи покизаи инсонӣ бо майлҳои булҳавасонаву шаҳвонӣ олуда нест. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба ёд оред, ки як шаб дар саҳро Лайлӣ бо Маҷнун ҳамроҳ буданд, аммо Маҷнун кӯшише барои коми дил ситонидан накард. Онҳо то рӯз ба якдигар менигаристанду рози дил мегуфтанд. Маҷнун намехост маҳбубаи худро

---

*[1] Рубъи маскун– аз чор як ҳиссаи рӯйи Замин, ки хушкист ва маҳалли зиндагии инсон ва ҳайвонот мебошад. Се ҳиссаи дигар об аст.*

бадном кунад, чунки ишқи пок рафтори шоистаро тақозо мекунад:

*Меҳру рафъат васфи инсонӣ бувад,*
*Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад.*

гуфтааст Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ.

Хирад ва ирода агар ишқу ҳиссиётро идора ва раҳнамоӣ кунад, ишқу ҳиссиёт ақлу иродаро қувват медиҳад; ақлро ҷӯё ва иродаро гиро мекунад; ақл ба ишқ сафо мебахшад, барои интихоби дурусти маъшуқ мадад мерасонад; ишқ (ишқи ёр, ишқи Ватан, меҳри касб ва ғ.) дар навбати худ ақлро водор месозад, ки роҳҳои беҳтару наздиктари расидан ба мақсадро ҷуста пайдо кунад; вай иродаро мадад мекунад ва пурқуввату устувор месозад.

Дар сурати суст будани таъсири хирад ишқ метавонад иродаро тамоман ба ихтиёри худ гирифта, ба самти дилхоҳи худ равона созад. Ин ҳол ҳам ҷиҳати хуб ва ҳам ҷиҳати бад дорад. Ҷиҳати хуб он аст, ки ишқи ҳақиқиро ба мурод мерасонад ва ҷиҳати бад он аст, ки касро ба амалҳои нохуш – ғалабаи шаҳват, ҷабр, бевафоиву аҳдшиканӣ, макру фиреб ва ғайра бурда метавонад. Дар хусуси ақл метавон гуфт, ки ишқи ҷунунӣ онро тира ва гумроҳ низ карда метавонад.

Ишқ танҳо кори ошиқ аст, вай ягон хел маҷбуриятро аз берун, аз ҷониби каси дигар бардошта наметавонад. Ишқ харида, фурӯхта ё бахшида намешавад. Барои ин ҳиссиёт танҳо озодӣ ва ихтиёр лозим аст. Ба воситаи зӯрӣ, пора, туҳфа, зора ва амсоли инҳо дар дили касе ҷой гирифтан номумкин аст. Ҳар кас мехоҳад ҳамсареро интихоб кунад, ки бо ӯ дар ҳаёти оянда хушбахт шуда тавонад. Вале ин кори осон набуда, ниҳоят мушкил ва мураккаб аст. Касе онро осон гумон мекунад ва сабукфикрона амал менамояд, хатои азим мекунад.

Мушкилиҳо дар чист? Ишқ хосияти аҷибе дорад: писару духтар, марду зани тамоман ношинос аз нигоҳи аввал

нисбати якдигар меҳр мебанданд. Ин ҳолро дар забони тоҷикӣ «ба як дидан ошиқ шудан» мегӯянд. Ин гуна ишқ падидаи бузург ва сеҳрнок аст, аммо бадӣ ҳам дорад: вай ҳиссиёти ҳар касро ба ҷӯш оварда, ақлро «тира» ва интихоби оқилонаро мушкил месозад. Решаи ин «ишқи фаврӣ» шояд дар он бошад, ки ҳар шахси муҷаррад, ғайр аз он эҳтиёҷу ишқи бузург, ки ба ҳамсари оянда дорад, боз пешакӣ образи онро қиёсан ба падар, модар, бародар, хоҳар, хеш, ҳамсоя, образҳои адабӣ (аз кинофилмҳо) шабоҳат медиҳад. Он образи хаёлӣ дар ҳамон нигоҳи аввал ба образи воқеӣ мувофиқ меафтад, касро ба ҳаяҷон меорад, ҳиссиёти ишқ бедор мешавад. Ба иборaи дигар, вай ба ҳамон образи хаёлиаш кайҳо «ошиқ» аст, ӯро ҳар ҷо меҷӯяд.

Ҳар кас ба худ завқи хоссе дорад. Ҳусне, ки барои як кас дилкашу ҷозиб менамояд, ба дигаре хуш намеояд, аммо хислатҳои некро ҳама як хел қадр мекунанду меписанданд. Шайх Саъдии Шерозӣ дар ин мавзӯъ ҳикояти хеле мувофиқе дорад.

## ҲИКОЯТ

Якеро аз мулуки араб ҳадиси Лайливу Маҷнун ва шӯриши ҳоли ӯ бигуфтанд, ки ба камоли фазлу балоғат сар дар биёбон ниҳодааст у зимоми ақл аз даст дода. Бифармудаш, то ҳозир оварданд ва маломат кардан гирифт, ки дар шарафи нафси инсон чӣ халал дидӣ, ки хӯи баҳойим (хислати ҳайвон) гирифтиву тарки ишрати мардум гуфтӣ? Гуфт:

*Кош, к-онон, ки айби ман ҷустанд,*
*Рӯят, ай дилситон, бидидандӣ.*
*То ба ҷойи турунҷ дар назарат,*
*Бехабар дастҳо буридандӣ.*

То ҳақиқати маъно бар сурати даъво гувоҳ омадӣ... Маликро дар дил омад ҷамоли Лайлӣ мутолаа кардан (нигаристан), то чӣ сурат аст, ки муҷиби чандин фитна.

Бифармудаш талаб кардан. Дар аҳёъи араб бигардиданду ба даст оварданд ва пеши малик дар саҳни сароча (миёни халватсаро) бидоштанд. Малик дар ҳайати ӯ назар кард. Шахсе дид сияҳфоми борикандом. Дар назараш ҳақир омад. Ба ҳукми он ки камтарин худдоми (хидматгорҳои) ҳарами ӯ ба ҷамол аз ӯ дар пеш буданду ба зинат беш (яъне безебтарин хизматгори ҳарамсаройи ӯ аз Лайлӣ зеботар буд). Маҷнун ба фаросат дарёфт, гуфт: «Аз даричаи чашми Маҷнун бояд дар ҷамоли Лайлӣ назар кардан, то сирри мушоҳидаи ӯ бар ту таҷаллӣ кунад (падидор шавад):

*Тандурустонро набошад дарди реш,*
*Ӯ ба ҳамдарде нагӯяд дарди хеш.*
*Гуфтан аз занбӯр беҳосил бувад,*
*Бо яке дар умри худ нохӯрда неш!*
*То туро ҳоле набошад ҳамчу мо,*
*Ҳоли мо бошад туро афсона пеш.*
*Сӯзи ман бо дигаре нисбат макун,*
*Ӯ намак бар дасту ман бар узви реш!».*

Аз ин ҷост, ки ҳар кас бо завқи хеш ба нигоре дил мебандаду ҳусни ӯро аз ҳама зеботар медонад. Ишқ як хосияти умумӣ дошта, дар шаклҳои гуногун, дар марҳалаҳои мухталифи умри инсон зоҳир мегардад.

**Саволҳо**

*1. Бо чӣ гуна шахс шумо мехоҳед шарики якумраи ҳаёт бошед?*
*2. Чаро баъзе оилаҳое, ки дар асоси муҳаббати дутарафа ташкил ёфтаанд, вайрон мешаванд?*
*3. Дар ташкил ва тақвияти оила саҳми кӣ зиёд аст, мард ё зан?*
*4. Асоси оиларо чӣ ташкил медиҳад?*

# ФАСЛИ III.
# ОДОБИ МУНОСИБАТИ ҶАВОНОН

## §6. АСОСҲОИ АХЛОҚИИ МУНОСИБАТИ ҶАВОНОН

Дар ҷомеа ҳар инсон дорои роҳу равиш, муносибат, одат ва хулқу атвори ба худ хос мебошад, ки бо ин роҳу равиш аз дигарон фарқ мекунад. Табиист, ки чунин роҳу равиш, хулқу атвор, одату гуфтор натиҷаи адаб, тарбия дар оила ва таъсири муҳиту ҷамъият мебошад. Албатта, ҳар як падару модар бар он мекӯшад, ки фарзандони солим ва хубу боодобро ба воя расонад; онҳоро аз мушкилоти зиндагӣ ва нозукиҳои рӯзгор огоҳ сохта, ба ҳаёти мустақилона ҳидоят кунад. Ҳамчунин баробари ба синни балоғат расидани фарзанд ба онҳо ҳамсарони муносиб интихоб намуда, бо бунёди оилаи нав қарзи падариву модариро иҷро мекунанд.

Адаб ва ахлоқ илмест, ки одам онро аз хурдӣ то пирӣ меомӯзад. Ахлоқ баробари пайдоиши ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омада, бо гузашти таърих такмил ёфта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид гардидааст. Одоби муоширати, сухан, дӯстӣ, одоби рафтор дар хона, кӯчаю кор, қабул ва гусели меҳмон, ба меҳмонӣ рафтан, иззату ҳурмат, ҳаёти оилавӣ ва муносибатҳои байниинсонӣ дар давоми асрҳо ташаккул ёфтаанд. Бо тағйири сохти ҷамъиятӣ гоҳо баъзе ақидаҳои ахлоқӣ низ тағйир ёфта, мазмуни нав мегиранд. Аммо асоси он, ки аз анъанаҳои миллӣ ғизо гирифтааст, бетағйир мемонад. Риоя намудани қоидаҳои нонавиштаи ахлоқ обрӯю эҳтироми шахсро баланд мебардорад. Риоя накардани ин қоидаҳо сабаби сарзаниши шахс ва паст гардидани дараҷаи ҳурмату эҳтиром ва мақоми ӯ мегардад. Чунонки бузургон фармудаанд:

*Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,*
*Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ, арзон аст.*
*Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,*
*Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.*

Одам дар ҷамъият зиндагӣ карда, бо аҳли хонавода, хешу табор, дӯстони оила, дар мактабу донишкада бо ҳамсинфону ҳамсабақони худ, дар фаъолияти корӣ бо ашхоси зиёди дигар муносибат мекунад. Бинобар ин фарҳанги муносибат бо одамон дар ҳаёти ҳар як шахс нақши муҳим дорад.

Муносибату муомилаи писару духтар хусусият- ҳои ба худ хос дорад, аз ин рӯ риоя намудани он барои ҳар як ҷавони боодоб шарт аст. Халқи тоҷик соҳиби фарҳанги ҳазорсола мебошад. Дар бораи одобу ахлоқи ҳамида, муносибатҳои неки инсонӣ шоирону нависандагони тоҷику форс асарҳои зиёде иншо кардаанд.

Аммо бо мурури замон баробари тағйири сохти ҷамъиятӣ қисме аз меъёрҳои ахлоқӣ шаклҳои нав пайдо кардаанд.

Акнун занону духтарони тоҷик баробари мардон кору фаъолият намуда, фарди баробарҳуқуқи ҷомеа мебошанд. Духтарону писарон дар мактаб ва донишгоҳҳо якҷоя таҳсил мекунанд. Дар деҳот аксарияти онҳо ғайр аз дарс дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кор карда, бо ҳам рафиқу дӯст мегарданд. Гоҳо ин дӯстӣ ба муҳаббати ҳақиқӣ мубаддал мегардад ва бо розигии волидон онҳо оиладор шуда, хушбахтона умр ба сар мебаранд.

Аммо дар ҳама ҳолат ҷавонон бояд анъанаҳои неки миллиро фаромӯш накунанд. Шарму ҳаё, фурӯтанию хоксорӣ нишонаи одобу маданияти баланди инсонист. Агар писару духтар бо ҳамдигар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо овози баланд сухан гӯянд, ханданд, ба атрофиён аҳамият надиҳанд, ин нишонаи беодобист. Одоби писарону духтарон (муносибаташон) дар хушмуомилагӣ ва эҳтироми якдигар зоҳир мегардад. Изҳори муҳаббату садоқат бояд бо суханони нарму самимӣ ифода ёбад. Самимият, хоксорӣ, мадад расонидан ба одамон, дӯстро аз рафтори бад нигоҳ доштан аз хислатҳои неки инсонист.

Хоксорӣ, фурӯтанӣ яке аз хислатҳои беҳтарини инсон мебошад. Ҷавонон бояд хислатҳои ростқавлӣ, садоқат ва эҳтиромро дар худ парваранд. Амалу рафтори худро

идора карда тавонанд. Одами хоксор ҳеҷ гоҳ касеро таҳқир намекунад ва худро аз касе боло намедонад.

Баъзан мушоҳида мешавад, ки ҷавонписарон нисбат ба духтарон муносибати дағал мекунанд. Номашонро нагирифта ба онҳо лақаб мегузоранд. Бо рафтору амали хеш бартарии худро намоиш доданӣ мешаванд, ки ин аз беадабию бетарбия будани онҳо шаҳодат медиҳад.

Гоҳо духтарон ҳам нисбат ба писарон чунин рафторро раво мебинанд. Агар духтару писаре бо ҳам муносибати дӯстона дошта бошанд, онҳоро таъна ва масхара мекунанд, ки ин амал ҳам нишонаи беадабист.

Нависандаи барҷастаи рус А. П. Чехов дар мактуб ба бародараш дар бораи одоб чунин навиштааст:

«Одамони ботарбия... шахсияти инсонро эҳтиром мекунанд, аз ин рӯ ҳамеша мудоро намуда, ҳалим, хушмуомила, нармдиланд. Онҳо на танҳо нисбат ба бенавоён раҳмдилу дилсӯзанд, қалби онҳо аз чизе низ ба сӯз меояд, ки ба чашми одӣ дида намешавад. Онҳо покдиланд, аз дурӯғ мисли оташ метарсанд. Онҳо ҳатто дар бораи чизҳои беаҳамият низ дурӯғро истифода намебаранд. Дурӯғ барои шунаванда таҳқиромез аст ва гӯяндаро дар назари ӯ хору залил ва беқурб месозад. Онҳо худнамоӣ намекунанд, рафторашон дар кӯча ҳам мисли хона аст, ба чашми дигарон хок намепошанд. Онҳо лаққӣ нестанд ва агар аз онҳо чизе напурсанд, ҳарфе намегӯянд. Онҳо бештари вақт хомӯшанд. Албатта, бо чунин инсон муносибат кардан хуш аст».

Асоси муносибати писарону духтаронро назокату одоб ташкил медиҳад. Дар муносибати одамон одоб чун меъёри ахлоқ ба ҳисоб меравад. Риоя накардани меъёри ахлоқ, ки дар ҷомеа ҳамчун қонуни нонавишта қабул шудааст, нишони бетарбиягӣ ва бадахлоқӣ аст.

Дар ҷомеаи мо ҷавононе ёфт мешаванд, ки духтаронро манбаи дилхушӣ ва вақтгузаронӣ медонанд. Дӯстии онҳо бо духтарон танҳо аз ҳамин хотир аст. Ҳамин ки бо духтари зебои дигаре вохӯранд, бо баҳонае худро канор гирифта, ба паҳлуи духтари дигар мераванд.

Аз ин рӯ духтарон дар интихоби дӯсту рафиқ бояд боэҳтиёт, сахтгир бошанд. Ҷавонро дониста, санҷида, ҳаматарафа ӯро шинохта муносибат намоянд. Дар ин бобат Носири Хусрав фармудааст:

*Чу касро ёри якдил ёр гардад,*
*Ба ҳар озор кай безор гардад?*
*На бар ҳазл аст кори ёру ёрӣ,*
*Ки сидқу эътиқод омад ба ёрӣ.*

Ба ёрӣ дар фаровон кор бошад, На ҳар к-аш ёр хондӣ, ёр бошад! Дило, ёре талаб, гар метавонӣ, Чунон ёре, ки бар вай ҷон фишонӣ.

***Саволҳо***

*1. Ахлоқ чист?*
*2. Тарбиятгари асосии ахлоқ дар оила кист?*
*3. Ақидаи шумо дар бораи дӯстии писарону духтарон чӣ хел аст?*
*4. Чаро одобро ҳусни инсон номанд?*
*5. Шумо кадом асари ишқиро хондаед?*
*6. Ишқ чӣ гуна ҳиссиёт аст?*
*7. Ба фикри шумо сабабҳои аз ҳам ҷудо шудани дӯстдоштагон дар чист?*

## §7. ОМОДА НАМУДАНИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАДОРӢ

Аксари олимони соҳаи ҷомеашиносӣ бар он ақидаанд, ки омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ

– маҷмӯи талаботи ахлоқии ҷомеа буда, мақсади асосӣ ташаккули фаҳмишу ҳиссиёти хонаводагӣ ва ба роҳи мустақилонаи ҳаёт ҳидоят намудани онҳост.

Ба ин маънӣ, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона яке аз муҳимтарин корҳое мебошад, ки барои бунёди оилаи пойдор зарур аст.

Барои бунёди оилаи солим, таъмини зиндагии орому осуда, расидан ба комёбиҳо ва бартараф кардани мушкилиҳо ба навхонадорон зарур аст, ки маърифати комил, омодагии ҷиддии равонию ҷисмонӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд. Бо вуҷуди он ки синну соли никоҳӣ дар Тоҷикистон аз 18-солагӣ муқаррар шудааст, таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештари навхонадорон дар ин синну сол ба ҳаёти оилавӣ омода нестанд.

Чунончи, дар аксари ҳолатҳо бар асари ташвиши зиндагӣ ва ба ҳам мувофиқ наомадани фикру ақидаҳо зан ё шавҳари ҷавон таҳсилро дар муассисаҳои таълимӣ қатъ мекунад ва аз омӯхтани илмҳои муосир бебаҳра мемонад, ки ин минбаъд ба тарбияи фарзанд, маърифати шахсӣ ва пеш бурдани зиндагӣ таъсири манфӣ мерасонад ё монеаҳои дигар эҷод мекунад.

Айни замон дар ҷомеа бештари падару модарон бо ҳар сабаб фарзанди 18-19-солаашонро хонадор мекунанд. Албатта, дар ин синну сол барпо кардани оиларо қонунгузории мамлакат иҷозат медиҳад, аммо таҷрибаи рӯзгор нишон медиҳад, ки аксари ҳолатҳои вайроншавии оилаҳо ба бармаҳал оиладор кардани ҷавонон, омода набудани онҳо ба ҳаёти мустақилона, никоҳи хешутаборӣ, вобастагии молиявӣ ба волидон, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани шавҳарҳо, дахолати хешовандони наздик ва хушунати оилавӣ вобаста мебошад. Вайроншавии оилаҳо боиси афзудани теъдоди кӯдакони беназорат мегардад, ки аксари онҳо оқибат ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар кирдорҳои номатлуб машғул мешаванд.

Дар аксар мамлакатҳо ҷавонмарду ҷавонзан якдигарро хуб омӯхта, ба ҳаёт ва ба якдигар мутобиқ мегарданд ва баъд оила бунёд мекунанд.

Аз назари дигар ҷавонон дар донишгоҳу донишкадаҳо маълумоти комил ба даст оварда, пойдевори ояндаи худро мегузоранд: мавқеъ ва мақоми худро муайян мекунанд ва аз таҷрибаи ҳаёт бархӯрдор мешаванд, ки ин боиси устувор гаштани оила ва эмин мондани он аз вайроншавӣ мегардад.

Таҳлилҳои ҳаёти оилавии навхонадорон собит менамоянд, ки на ҳар навҷавон барои қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона омода аст. Аксари оилаҳои ҷавон ба пастиву баландиҳои ҳаёт ва рӯзгор тобовар набуда, дастнигари падару модар мебошанд. Онҳо дар таъмини моддиву маънавии оила танқисӣ мекашанд.

Дар ин бора суханони пурҳикмати Имоми Аъзам хеле бамаврид аст, ки ба ҷавонон таъкид кардааст:

«Дар айёми ҷавонӣ, ки қалбат фориғу хотират ором аст, илм биёмӯз, сипас аз роҳи ҳалол мол ҷамъ кун, он гоҳ издивоҷ намо. Зеро ки ҳамзамон бо талаби илм ба фикри ҷамъ кардани мол бияфтӣ. Вуҷуди мол туро ба зиндагии пурайшу нӯш кашида, дар натиҷа аз талаби илм оҷиз хоҳӣ монд. Ва агар дар даврони таҳсил ба фикри издивоҷ биафтӣ, маҷбур мешавӣ, ки аз пайи рафъи ҳавоиҷи (ҳоҷатҳои) аёлу фарзандон талош кунӣ ва аз таҳсили илм даст бикашӣ, ки дар он сурат на илм омӯхтӣ ва на мол ба даст овардӣ».

Аз ин рӯ хонадории духтарон ва писарон дар ҳолати бархӯрдории ҳамаҷиҳатаи онҳо аз илму дониш ва таҷрибаи ҳаёт мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Яке аз шартҳои муҳимми омода будан ба оиладорӣ соҳиби касб ё ихтисос будани ҷавонон мебошад. Ҷавонон пеш аз қадам гузоштан ба ҳаёти оилавӣ бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ пурра мустақил бошанд. Ҳарчанд онҳо зиндагии оилавии худро дар хонаи волидон оғоз мекунанд, бо вуҷуди ин бояд саҳми худро ба буҷети оила гузоранд. Дигар ин ки ҷавонон бояд ба ҳаёти оилавии мустақилона омода бошанд.

Масъалаи дигаре, ки волидон пеш аз хонадоркунии фарзандон бояд ба назар бигиранд, хизмати ҳарбии писарон мебошад. Албатта, ҳар як падару модар мехоҳад тӯйи фарзандашро бубинад ва соҳиби набера шавад. Онҳо андеша мекунанд, ки писарашон ба хизмати ҳарбӣ даъват шавад ҳам, арӯс дар назди онҳо мемонад ва хизматашонро ба ҷо меорад. Аммо гоҳо ин тавр мешавад, ки баъд аз чанд моҳи хонадоршавӣ ва ба хизмати ҳарбӣ даъват шудани

ҷавон арӯс ба хонаи падару модари худ меравад. Дар чунин ҳолатҳо байни арӯс ва падару модари домод дилхунукӣ пайдо мешавад, ки он ба муносибатҳои ояндаи оилавии зану шавҳар таъсири манфӣ мерасонад. Гоҳо фироқи тӯлонӣ (2 сол) ба оилаи ҳанӯз мустаҳкамнагаштаи ҷавонон рахна мезанад. Бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки «Меҳр дар чашм аст». Муддати дароз аз ҳам ҷудо будан сабаби коста шудани меҳр ва туғён задани рашку ҳасад мегардад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари ҷавонони оиладор бо ҳар роҳу восита мехоҳанд аз қисми ҳарбӣ ба хона раванд. Гоҳо бе рухсати сардорон аз қисмҳои ҳарбӣ мегурезанд. Ин сабаби сарзаниш гирифтани ҷавонон мегардад. Аз ин ҷиҳат ҳамаи инро ба инобат гирифта, хуб мешуд, ки ҷавонон пас аз адои хизмати ҳарбӣ хонадор шаванд.

Маълум аст, ки бештари ҷавонони мо пеш аз оиладор шудан бо ҳамдигар шиносанд, дӯстию рафоқат доранд, ҳамдигарро дӯст дошта ба никоҳ розӣ мешаванд. Аммо ҳоло ҳам ҳодисаҳои маҷбуран бе розигии духтар ба шавҳар додани онҳо мушоҳида мешавад. Бинобар ин ҷавононе, ки ба ақди никоҳ розӣ мешаванд, бояд розигии номзадашонро фаҳманд, ки ин яке аз шартҳои бунёди оилаи солим ва хушбахт аст.

Барои ин хуб мешуд, ки пеш аз ақди никоҳ волидон ба фарзандон имкон диҳанд, то ба ҳамдигар шинос шуда, феълу атвори якдигарро хуб фаҳманд, нисбат ба ҳамдигар меҳр пайдо кунанд. Ин иқдом барои пойдории оила мусоидат менамояд ва ҷавонон ҳам бояд баҳри он кӯшиш бикунанд.

Никоҳ талабот ва шарти асосии ба вуҷуд омадани оила мебошад. Дар ҳар давру замон ва сохти ҷамъиятӣ барои ба ҷо овардани ақди никоҳ меъёру шароити муайяне пешбинӣ мешавад.

Илми тибби муосир исбот намудааст, ки никоҳҳои бармаҳал ва алоқаи ҷинсии наврасон ба саломатии онҳо, махсусан ба духтарон, зарари калони ҷисмонию психологӣ мерасонад. Зеро ҳанӯз наврасон ба оиладорӣ тайёр нестанд, аз рӯзгору рӯзгордорӣ тасаввуроти муайяне надоранд.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон синну соли никоҳ аз 18-солагӣ муқаррар карда шудааст. Яке аз шартҳои асосии ба никоҳ омода будани ҷавонон ба балоғат расидани онҳо мебошад. Дар баъзе мавридҳо мақомоти судӣ аз синни муқарраргардида як сол пеш ба хонадоршавӣ иҷозат дода метавонад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «Никоҳ бо розигии зану мард асос меёбад». Ин чунин маъно дорад, ки маҷбуран ба шавҳар додани духтар ё зан вайрон кардани қонун ҳисоб меёбад ва мувофиқи қонун шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Аз андешаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавонон бояд аз ҷиҳати маънавӣ ба ҳаёти оилавӣ омода бошанд. Ҷавонон ба ҳал намудани душвориҳое, ки дар роҳи ҳаёти оилавӣ дучор меоянд, қодир бошанд, масъулияти оила ва оиладориро эҳсос кунанд.

Мақсад аз ташкили оила пайванди занҷири муттасили наслҳост. Мард бояд посбонии муҳаббат, саодат ва шарафи оиларо ба дӯш гирад. Агар ҷавон ҳис кунад, ки ба бардоштани чунин бори гарон қодир аст, пас вай ба оиладор шудан омода аст. Чунонки Низомии Ганҷавӣ фармудааст:

*Дасти вафо дар камари аҳд кун,*
*То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун!*

Оиладор шудан дар ҳаёти ҳар як ҷавон воқеаи муҳимму фараҳбахш ва гуворову фаромӯшнашаванда аст. Аз ин рӯ ҳар як падару модар орзу мекунад, ки ин воқеа бо хурсандӣ қайд шавад. Ҷавонон ҳам барои амалӣ гардидани ин орзу ва ҳифзи номи неки хонадон бояд ҳаматарафа андеша намоянд, масъулияти худро дар назди оила, волидон ва ҷамъият ба хубӣ дарк кунанд.

Аз ин лиҳоз барои бунёди оилаи солим ва мустаҳкам намудани он пеш аз барпо намудани оила бояд ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ кард:

– огоҳии навхонадорон аз таҷрибаи зиндагии шахсиятҳои рӯзгордида ва оилаҳои намунавӣ;

– омода намудани оилаҳои ҷавон ба ҳаёти мустақилона аз ҷониби падару модарон;

– риояи одоби хостгорӣ;

– баёни аҷзу ниёзи духтар ба домодшаванда пеш аз никоҳ (аз муоинаи тиббӣ гузаронидани арӯсу домод ба хотири муайян намудани бемории рӯҳӣ, асабӣ ва иллат дар бадан);

– ба инобат гирифтани синну сол, сурат, сират ва мувофиқ омадани хислатҳои ҳамдигар;

– муайян намудани муҳлат барои ҷавонон бо мақсади қабули қарори дуруст дар бораи интихоби ҳамсар;

– омода намудани писарону духтарон ба ҳаёти мустақилона ва бунёди оила (фароҳам овардани шароити моддию маънавӣ);

– интихоби ихтиёрии (бе дахолати волидон) ҳамсар аз ҷониби ҷавонон;

– ба инобат гирифтани тамоми паҳлуҳои урфу одатҳои миллӣ ҳангоми интихоби ҳамсар.

***Саволҳо***

*1. Дар Тоҷикистон синни никоҳӣ аз чандсолагӣ муқаррар гардидааст?*

*2. Шумо аз чандсолагӣ оиладор шудан мехоҳед?*

*3. Шарти асосии омода будани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ кадом аст?*

*4. Оё падару модар бо шумо ва бародару хоҳарони аз шумо калонтар дар бораи оиладорӣ суҳбат мекунанд?*

*5. Шумо ба муносибатҳои падару модаратон дар оила чӣ гуна баҳо медиҳед?*

## §8. МУОИНАИ ТИББИИ ИЗДИВОҶКУНАНДАГОН

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал масъалаи аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон муқаррар карда шудааст. Мақсади чунин тадбир, пеш аз ҳама, ташкил кардани оилаи солим ва пешгирии таваллуди кӯдакони носолим мебошад. Барои ҷомеаи солим рӯҳи солим ва ҷисми солим лозим аст ва агар оила солим бошад, ҷомеа низ солим гашта рушд меёбад.

Тибқи моддаи 14-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳ байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф кардааст, байни шахсоне, ки яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё маводди нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст, манъ карда шудааст. Ҳамчунин мувофиқи моддаи 15-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи тиббии шахсони никоҳшаванда, инчунин додани машварат доир ба масъалаҳои тиббию генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустии маҳалли истиқомати онҳо танҳо бо ризоияти шахсони никоҳкунанда анҷом дода мешавад. Муоинаи тиббии издивоҷкунандагон сирри махфӣ ба ҳисоб рафта, онро ҳеҷ кас бе розигии шахси муоинашуда ба каси дигар дода наметавонад.

Тибқи муқаррароти моддаи 23-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дар бораи ҳаёти шахсии инсон сирри махфӣ мебошад ва бе розигии ӯ истифода ва пахн кардани он манъ карда шудааст. Аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон дар як қатор қонунҳои давлатҳои хориҷӣ низ муайян карда шуда, ҳатмӣ ҳисобида мешавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирифторони бемориҳои венерикӣ ва ВНМО қайди никоҳро манъ накардааст, вале агар яке аз никоҳкунандагон аз дигаре

ба бемории венерикӣ ва ё Вируси норасоии масунияти одам ва бемории муҳассали норасоии масуният мубтало будани худро пинҳон карда, тарафи дигарро огоҳ накунад, тарафи дигар метавонад ба суд мурочиат карда, беэътибор донистани никоҳро талаб намояд (моддаҳои 28-31-и ҳамин Кодекс).

Ҷавонон ва издивоҷкунандагон бояд донанд, ки бемориҳои венерикӣ ва ВНМО ба воситаи алоқаи ҷинсӣ сироят мекунанд ва дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барангезандагони чунин бемориҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ зиёда аз 18 ҳазор кӯдаки бемори синни мактабӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зиёда 6,5 ҳазор нафари онҳо баробар бо кӯдакони солим ва теъдоди муайяни онҳо дар мактабҳои махсус ба таълим ва тарбия фаро гирифта шудаанд. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар мактаб таҳсил мекунанд, як қисми онҳо ба таълими хонагӣ низ фаро гирифта шудаанд. Вале баъзе волидон аз доштани кӯдаки маъюб дар оилаашон ба мақомоти дахлдор маълумот намедиҳанд. Бояд донист, ки кӯдаке, ки аз модар маъюб ба дунё меояд, гунаҳкор нест. Ӯ ҳаргиз намехост, ки бо иллатҳои гуногун ва норасоии равонию ҷисмонӣ ба дунё биёяд, вале ҳолатҳое ҳастанд, ки баъзан дар оилаҳо нисбати таваллуди фарзанд беэътиноӣ зоҳир менамоянд, ки дар натиҷа кӯдак аз модар бо нуқсон ба дунё меояд.

Ба дунё омадани кӯдаки бемор дар оила на танҳо барои худи кӯдак, инчунин барои тамоми аъзои оила ва ҷомеа мушкилӣ меорад. Кӯдаки аз никоҳи хешутаборӣ бемор таваллудшуда умри дароз намебинад ё гирифтори касалии табобатнашаванда мегардад. Масалан, дар оилаҳое, ки аз никоҳи хешутабории наздик ба вуҷуд омадаанд, кӯдакон бо бемории Даун хеле зиёд таваллуд мешаванд, ки дар тарбияи чунин фарзанд мушкилӣ ба миён меояд. Дар оилае, ки кӯдаки бемор аст, на танҳо худи бемор, балки тамоми аъзои

оила низ азоби рӯҳӣ мекашанд. Ҳамин ки волидон ба кӯдаки бемор менигаранд, дилашон ба дард меояд; чун ҳамсолони фарзанди худро солим мебинанд, боз ҳам аламашон зиёдтар мегардад.

Таваллуди кӯдаки солим дар оила хурсандию фараҳ меорад ва барои боз ҳам мустаҳкам шудани оила замина мегузорад. Оила бо кӯдакони худ макони шодиву фараҳ ва роҳати волидон аст, зеро табассуми фарзанд, сухани аввалини ӯ, қадами аввалин ва ба мактаб рафтанаш барои падару модар шодмонӣ мебахшад. Барои он ки оилаҳои ҷавон аз чунин лаҳзаҳои нотакрор ва хуши зиндагӣ бебаҳра намонанд, дар бунёди оила аз никоҳи хешу табори наздик (писарони амаку тағо ва аммаю хола) бояд худдорӣ намоянд.

Барои пешгирӣ намудани чунин ҳамл ва насл машваратҳо доир ба масъалаҳои тиббию генетикӣ ва солимгардонии оила аз тарафи муассисаҳои тандурустии макони зист бо розигии издивоҷкунандагон тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон дода мешавад. Чунин муқаррарот бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои номатлуб ва бадбахтиҳои минбаъдаи оила (таваллуди фарзанди носолим, ҷудошавии оила, бегонашавии хешу таборони наздик) муайян карда шудааст. Дармонгоҳҳои ноҳиявию шаҳрӣ, машваратхонаҳои занона, шуъбаҳои табобатгоҳҳо, марказҳои тиббӣ ва ҳамаи муассисаҳои тиббии давлатӣ, ки мутахассисони хуби соҳа доранд, метавонанд издивоҷкунандагонро муоинаи тиббӣ кунанд ё ба онҳо маслиҳату тавсияҳои зарурӣ диҳанд.

Барои он ки дилпурона ба ақди никоҳ розӣ шавед, бояд пеш аз никоҳ масъалаҳои пешомадаро ҳаллу фасл намоед. Масалан, нафаре мепурсад: “Маро ба касе ба шавҳар доданианд, ки ӯ муддати зиёд ба Русия барои кор рафта буд, мехоҳам ки аз вазъи саломатии ӯ бохабар шавам”.

**Ҷавоб:** Муоинаи тиббии шахс фақат бо розигии шахсони издивоҷкунанда гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолат шумо аз ӯ ҳоҳиш мекунед, ки аз муоинаи тиббии

касалиҳои венерикӣ ё СПИД гузарад. Дар мавриди аз шумо пинҳон доштани касалиҳои сирояткунандааш шумо метавонед никоҳи худро бо дахолати суд бекор намоед. Бе розигии домод ё арӯс ҷамъ намудани маълумот оид ба вазъи саломатии онҳо манъ аст.



Падару модар ба кормандони мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муроҷиат менамоянд, ки мо духтарамонро ба шавҳар додем. Пеш аз никоҳ ба мо як ҷавонеро нишон доданд, ки қоматбаланд ва зебою хушандом буд. Пас аз никоҳ ва маъракаи тӯй маълум гашт, ки домод на он ҷавонест, ки ба мо нишон дода буданд. Саломатии ин ҷавон на он қадар хуб буд ва дар симои зоҳириаш низ нуқсонҳои модарзодӣ дошт. Ба мо маълум гашт, ки тарафи домод моро фиреб додааст. Мо духтарамонро ба хонаи худ баргардондем.

Агар ҷавонон пеш аз ақди никоҳ аз муоинаи тиббӣ мегузаштанд ё ҳамдигарро мешинохтанд, он гоҳ чунин ҳодиса рӯй намедод. Дар ин ҳолат қонунгузор муайян мекунад, ки никоҳ бо роҳи фиреб баста шудааст ва бо пешниҳоди ариза никоҳи ҷавононро ғайриқонунӣ ҳисобида, онро бекор мекунад.

***Савол ва супориш***

*1 .Омилҳои таваллуд шудани кӯдакони имконияташон маҳдудро дар ҷомеа номбар кунед.*

*2 .Оё никоҳ байни хешу таборони наздик иҷозат аст?*

*3 .Зарурати аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон дар чист?*

*4 .Натиҷаи муоинаи тиббии издивоҷкунандагон чӣ тавр пешниҳод карда мешавад?*

*5 .Кадом бемориҳо ва омилҳои муайяннамудаи тиббӣ боиси манъ кардани никоҳ мегардад?*

# ФАСЛИ IV.
# НИКОҲ ВА ОИЛА

## §9. НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

Дар моддаи 14-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон акди никоҳ байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ), байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай ( ки аз як падар ё модаранд), байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон манъ карда шудааст.

Никоҳи хешу табори наздик сабаби дар насл пайдо шудани касалиҳои гуногун мегардад. Ҳоло зиёда аз 2 ҳазор намуд касалиҳои гуногуни вазнини ирсӣ вуҷуд дошта, аз чунин издивоҷҳо кӯдакони дорои нуқсонҳои модарзодӣ ва кӯдакони аз ҷиҳати равонӣ ва ақлӣ сустинкишофёфта ба дунё меоянд, ки он барои ҷомеа хатари калонеро ба бор меорад.

Аз нигоҳи илми равоншиносӣ никоҳи хешута- борӣ оқибатҳои манфӣ дорад. Агар одамони генҳои гуногундошта оила барпо намоянд, он гоҳ имконият пайдо мешавад, ки тифл беҳтарин генҳои падар ва модарашро бигирад. Тадкиқоти равоншиносон ошкор намудааст, ки тифле, ки аз намояндагони ду маҳал ё ду миллат ба дунё меояд, беҳтарин хислатҳои падар ва модари худро дорад. Масалан, маълум аст, ки аҳолии шаҳри Истамбул омехтаи миллатҳои Аврупо ва Осиё мебошад. Бинобар ин агар мо дар кӯчаҳои Истамбул сайру гашт карда ба шаҳрвандони ин шаҳр диккат диҳем, онҳо қомати баланд, ранги сафед, чашмони кабуд, мӯй ва абрӯи сиёҳ дошта, аз нигоҳи рушди психологӣ низ имкониятҳои хуб доранд. Умуман, гуфтан лозим аст, ки дар натиҷаи омехташавии миллату маҳалҳо насли зеботару лаёқатманд ба дунё меояд. На ҳамаи кӯдакони аз никоҳи хешутаборӣ бадунёомада ин гуна имкониятро доранд. Таърих гувоҳ аст, ки барои насли зебо ва лаёқатманд гирифтан шоҳзодаҳои

Русия ҳамсари худро аз насли шоҳзодаҳои олмонӣ интихоб мекарданд.

Никоҳи хешутаборӣ ё авлодиро, пеш аз ҳама, ба хотири нигоҳ доштани бойигарии оила, қавм ва анъанаҳои авлодӣ мекунанд. Лекин бояд қайд кунем, ки аз ҷиҳати генетикӣ ва тиббӣ никоҳи хешони наздик оқибатҳои хеле нохуш ва вазнин дорад. Аҷдоди оилаҳои ба ҳам наздики никоҳшуда маводди гении умумӣ ва ба ҳам наздик доранд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки никоҳи авлодӣ дар якчанд насл тӯлонӣ давом мекунад ва дар натиҷа дастаи генотипи ин оилаҳо барқарор ва дигаргун намешавад. Яъне онҳо торафт куҳнаву заиф мешаванд ва қобилияти генетикии худро гум мекунанд. Дар натиҷа барои ба вуҷуд омадани касалиҳои гуногуни генетикӣ замина ба вуҷуд меояд ва муқобилияти организмро ба бемориҳо заиф мекунад.

Таҷрибаи зиндагӣ борҳо собит намудааст, ки никоҳи хешутаборӣ на ҳама вақт бомуваффақият анҷом меёбад. Агар ҷавонон бо ҳам мувофиқ наоянд, боиси сард гаштани муносибатҳои хешутаборechoии авлод (байни бародару хоҳар, тағою хола, аммаю амак) ва агар кӯдаки носолим ва маъюб таваллуд гардад, боиси мушкилии зиндагӣ ва дилсардии ҳаёти ҷавонон мегардад. Никоҳи хешутаборӣ одатан мустаҳкам набуда, боиси вайроншавии оила, парокандагӣ ва аз ғамхории яке аз тарафҳо маҳрум шудани тифли бадунёомада мегардад. Агарчанде масъалаи никоҳи хешутаборӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуда, натиҷаи манфию оқибатҳои нохуши он аз тарафи мутахассисони соҳаи тиб борҳо мавриди омӯзишу баҳс қарор гирифта бошад ҳам, бо вуҷуди ин, баъзе волидону ҷавонон боз мехоҳанд дар зиндагӣ пайванди хешутаборechoии худро идома диҳанд.

Илми тиб муқаррар намудааст, ки аз никоҳи хешутаборӣ кӯдакони дорои касалиҳои ирсии табобатнопазир ба дунё меоянд.

Бинобар ин зарур аст, ки аз никоҳи хешутаборӣ ҳамеша даст кашем ва дар зиндагӣ ба хато роҳ надиҳем. Волидон

бар он назаранд, ки гӯё издивоҷи хешутаборӣ пайвандгари насли онҳост ва онҳо ба хотири хешутаборӣ ба ҳама пастию баландиҳои рӯзгор тоб меоранд. Ин фикр, албатта, хатост. Магар зери як бом бо дили шикаста зиндагӣ намуда, хотирбинӣ кардану умри ширинро талх паси сар кардан хушбахтӣ аст? Не, албатта! Бо бегона издивоҷ карда, хешу табор мешавӣ, аз зиндагии солим фарзандони солиму зебо ба дунё меояд, ҳамзамон меҳри байни худиҳо ва хешу табор қавӣ мемонад.

***Саволҳо***

*1 .Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳи хешутабориро чӣ гуна нишон медиҳад?*

*2 .Оқибатҳои никоҳи хешутаборӣ ба чӣ оварда мерасонад?*

*3 .Мустаҳкамии муносибатҳои хешутаборӣ ва пайванди решаҳои авлодиро дар чӣ мебинед?*

*4 .Оё бо каси ноошно зиндагӣ кардан хушбахтӣ меорад?*

*5 .Шумо оқибатҳои никоҳи хешутабориро дар мисоли ягон оила медонед?*

## §10. МАРОСИМИ НИКОҲ, БАРГУЗОРИИ ТӮЙҲОИ АРӮСӢ ВА ПЕШГИРӢ АЗ ХАРОҶОТИ ЗИЁД

Мафҳуми никоҳ аз ҷиҳати иҷтимоӣ расман маънои ҳамзистии намояндаи ду ҷинси мухолиф – марду зан аст. Натиҷаи он ба таври расмӣ ва маъмулӣ қонеъ намудани талаботи якдигар, тавлиди фарзанд

– давоми насли башар, ташкили хоҷагии якҷоя, таъминоти моддӣ ва маънавӣ мебошад.

Никоҳ (издивоҷ) ибтидо ва шарти зарурии ташкили оила мебошад. Аз даврае, ки оила ба вуҷуд омадааст, ҳамаи

системаҳои идеологӣ (динӣ, илмӣ) дар хусуси он ибрози назар кардаанд.

Дар гузашта ҳаққи ширу масрафи зиёд бисёр ҷавононро аз имконияти сари вақт ташкил кардани оила маҳрум намуда, боиси бе шавҳар мондани духтарон ва «пирдухтар» ном гирифтани онҳо мегардид.

Никоҳ, ки маъмулан баъди фотеҳа анҷом меёфт, мувофиқи шариати мусулмонӣ дар ҳаёти оилавии тоинқилобии тоҷикон хусусиятҳои махсусу мароқангез дорад ва он, пеш аз ҳама, ба муомилаи хариду фурӯш монанд аст. Онро барои беҳтар кардани аҳволи моддӣ (камбағалон) ё барои боз ҳам бойтар гардидан (дороён) ва ё мустаҳкам намудани мавқеи иҷтимоӣ мебастанд. Масалан, камбағалон маҷбур мешуданд, ки баъзан ҳатто аз гаҳвора духтарашонро ба касоне, ки аз онҳо қарздору вобастаанд, гарав гузоранд, гаҳворабахш кунанд. Бойҳо ҳам бо нияти боз ҳам бойтар шудан ба воситаи никоҳи шаръӣ ба муоми- ла медаромаданд, доду гирифти духтар менамуданд. Баъзан барои дуруст намудани муносибатҳои шахсӣ ва мавқеи иҷтимоӣ волидон бо рақибони худ ба туфайли чунин доду гирифт робитаи хуби хешутаборӣ барқарор мекарданд. Ин амал ҳатто кори хайру савоб, суннати пайғамбар ҳисоб мешуд. Одатан дар ин муомила касе фикру мулоҳиза ва ё розигии духтаронро намепурсид. Раъйи падару модар барои духтар ҳатмӣ ҳисоб мешуд.

Дар замони муосир писару духтари ба балоғатрасида дар ҷойи кор, таҳсил ва ғайра бо якдигар шинос шуда, якдигарро меомӯзанд, сипас бо падару модар ё наздикони дигар дар хусуси никоҳ арзи ҳол менамоянд.

Бояд гуфт, ки то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фотеҳатӯй бо иштироки меҳмонони зиёд ва хароҷоти калони моддӣ гузаронида мешуд. Дар он гову гӯсфанд, либосу матоъ, орду биринҷ, қанду қандалоти

бисёр сарф мешуд, ки чунин худнамоию худситоӣ ҳам ба хонаводаи арӯс ва ҳам ба хонаводаи домод зарари зиёди иқтисодӣ расонида, гоҳо хеле миёншикану гарон мегардид ва ба зиндагии навхонадорон солҳои дароз мушкилиҳо меовард.

Дар мавриди никоҳи шаҳрвандӣ (расмӣ) ва никоҳи шаръӣ бояд гуфт, ки никоҳи шаҳрвандӣ хусусияти хосси худро дошта, аз никоҳи шаръӣ хеле фарқ мекунад. Агарчи мақсади ниҳоии ҳар ду шакли никоҳ як аст, вале никоҳи динӣ, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунад, ки шариат диндор (мусалмон) будани никоҳшавандагонро ба миён мегузорад. Никоҳи шаҳрвандӣ ё қонунӣ ба дину маслак (масалан, дин- дор, атеист будану набудан)-и тарафҳо кор надорад. Онҳо бояд қонуну қоидаҳои шаҳрвандиро риоя кунанд.

Барои аз ақди никоҳи шаҳрвандӣ гузаштан никоҳ-шавандагон камаш як моҳ пеш ба муассисаҳои ақди никоҳ ва ташкилотҳои онро ивазкунанда бо хоҳиши худ ариза медиҳанд. Агар ақидаи онҳо тағйир наёбад, дар рӯзи муқарраршуда ҳамроҳи шоҳидҳо ва ёру дӯстон ба муассисаҳои дахлдор ҳозир мешаванд. Ҳуҷҷатҳои расмиро имзо мекунанд, шоҳидҳо тасдиқ менамоянд, ҳозирон маъқул мешуморанд ва расмияти никоҳ ба анҷом мерасад. Никоҳро дар муассисаҳои дахлдор гузаронидан шарт нест. Шахсони масъул аз ин муассисаҳо метавонанд, ки расми никоҳро дар клубҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳатто дар тӯйхона гузаронанд. Солҳои охир ҳамин шаклро бештар ба кор мебаранд, ки бисёр хуб аст. Вақти одамони тӯйдор сарфа ва қатори мошинҳои тӯйгард кам мегардад.

Табиист, ки ташкили оилаи навро бе тӯю хурсандӣ, бе суруду рақс, бе меҳмонону ёру дӯстон тасаввур кардан душвор аст. Аммо то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъзан тӯй

на фақат ба маъракаи хурсандӣ, балки ба маъракаи пурташвише табдил ёфта буд, ки барои гузаронидани он солҳои зиёд ҷамъ кардани анҷому маблағ лозим мешуд. Чунин амали нописанд тӯйдоронро гирифтори қарзи аз ҳад зиёд мекард. Онҳо баҳри аз қарз халос шудан солҳои тӯлонӣ заҳмат мекашиданд.

Барои баъзе оилаҳое, ки даромади муфт доштанд, тӯй ба як навъ воситаи намоиши бойигарӣ, обрӯ, худситоӣ ва ном баровардан табдил ёфта буд.

Чизи дигаре, ки писардорро ба ташвиш меовард, ин фармоиши (бори) тӯёна буд. Ин фармоиш гову гӯсфанд, орду биринҷ, равғану қандалот, меваю нӯшокиҳо ва «сарупои» арӯсро дар бар мегирифт. Барои арӯс миқдори хеле зиёди либос фармуда мешуд, ки гӯё то охири умр ҳамин либосҳои фармудашударо мепӯшида бошад. Дар фармудани либос худи арӯс ҳам иштирок мекард.

Одати зараровари дигаре, ки дар тӯйҳои миллӣ ҷой доштанд, ин либоспӯшонӣ буд. Ҳам тарафи домод ва ҳам тарафи арӯс аз рӯйи расму одатҳои мавҷуда вазифадор буданд, ки ба хешу табори наздики онҳо либос пӯшонанд. Ғайр аз ин ба меҳмонҳое, ки бо тухфа ба тӯй меомаданд, либос мепӯшониданд.

Хулоса, чанд сол қабл мардуми тоҷик дар тӯю маъракаҳои худ аз қабили «Оши наҳор», «Тӯйи арӯсӣ», «Ноншиканон», «Домодталбон», «Қудоталбон», «Салом» ва дигар анъанаҳо ба тӯйҳои серхарҷу дабдабанок, исрофкорӣ ва таассубкориҳои беасос роҳ медоданд. Ҳатто падару модар барои оиладор кардани фарзандон солҳои сол дар ғарибию мусофират меҳнат мекарданд. Дар бештар маврид пинҳонӣ боз қарз мегирифтанд, ки дар натиҷа аксарияти оилаҳои ҷавонро қарздорӣ азият дода, баъзан боиси вайрон гаштани онҳо мешуд.

Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамаи тӯю маъракаҳо ва расму оинҳои миллӣ

ба танзим дароварда шуда, меъёри муайяни гузаронидани тӯю маъракаҳои миллӣ муайян карда шуд. Тибқи қонуни мазкур тӯйи домодию арӯсӣ ба таври ихтиёрӣ дар давоми на бештар аз ду рӯз бо оростани зиёфат барои на бештар аз 150 нафар ва додани оши тӯй барои то 200 нафар аз ҳар ду ҷониб муқаррар карда шуда, маросими «Домодталбон» ва «Арӯсталбон» дар доираи хонавода бо иштироки на бештар аз 15 нафар муайян карда шудааст.

Ҳамчунин, муқаррар шудааст, ки маросими қайди давлатии ақди никоҳ дар мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо истифодаи на бештар аз чор автомашинаи сабукрав гузаронида шавад.

Барои назорат ва иҷрои он Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, сохторҳои он дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то сатҳи ҷамоатҳо ташкил карда шуд, ки онҳо риояи талаботи қонунро назорат мебаранд. Дар ҳолати вайрон кардани қонун соҳибони тӯю маърака ва тарабхонаҳо ба ҷавобгарӣ кашида шуда, нисбати онҳо чораҳои маъмурӣ андешида мешавад.

Хушбахтона, имрӯзҳо ба масъалаи гузаронидани тӯю маъракаҳо ва ба танзим даромадани он аз ҷониби роҳбарияти давлату ҳукумат ҷиддан диққат дода мешавад. Барои камхарҷ гузаронидани маъракаю маросимҳои гуногун дар шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳо комиссияҳо аз ҷумлаи одамони кордида интихоб карда мешаванд. Онҳо камхарҷ гузаронидани маросимҳоро танзим ва роҳбарӣ менамоянд. Ин иқдом аз ҷониби мардум ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст. Шайх Саъдии Шерозӣ гуфтааст:

*Аз андоза бартар манеҳ пойи хеш,*
*Хирадро нигаҳ дор дар ҷойи хеш!*
*Маро панд додаст марди ҳаким,*
*Ки: «Поят фузунтар макаш аз гилем!».*

Оре, ҳар кор ҳадду андозае дорад. Масрафи беҳударо дар ягон замон тавсиф накардаанд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» оид ба ин масъала чунин овардааст: «Чун чунин аст, андаке гуфтам, аз вай бештар чизе талаб макун, духтарфурӯш мабош, ки домод худ муруввати хеш бинагзорад ва мардумӣ ба ҷое наравад. Ту он чи дорӣ, бадал кун ва духтар дар гардани вай банд ва бираҳон худро аз ин меҳнати азим. Ва дӯстро ҳамин панд деҳ, то бар ин ҷумла ӯ низ биравад».

Ба амалӣ шудани ин иқдом бояд пеш аз ҳама худи арӯсу домод саҳм гузоранд. Худи онҳо аз чунин маросиме, ки масрафи беҳудаю маблағҳои зиёдро талаб карда, волидонро гирифтори қарз мекунад, даст кашанд ва ба касе пайравию тақлид накунанд.

Мутаассифона, солҳои охир пӯшидани либосҳои анъанавии миллии домоду арӯс қариб ки аз байн рафтааст. Либосҳои арӯсу домод тақлиди кӯр-кӯрона ба либоспӯшии тӯёнаи аврупоӣ мебошад. Ин тақлидкорӣ ҳатто то ба деҳаҳои дурдасти ҷумҳурӣ расидааст ва арӯсон пироҳани сафеди арӯсии аврупоӣ мепӯшанд, ки домони он хоку лойи кӯчаро мерӯбад. Ба сар кулоҳу сарандоз (фата) мепӯшанд, ки ҳеҷ ҳусни онҳоро намеафзояд ва аз рафтори арӯс маълум мегардад, ки дар ин либос худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Магар беҳтар нест, ки онҳо либосҳои миллии арӯсиро ба бар кунанд ва анъанаҳои миллии худро эҳё намоянд?!

Охир, либосҳои арӯсии тоҷикони Зарафшон, Ҳисору Хуҷанд, Раштону Бадахшону Хатлон, сарандозҳои миллӣ, ки худи духтарон ба тӯйи арӯсиашон бо як ҷаҳон орзу гулдӯзӣ мекунанд, аз фатаи аврупоӣ ҳеҷ камӣ надоранд. Чунин рафтори мо боиси он мегардад, ки тадриҷан анъанаҳои неки миллӣ ва аҷдодиамонро фаромӯш намоем.

Умед аст, ки ҷавонон ба қадри маданияти бою қадими худ расида, дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ҳам дар либоспӯшӣ ва ҳам дар риояи маросимҳои миллӣ эҳтироми онро ба ҷо меоваранд.

***Саволҳо***

*1. Ақидаи шумо дар бораи тӯйҳои дабдабанок чӣ гуна аст?*

*2. Муносибати шумо ба тӯйҳои ҳозиразамон чӣ гуна аст?*

*3. Ба фикри шумо маросими фотиҳа лозим аст ё не?*

*4. Кадом анъанаҳои пеш аз тӯйро медонед; кадоми онҳо ба шумо маъқул ва кадомаш маъқул нест?*

*5. Кадом ҷиҳатҳои бақайдгирии никоҳ ба шумо писанд аст?*

## §11. ҚАТЪ КАРДАН ВА БЕЭЪТИБОР ДОНИСТАНИ НИКОҲ

Асосҳои қатъ гардидани никоҳ. Никоҳ ҳамчун иттифоқи ихтиёрӣ, озод ва баробарҳуқуқи байни марду зан аз лаҳзаи дар мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Баста шудани ақди никоҳ байни зану шавҳар ҳуқуқу уҳдадориҳои муайянеро ба миён меорад, ки қисме аз онҳо ҳатмӣ буда, қисме дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Аз ин лиҳоз қатъ гардидани ақди никоҳ як қатор оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меорад, ки он дар доираи талаботи қонунгузорӣ бояд амалӣ карда шавад.

Бар асоси муқаррароти моддаи 16-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳ метавонад дар ҳолатҳои зерин қатъ карда шавад:

1) вафоти яке аз ҳамсарон;

2) аз тарафи суд фавтшуда эълон намудани яке аз ҳамсарон;

3) дар асоси аризаи зан ё шавҳар ва ё ҳар ду тараф, васии зан ва ё шавҳаре, ки суд ӯро ғайри қобили амал эътироф намудааст, ё прокурор бекор кардани ақди никоҳ.

Дар ҳолати вафоти яке аз ҳамсарон кофист, ки тарафи дигар ба мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи вафотро пешниҳод намояд. Дар ҳолати бедарак ғайб задан, зарур аст, ки ҳалномаи суд дар бораи вафотёфта эълон кардани тарафи дигар пешниҳод шавад.

Пайдо шудани шахсе, ки ба тариқи судӣ вафотёфта эълон гардидааст, барои барқарор намудани ақди никоҳи ӯ асос мегардад, ба шарте ки тарафи муқобил бо каси дигар ақди никоҳ набаста бошад. Ҳангоми беэътибор дониста шудани ақди никоҳ ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ байни ҳамсарон, ки аз бастани ақди никоҳ ба миён омада буд, қатъ мегарданд.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ду тарзи бекор кардани ақди никоҳ мавҷуд аст:

1) бекор кардани ақди никоҳ ба тарзи судӣ;
2) бекор кардани ақди никоҳ ба тарзи маъмурӣ.

Бояд қайд намуд, ки бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқи истисноии ҳамсарон буда, онҳо метавонанд якҷоя ариза пешниҳод намоянд ва ё як тараф, яъне зан ва ё шавҳар ариза пешниҳод намояд. Дахолати шахсони дигар ба ин масъала роҳ дода намешавад.

Дар ҳолати мавҷуд набудани даъво ва норозигӣ байни тарафҳо ақди никоҳ метавонад ба таври маъмурӣ, яъне дар мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда шавад. Ҳамсароне, ки хоҳиши дар мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор кардани ақди никоҳро доранд, дар шакли хаттӣ ариза пешниҳод карда, шаҳодатномаи ақди никоҳро замима менамоянд. Дар ариза ризоияти худро барои бекор кардани ақди никоҳ ва надоштани фарзандони ноболиғи муштарак тасдиқ мекунанд ва ба он имзо гузошта, санаи онро нишон медиҳанд. Бекор кардани ақди никоҳ ва қайди давлатии бекор намудани он дар ҳузури ҳамсарон ва ё яке аз онҳо пас аз як моҳи пешниҳод гардидани ариза амалӣ мегардад.

Мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ метавонад дар ҳолатҳои зерин, новобаста ба он ки фарзандони ноболиғ доранд ё не, акди никоҳро бо аризаи яке аз тарафҳо бекор намояд:

– аз тарафи суд ғайбзада эътироф шудани зан ё шавҳар;

– аз тарафи суд дар асоси аризаи шахсони манфиатдор ғайри қобили амал эътироф намудани яке аз ҳамсарон;

– вафоти зан ё шавҳар ва ё аз тарафи суд вафотёфта эълон намудани онҳо;

– тибқи ҳукми суд барои содир намудани ҷиноят ба муҳлати зиёда аз се сол маҳрум намудан аз озодӣ.

Мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҳамсарони собиқ оид ба бекор шудани акди никоҳ шаҳодатнома медиҳад.

Ҳангоми аз тарафи суд бекор кардани акди никоҳ қонунгузорӣ баъзе маҳдудиятҳоро муайян намудааст, ки он бояд риоя карда шавад. Шавҳар ҳуқуқ надорад:

1. Дар давраи ҳомилагии зан ва якуним соли таваллуд бе ризоияти зан ба суд дар бораи бекор кардани акди никоҳ муроҷиат намояд;

2. Дар давраи фавтида таваллуд шудани кӯдак ва ё то яксолагӣ вафот кардани кӯдак ба суд дар бораи бекор кардани акди никоҳ муроҷиат намояд.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки маҳдудияти мазкур ба зан татбиқ намегардад, яъне ӯ ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳза оид ба бекор кардани акди никоҳ ба суд муроҷиат намояд.

Ҳангоми қатъ гаштани акди никоҳ дар атрофи тақсими молу мулки хона байни зану шавҳар баҳсу талошҳо ба миён меояд. Ҳар яке даъвои онро мекунанд, ки дар хариди асбобу анҷоми хона саҳми бештар доранд, бинобар ин бояд асбобу анҷоми бештареро соҳибӣ кунад.

Аммо зану шавҳар бояд хуб донанд, ки молу мулке, ки онҳо дар давраи ҳаёти оилавӣ якҷоя ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ба ҳисоб меравад ва дар тақсимот онҳо ҳуқуқи баробар доранд.

Аммо асбобу анҷоме, ки то давраи хонадорӣ ба онҳо тааллуқ доштанд, моликияти шахсии онҳо ҳисоб меёбад. Ғайр аз ин, амволи истифодаи шахсӣ, аз қабили либос, пойафзол, асбобҳои ороиши занона ва мардона (соат, гӯшвор) моликияти шахсии зану шавҳар ҳисоб меёбанд.

Ҳарчанд зан дар давраи оиладорӣ дар ягон ҷо кор накарда бошад ҳам, вай дар кори хоҷагии хона, тарбияи фарзандон саҳми худро гузоштааст ва аз ин рӯ вай ба моликияти оила, ки дар давраи зиндагии якҷоя ба даст овардаанд, баробари мард ҳақ дорад.

Ин гуфтаҳоро моддаи 34-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст: амволи дар давраи оиладорӣ бадастовардаи зану шавҳар моликияти муштараки онҳо эътироф карда мешавад. Яъне ҳамаи он чизҳое, ки зан ё мард дар ҳаёти якҷоя ба даст овардаанд, амволи муштараки ҳар ду ба ҳисоб меравад. Даромаде, ки зану шавҳар дар давраи зиндагӣ дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ ба даст овардаанд, нафақа, ёрдампулӣ, коғазҳои қиматнок, амволи харидоришуда, новобаста ба он ки ба номи кӣ номнавис шудааст, амволи муштарак эътироф карда мешавад.

Аз ин лиҳоз молу мулки муштарак дар зиндагӣ аз ҷониби зану шавҳар баробар истифода мешавад. Фаромӯш набояд кард, ки ҳаёти оилавии зану мард бе қайди давлатӣ барои ноил шудан ба моликияти муштарак асос намешавад.

Аз ин ҷиҳат ҳангоми тақсими анҷоми хона ҳиссаи онҳо баробар муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, суд манфиати фарзандонро ба назар гирифта, ҳангоми тақсим қисми зиёди чизу чораро ба фоидаи онҳо муайян мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурии мо ба ҷиҳати динии бекор кардани никоҳ (талоқ) диққати махсус дода мешавад. Талоқи мусулмонӣ дар ҷумҳурии мо расмӣ-маъмулӣ аст. Никоҳи мусулмонӣ дар барпо намудани оила яке аз омилҳои пурзӯри танзими муносибати оилавӣ маҳсуб мегардад. Барои ҳамин пеш ё баъд аз бекор кардани ақди никоҳи шаҳрвандӣ талоқи шаръӣ дода мешавад.

Агар талоқи мусулмонӣ чун қоида аз тарафи мард–шавҳар сурат бигирад, талоқи шаҳрвандӣ аз ҳар ду тараф ба амал меояд, ки ҳуқуқан баробар мебошад.

***Саволҳо***

*1. Дар кадом ҳолатҳо никоҳ қатъ карда мешавад?*

*2. Кадом тарзҳои бекор кардани ақди никоҳро медонед?*

*3.Оё мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ метавонад ақди никоҳро бекор кунад?*

*4. Талоқи мусулмонӣ аз бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти судӣ ва ё Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ чӣ фарқ дорад?*

*5. Кадом амвол амволи муштараки марду зан ҳисобида мешавад?*

# ФАСЛИ V.
# ОДОБИ МУНОСИБАТ ДАР ОИЛА

## §12. ХУСУСИЯТҲОИ ОИЛАИ ҶАВОН

Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки оилаҳои ҷавон дар бисёр ҳолатҳо аз волидон вобастаанд ва аз ин хотир ба таври бояду шояд наметавонанд мустақилияти худашонро нишон диҳанд. Ин вобастагии моддӣ ва маънавии оилаи ҷавон, пеш аз ҳама, ба волидон марбут мебошад. Аз ин хотир волидонро зарур аст, ки барои мустақилияти оилаҳои ҷавон шароит фароҳам оваранд, то ки онҳо дар амал ва қабули қарорҳои мустақилона масъулият ҳис намоянд. Яъне камолоти психологӣ ба даст оранд.

Бояд гуфт, ки ноилшавӣ ба камолоти психологӣ нисбат ба камолоти моддӣ душвортар сурат мегирад. Навхонадорон дар ҳалли якҷояи масъалаҳои оилавӣ таҷрибаи кофӣ надоранд. Ин аст, ки байни онҳо нофаҳмиҳо ба амал меоянд, зеро ҳар яке «Ман»-и худашро дар рафти муоширати оилавӣ баланд мегузорад. Онҳо бо баҳсу мунозираҳои мунтазам кӯшиши азнавтарбиякунии якдигарро мекунанд, то ки ба симои психологии модар, падар ё дӯстонашон монанд шаванд. Ҷавоне, ки бо дигар кардани шахсияти ҳамсараш машғул мешаваду ӯро зери таъсири «сиёсат»-и худ қарор додан мехоҳад ва ё ба образи бофтааш мувофиқ кунониданӣ мешавад, бояд бидонад, ки ин амали бефоида аст ва аз назари психологӣ қобили қабул нест. Набояд фаромӯш кард, ки ҳар як шахс фардияти такрорнашаванда буда, танҳо бо дарназардошти ин ҷиҳат ва ҷиҳатҳои дигар метавон муҳити солими оилавиро таъмин кард.

Ҳар як хонавода тартибу низоми хосси худро дорад, ки арӯс ба аксари онҳо ошно нест. Дар ин хонавода шахси аз ҳама наздик шавҳараш мебошад, ки бояд ба ӯ барои зудтар ва ба осонӣ худро аъзои баробарҳуқуқи оила ҳис карданаш маслиҳатгару ёвар бошад.

Душвории асосӣ дар он аст, ки шавҳар ва зани ҷавон дар оилаҳои худ тарбияи гуногун гирифтаанд ва феълу рафторашон мухталиф мебошад. Тадриҷан бе мушкилӣ ворид шудан ба муҳити нави хонаводагӣ яке аз вазифаҳои муҳимми зану шавҳари ҷавон мебошад. Мувофиқ намудани одату рафтори худ ба шароити оила ва иҷро кардани вазифаҳои нави иловашуда, махсусан дар моҳҳои аввали оиладорӣ мушкил аст. Дар ин моҳҳо зану шавҳари ҷавон ҳамдигарро хубтар мешиносанд, ба вазифаҳои нави оиладорӣ шинос мешаванд. Муносибатҳо бо ҳамдигар ва бо хешу табори нав барқарор мегарданд.

Муносибати байни зану шавҳар бояд дар асоси баробарҳуқуқии пурра ба роҳ монда шавад. Муносибат дар оила дар асоси иззату эҳтиром, ғамхорӣ, рафтори дилсӯзонаи ҳамдигар сохта мешавад. Тамоми корҳои оилавӣ бояд бо маслиҳат ва розигии аъзои оила ҳал карда шаванд.

Оиладорӣ кори мураккаб аст. Дар ҳаёти оилавӣ дар баробари шодию хурсандӣ ғаму ташвиш, носозӣ ва рӯҳафтодагӣ низ ба вуҷуд меояд. Дар оилаи солим, ки аъзои он иззату ҳурмати ҳамдигарро медонанд, ҳар корро бо маслиҳат мекунанд, бартараф намудани душворӣ ҳам осон мешавад. Одобу эҳтиром байни зану шавҳар ва волидони ҳамдигар барои мустаҳкам шудани оила воситаи муҳимму зарурӣ аст.

Дар оилае, ки тифоқ, самимият ва иззату эҳтироми байниҳамдигарӣ вуҷуд надорад, кинаю ситеза, моҷарою рӯҳафтодагӣ ба вуҷуд омада, ба пойдории он ва махсусан ба кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Агар дар оила муҳаббат, ҳамфикрӣ, эҳтироми тарафайн ҳукмфармо бошад, худи муҳаббати падару модар, самимият ва ҳамкории онҳо дар ҳаёт омили тарбияи фарзандон мешавад. Бунёд кардани оилаи хушбахт ба муносибати самимонаи зану шавҳар вобаста аст.

Дар яке аз ҳикояҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар боби одоби оиладорӣ оид ба муносибати зану

шавҳар чунин гуфта шудааст: «Мард бояд ки бо аҳли хеш чун кӯдаке бувад дар лаъаб[1] ва ба кадхудоӣ чун мардон бошад. Ва бояд ки хандон ба хона дарояд... Ва бояд ки мард чун табибе устод бувад, ки ҳар як илоҷе дар вақт нигоҳ медорад. Ва сабру эҳтимол (тоқат) бояд, ки ғолиб бувад бо қаҳру истило...».

Ин воқеият аст, ки агар мард бо чеҳраи кушод ба хона дарояд, бо аҳли оилаи худ хушҳолу самимӣ вохӯрӣ кунад ва агар онҳо ӯро бо чеҳраи кушод пешвоз гиранд, ин рафтори вай ба ҳамаи онҳо таъсири мусбат мерасонад ва шароити психологии оила муътадил мегардад. Албатта, ҳаёти оилавӣ бе камбудӣ намешавад ва мард бояд дар ҳар ҳолат норозигӣ, қаҳру ғазаби худро фурӯ нишонда тавонад. Агар дар байни зану шавҳар ягон норизогӣ пайдо шавад, онҳо бояд ботамкин фикри худро ба якдигар баён кунанд, бо маслиҳат ба як қарори дуруст биоянд. Саъдии бузург дар ин бора чунин фармудааст:

*Ёр он бувад, ки сабр кунад бар ҷафои ёр,*
*Тарки ризои хеш кунад дар ризои ёр.*

Зану шавҳари ҷавон барои осоишу саодати оила бояд ба ҳамдигар гузашт карданро омӯзанд. Бо якравӣ гапи худро гузаронидан сабаби низои оилавӣ мешавад. Дар оилае, ки байни зану шавҳар ҷанҷол бошад, аҳли хонавода низ худро ноорому ноосуда ҳис мекунанд.

Зану шавҳар бояд маслиҳатгар ва дӯсти наздики ҳамдигар бошанд ва камбудии якдигарро хайрхоҳона ба ҳамдигар фаҳмонда ба ислоҳи он кӯшанд.

Баъзан, махсусан занҳо, агар аз ягон рафтори ҳамсарашон хафа шаванд, ба падару модар, дӯст ё хешу табораШон шикоят мекунанд. Ин рафтори нодуруст аст, зеро пайдо шудани гапу овозаи зиёдатӣ сабаби дилхунукӣ байни зану шавҳари ҷавон ва бад шудани муносибати тарафайн мешавад.

---

[1]. лаъаб (лаъб, лаиб) - бозӣ, хушӣ

Воқеаеро, ки ба шумо мисол меорем, дар яке аз деҳаҳои назди шаҳри Душанбе рух додааст: Мард аз кор ба хона бармегардад, ки занаш дар хона нест. Аз модараш мепурсад. Модараш мегӯяд, ки аз пагоҳӣ баромада рафтааст ва куҷо рафтанашро ҳам нагуфтааст. Зан дар ин бора ба шавҳараш ҳам чизе нагуфта буд. Мард дар қаҳр шуда, интизори бозгашти ҳамсараш мешавад. Баъд аз муддате зан бармегардад. Мард худро идора карда натавониста, гапҳои бад мегӯяд ва занашро як шаппотӣ ҳам мезанад. Зан ҳам дар сари қаҳру ғазаб доду фарёд мекунад ва ба хонаи падараш меравад ва шикоят мекунад, ки шавҳараш ӯро задааст. Се бародари зан бо хашму ғазаб ба хонаи домод омада, бе пурсиши сабаби моҷаро домодро чунон мекӯбанд, ки ӯ ба беморхона меафтад. Мавзӯи ин ҷанҷол ҳатто ба идораи маъмурӣ мерасад. Бародарон бо гуноҳи авбошӣ ба муҳлати гуногун ба ҳабс гирифта мешаванд. Дар натиҷаи ин моҷаро мард занашро талоқ медиҳад. Ҳамин тариқ, оилае, ки аз ташкилшавии он ҳамагӣ се моҳ гузашта буд, вайрон мегардад.

Дар ин моҷаро зану шавҳар ҳар ду ҳам айбдоранд, аммо зан бештар. Аввал ин ки аз рӯйи одоб зан пеш аз рафтанаш ба ҷое бояд ба хушдоман ва шавҳараш хабар медод. Дар ҳар сурат барои осоишу оромии оила ҳама кор бояд бо маслиҳату машварат иҷро карда шавад.

Арӯс ба оилаи шавҳар ҳамчун фарзанд дохил мешавад, волидони арӯс ҳам домодро чун фарзанди худ қабул мекунанд. Аз ин рӯ яке аз сабабҳои мустаҳкам шудани оила ба ҷо овардани иззату эҳтироми волидони якдигар мебошад. Дар зарбулмасали халқӣ омадааст, ки «Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд». Аз ин хотир дар хонадоне, ки корҳои оилавию рӯзгор бо маслиҳату ризоияти тарафҳо анҷом ёфта, эҳтироми аъзои оила ба ҷо оварда мешавад, доимо хушбахтию оромӣ ҳукмфармост. Зану шавҳари ҷавон камбудию хатоҳои рафтори хешро бояд ҳамроҳ, дӯстона ва хушбинона ҳал кунанд. Аҳмади Дониш дар ин бора дар маслиҳат ба зан чунин гуфтааст:

«Аммо ҳаққи шавҳари хеш ҷуз накуӣ нагӯяд ва айби шавҳари худро бипӯшад ва густохие миёни ишон бувад, дар муоширaт ва мубошарат ҳикоят накунад. Ва дар ҳама корҳо бо муроду шодии шавҳар ҳарис бошад... ва шафқат нигоҳ дорад».

Падару модар дар оила ашхоси муътабаранд. Дар тӯли зиндагӣ ва оиладорӣ таҷрибаи бузурги рӯзгорро андӯхтаанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба фарзандони худ бадӣ намехоҳанд ва мудом дар фикри хушбахтии онҳо мебошанд. Фарзандон ҳам бояд падару модарро маслиҳатгари аввалини худ донанд ва барои осон шудани ҳар мушкиле, ки рӯзгор пеши онҳо мегузорад, барои маслиҳат ба онҳо муроҷиат кунанд.

Навхонадорон баъди бунёди оила соҳиби фарзанд мешаванд. Ба дунё омадани фарзанд дар оила мавқеъ ва нақши ҳамсаронро як андоза тағйир медиҳад. Онҳо бояд ба тарзи ҳаёти нав, ба илова шудани мушкилиҳои психологӣ ва ҷисмонӣ, маҳдудшавии вақти умумии фароғат ва ғайра мутобиқ шаванд. Ҳамсарон то таваллуди кӯдак имкониятҳои баробари кор кардан, хондан ва муоширатро бо наздикон ва дӯстон доштанд ва ин шароит акнун тағйир меёбад. Илова бар ин, тавлиди кӯдак гӯё ба ҳамсарон пешниҳод мекунад, ки имкониятҳои нави ҳамкорӣ ва муоширатро ҷустуҷӯ кунанд. Ҳамаи ин метавонад дар рушди оила шароити мусоид ё номусоидро ба вуҷуд оварад. Агар ҳамсарон то таваллуди кӯдак ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои якдигар, фаҳми- дани ҳолатҳои равонии ҳамдигар ва якҷоя ҳал кардани масъалаҳои пайдошудаи оилавиро ёд гирифта бошанд, он гоҳ таваллуди кӯдак бешубҳа муносибатҳояшонро боз ҳам мустаҳкамтар мекунад. Дар ин ҳолат тақсимоти нақшҳои ҳамсарон дучори дигаргунии сахт нашуда, балки он ба ташаккули умумияти оила мусоидат мекунад. Пас таваллуди кӯдак омили устувории оила мешавад ва ба ин маънӣ чунин ҳикмати халқиро овардан бамаврид аст: «Навзод бо ҳастиаш атрофиёнро тарбия мекунад».

Мушоҳидаҳои психологӣ  ба он далолат мекунанд, ки навхонадорони дар вазъияти буҳрони муносибатҳои оилавӣ қарордошта ба хотири кӯдаки дар батни модараш буда ба созиш меоянд ва ба ин васила муҳити солими муошират дар хонавода аз нав барқарор мешавад.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» чунин овардааст: «Эй писар, чун зан хостӣ, ҳурмати худро наку дор. Агарчанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизи худ аз зану фарзанд дареғ мадор, аммо аз зани босалоҳ ва фарзанди фармонбардору меҳрубон. Ва ин корест, ки ба дасти туст, чунон ки ман дар байте гӯям:

*Фарзанд чу парварию зан чу дорӣ,*
*Бояд ки ба гуфти оқилон гӯш дорӣ.*

***Саволҳо***

*1. Барои мустаҳкам шудани оилаи ҷавон аз ҳама муҳим чист?*

*2. Вақте ки шавҳар ё зан аз кор хаста ва бо табъи хира баргашт, ба вай чӣ хел муносибат бояд кард?*

*3. Асрори муносибатҳои оилавиро ба кӣ гуфтан мумкин аст?*

## §13. МУҲИТИ ПСИХОЛОГӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ШАХСӢ ДАР ОИЛА

Иттифоқи ду шахси болиғ – писар ва духтари бакамолрасида қадами аввалин дар роҳи бунёди оила буда, он дар асоси аҳду паймони ошиқона, бо риштаҳои беолоиши меҳр ва муҳаббати пок баста мешавад. Пойдории он, бақову вусъати вай ба ҳамфикрӣ ва ҳамдигарфаҳмии тарафайн, ба машварату ризоияти онҳо вобаста аст. «Оила, – мегӯяд психолог ва мутафаккири австриягӣ Алфред Адлер (1870 – 1973), – шакли минётурии ҷамъият буда, амнияти тамоми ҷамъияти бузурги башарӣ ба ягонагиву бақодории он вобаста аст».

Оила дар асоси муҳаббати тарафайн, ба таври ихтиёрӣ барпо карда мешавад. Ду шахси баркамол дар асоси умумияти фаҳмишу ҷаҳонбинӣ, талаботу манфиатҳои якхела паймони оилавӣ баста, бо ҳамин ихтиёран уҳдадор мешаванд, ки минбаъд бо сулҳу салоҳ зиндагии якҷояи оилавиро ба роҳ монда, ба бақову пойдории ҷамъияти башарӣ саҳм мегузоранд.

Барои ин волидон дар ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмӣ бо аъзои дигари оила – фарзандон, арӯсу домод, набераю абераҳо ибрат нишон дода, бояд ҳар корро бо мулоҳизаву машварат ва ба нафъи умум оғоз кунанд, ба он роҳ надиҳанд, ки шаъни касе коста ва манфиати он сарфи назар гардад. Ҳангоми маслиҳату машварат фикру дархости ҳар узви оиларо бо сабру таҳаммул шунида, ҳусну қубҳи онро оромона фаҳмонанд. Ҳангоми аз тарафи волидон зоҳир намудани заррае дағалӣ боиси ранҷиши фарзандон, коҳиши муҳити оила ва ҳатто низоъ ва нифоқ шуда метавонад. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик чунин мисолҳо хеле зиёд ба чашм мерасанд. Масалан, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Калила ва Димна» фармудааст: «Марди хирадманд бояд таҷрибаро пешаи худ созад ва бо таъбиру тааннӣ (сабр) кор карда, аз таъҷили сабукборӣ худдорӣ намояд».

Ҳар аъзои оила чун коллективи хурдтарин хулқу атвор, рафтору кирдор, афзалияту камбудӣ, арзишу фаҳмиши зебоӣ, назокату кароҳати (нафратангезии) худро дорад. Ҳангоми оғози ин ё он фаъолият ва амалиёт ҳамаи ин хислатҳоро ба эътибор гирифтан лозим аст. Манфиати якеро бар зарари дигаре ба ҷо овардан нашояд, ки боиси халалдор гардидани муҳити психологӣ дар оила шуда метавонад.

Чун қоида, оила аз ҷинсҳои мухталиф: зану мард (зану шавҳар, писару духтар, арӯсу домод) иборат буда, ҳар яки онҳо хусусиятҳои ҷисмонӣ, яъне хусусиятҳои хосси мардона ва занона доранд. Аксар вақт тақсимоти меҳнат ва вазифаҳову уҳдадориҳои оилавӣ низ вобаста ба ҳамин

хусусиятҳои ҷинсӣ тақсим карда мешавад. Ҷинси латиф вазифаҳо ва уҳдадориҳои анъанавии занона – рӯзгордорӣ, тарбияи тифлон ва наврасон, пухтупаз, рӯбучин, шустушӯй; ҷинси тавоно – мардҳо – киштукор, хариду фурӯш, сохтмон ва таъминоти оиларо ба уҳда мегиранд.

Як қатор хусусиятҳои занон бо вазифаҳои хосси модаронаи онҳо алоқаманд буда, ба самти манфиатҳо, вазифаҳои ҷамъиятии истеҳсолӣ ва оилавию маишии онҳо алоқаманд аст. Аз ин рӯ ин хусусиятҳоро нуқсони онҳо ҳисобидан, бо ин ё он кори заифона дахолат кардан шаъни занҳоро паст мезанад, ки оқибати он барои муҳити психологии оила номатлуб аст, ба муносибати аъзои оила таъсири бад мерасонад.

Муҳити психологӣ гуфта чиро дар назар дорем? Муҳити психологӣ (рӯҳӣ) ин вазъият, ҳолати рӯҳӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамони як коллектив, гурӯҳ мебошад. Оила, чунонки гуфта будем, гурӯҳи хурдтарини ҷамъият мебошад, ки дар он якчанд кас хоҷагӣ ва рӯзгори умумӣ дошта, ҳамроҳ умр ба сар мебаранд. Неку бад будани муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ба муҳити психологии оила таъсир мерасонад.

Тасаввур кунед, ки оилаи ҷавон бо падару модари шавҳар зиндагӣ мекунад. Падару модар бо ҳамдигар моҷарое карданду чанд рӯз боз бо ҳам гап намезананд. Дар сари дастархон нишаста бо ҳамдигар нигоҳ намекунанд. Ё ин ки падар аз кор бо табъи хира бармегардад. Бо баҳонае бо завҷааш ё дигар аъзои оила моҷаро мекунаду ба хонаи хоби худаш медарояд ва дарашро сахт мепӯшад. Дар ин ҳолатҳо вазъияти психологии оила номуътадил мегардад. Аз рафтори падар табъи ҳамаи аҳли оила хира мегардад. Чун ин вазъият дар оила гоҳо чандин рӯз давом мекунад, ин ба асаб, феълу рафтори аъзои оила, махсусан, ба кӯдакон таъсири бад мерасонад.

Омили дигаре, ки ба муҳити психологии оила таъсири бад мерасонад ва онро номуътадил мегардонад,

майнӯшии мард мебошад. Баъзе мардон май нӯшида, ба хона омада бо ҳар баҳона ҷанҷол мекунанд. Агар ин одати бад пешгирӣ нашавад, ба ҳамаи аъзои оила таъсири бад мерасонад. Самимият, эҳтироми аҳли оила нисбати падар аз байн рафта, оқибат ба вайроншавии оила оварда мерасонад. Аз ин сабаб ашхосе, ки ғазаби худро фурӯ нишонда наметавонанд ё шаробро аз меъёр зиёд хӯрда, ба худ бадахлоқиро раво мебинанд, бояд дар ҳолати оромию ҳушёрӣ дар бораи аҳли оила, фарзандон ва оянлаи онҳо хуб андеша кунанд. Чунонки Муҳаммад Ҳиҷозӣ гуфтааст: «Аҳволи рӯҳӣ ва вазъи зиндагонии ҳар кас намудори ақлу тадбири ӯст», яъне ҳар кас хонаи бахти хешро худаш обод мекунад. Оилае, ки дар он самимияту меҳрубонӣ, дӯстию қадрдонӣ ҳукмрон аст, муҳити психологии он хонадон муътадил аст. Аз хонае, ки садои ханда меояд, аҳли он хонадон хушбахтанд.

Дар оилаҳои солиму хушбахт барои тарбияи фарзандон муҳити рӯҳӣ муътадил аст. Фарзандон дар чунин оилаҳо ҳалиму инсондӯст ба воя мерасанд. Фахриддини Гургонӣ дар ин бора чунин гуфтааст:

*Ба шодӣ дор дилро, то тавонӣ,*
*Ки афзояд зи шодӣ зиндагонӣ.*

***Саволҳо***

*1. Муҳити психологӣ гуфта чиро мефаҳмед?*
*2. Дар бораи муҳити психологии оилаатон нақл кунед!*
*3. Муҳити психологии оила бештар ба кӣ вобаста аст?*
*4. Агар шумо оиладор шавед, муносибатҳои оилавиро чӣ тавр ба роҳ мемонед?*
*5. Муҳити оила ба феъли кӯдак чӣ тавр таъсир мерасонад?*

## §14. МЕҲНАТ, ФОИДА ВА НИЗОМИ САРФУ ХАРҶ ДАР ОИЛА

Дар луғати иқтисодӣ раванди фаъолияти бунёдкоронаи одамонро меҳнат меноманд, ки тавассути он инсон ашёи табиатро шаклан тағйир дода, барои қонеъ гардонидани талаботи худ истифода мебарад. Меҳнат шарти аввалини мавҷудияти инсон аст. Одам ба туфайли меҳнати бошуурона аз дигар навъҳои биологӣ фарқ мекунад. Қувваҳои табиатро ба нафъи худ истифода бурда, олоти меҳнатро меофарад. Қобилият, маҳорату дониши хешро такмил дода, бо ҳамин ба инкишофи минбаъдаи ҷамъият мусоидат менамояд. Одамон дар раванди фаъолияти меҳнатӣ воситаҳои зиндагиро ба даст оварда, байни ҳамдигар муносибатҳои истеҳсолӣ барқарор месозанд. Қобилияту маҳорати инсон дар ҷараёни меҳнат инкишоф меёбад.

Дар ҷаҳони мутамаддин ҳар як фард вазифадор аст, ки бо меҳнати фоиданок машғул шавад, онро ба манфиати ҷомеа равона кунад.

Дар ҷумҳурии мо ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касбу ҳунар мувофиқи қобилияту маҳорати шахс ба роҳ монда шуда, дар пояи меъёрҳои конститутсионӣ дахлнопазирии он кафолат дода шудааст. Волидон бояд аз кӯдакӣ фарзандонро дар рӯҳияи меҳнати ҳалолу созанда тарбия карда, кӯшиш намоянд, ки онҳоро барои афзун намудани неъматҳои моддӣ, пос доштани анъанаҳои неки меҳнатии оила, халқу миллати хеш водор созанд. Онҳо бояд донанд, ки нозу неъматҳои дастархони оила ва ободии хонадон, иззату эътибори волидон дар ҷомеа маҳз тавассути меҳнати самарабахшу фоиданоки онҳо ба даст меояд. Вале масрафи беҳудаи неъматҳои моддӣ ва бесомонӣ боиси касодии буҷети оила мегардад.

Интихоби касбу ҳунар барои ҳар инсон дар айёми наврасӣ ба масъалаи асосии ҳаёт табдил меёбад, зеро зиндагии ояндаи ӯ ба ҳамин давраи басо ҳассоси интихоби касб

вобаста мебошад. Ин марҳалаи хеле муҳим барои фарзанд дар як вақт барои падару модар ва калонсолони оила низ аз масоили ҷиддӣ ба шумор меравад, зеро бо интихоби касб тақдири фарзанд, ки ҳанӯз ҷавон аст, ҳал мешавад ва ҳаёти мустақилонааш пеш меравад. Дар ин ҳолат вазифаи оила ва роҳнамоии волидон дар интихоби касбу ҳунар басо муҳим аст.

Давраи аввали интихоби касбро марҳалаи ҷустуҷӯ меноманд, зеро ҷавонон масъалаҳои ҳаётиро муайян намуда, аз рӯйи он ба қароре меоянд. Дар ин ҳолат масъалаи интихоби касб, яъне кӣ будан, чӣ гуна мутахассис шудан, дар кадом соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ё навъи фаъолият донишу малака ва маҳорати хешро татбиқ намудан ба миён меояд, ки ҷавонон барои ҳалли ин муаммоҳо бештар мустақилона амал кардан мехоҳанд. Аммо ҳолатҳое мешавад, ки дар хулосабарорӣ ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Шояд ин аз он сабаб аст, ки ҳанӯз шахсияти ҷавонон пурра ташаккул наёфтааст ва таҷрибаи кофии зиндагӣ надоранд. Аз ин рӯ ба ҷавонон сарварӣ кардан, роҳ нишон додан, маслиҳати худро дареғ надоштани калонсолон зарур аст.

Муносибати нодуруст дар интихоби касб, бепарвогии волидон ва камтаҷрибагии ҷавонон дар оиладорӣ, хусусан шомил шудани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату ҳизбҳои ифротӣ дар солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҳанӯз қисме аз ҷавонон ба истиқлоли комили афкору андеша соҳиб нашудаанд.

Ҷудо шудани оилаҳо бар асари омилҳои беруна, надоштани қобилияти шунидани суханҳои наздикону пайвандон аз ҷониби ҷавонон, зери таъсири суха- ни ғайр мондани онҳо дар рӯзгори имрӯзаи мо ба чашм мерасад. Надоштани қобилияти натиҷагирии мустақилона, зери таъсири ақидаҳои ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ мондани яке аз аъзои оилаҳои ҷавон ба якдигарнофаҳмӣ оварда мерасонад.

Тарбия кардан ва соҳиби илму маърифат гардонидани фарзандон, бунёди оила ва ҳидояти онҳо дар интихоби касбу ҳунар вазифаи асосии падару модар маҳсуб мешавад.

Пас, дар баробари тарбия ҳар қадами онҳо бояд дар мадди назар қарор гирад. Зеро дар ҳолати рӯҳафтодагӣ ва эҳсоси мушкилӣ волидон бо роҳи насиҳат онҳоро барои фаъолияти бунёдкорона ва хушбинӣ ба ҳаёт ҳидоят мекунанд, то онҳо худро танҳо ҳис накунанд.

Роҳнамоии фарзанд ба интихоби касб ва шуғли муносиб бо назардошти шавқу рағбат ва қобилияти ӯ хеле зарур аст.

Мутаассифона, баъзан волидон дар интихоби касб ба шавқу рағбати фарзандон аҳамият надода, аз рӯйи хоҳиши худашон онҳоро ба касбу коре ҳидоят мекунанд. Аз ин беаҳамиятӣ дар оянда ҳам худи шахс ва ҳам ҷомеа зарар мебинад. Зеро шуғле, ки табъи дили кас набошад, безавқ иҷро шуда, самараи дуруст намедиҳад. Барои ба фарзандон дар интихоби касб ёрӣ расонидани волидон марказҳои таълимии интихоби касб ва шуғли аҳолӣ мададгор шуда метавонанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ёрмандӣ дар интихоби касби ҷавонон яке аз роҳҳои асосии тараққии шахсияти оянда ба шумор меравад. Пас, ёрмандӣ кардани волидон дар интихоби касб барои кору фаъолияти мустақилона ва ҳаёти минбаъдаи фарзанд мусоидат намуда, барои ӯ ва аҳли оилааш шароити мусоиди таҳсилу истироҳат ва зиндагии осоиштаро муҳайё месозад.

Аз ин лиҳоз тарбияи меҳнатӣ ва ёрии амалии оила дар интихоби касб хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Хулоса, оилае, ки дар он фарзанд ба шуғлу касб ва таҳсили илм фаро гирифта нашудааст, дар он бисёр монеа ва мушкилӣ, аз қабили бекорӣ, танбалӣ, тарбияи душвор, бесаводӣ, ҳаёти пур аз ғаму ғусса ва ночориву бенавоӣ ба вуҷуд меояд. Ҳатто бештари ҳодисаҳои нохуши ҷинояткориву ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби чунин шахсон рух медиҳанд. Бесаводиву бешуғлӣ онҳоро ба ҳар роҳ мебарад. Баъзе аз ин гуна ҷавонон метавонанд дастнигар ва зери идораи шахсони дигар қарор бигиранд, ки оқибатҳои нохуш ба бор меоварад.

Тарбияи меҳнатии фарзанд ҳанӯз дар хона аз кору бори рӯзгор оғоз ёфта, ҳисси меҳнатдӯстӣ, ҳунармандӣ, сарфаю сариштакории онҳо бо ибрати нек, таъсир ва маслиҳати падару модар ташаккул меёбад. Онҳо ба қадри ҳар гуна неъматҳои моддӣ расиданро аз калонсолон, махсусан аз волидони хеш меомӯзанд. Волидон корро ба фарзандон мувофиқи қобилияту маҳораташон тақсим карда, ба иҷрои онҳо назорат мекунанд. Барои исботи ин даъво аз «Гулистон»-и Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ҳикояте меорем:

«Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътиқод нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад. Аммо ҳунар чашмае зоянда асту давлати поянда. Ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст. Ҳар ҷо, ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад:

*Сахт аст, пас аз ҷоҳ таҳаккум бурдан,*
*Хӯ карда ба ноз ҷаври мардум бурдан.*

***

*Вақте афтод фитнае дар Шом,*
*Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.*
*Рустозодагони донишманд*
*Ба вазирии подшо рафтанд.*
*Писарони вазири ноқисақл*
*Ба гадоӣ ба русто рафтанд.*

Дар оила бояд кор бо як марому низоми муайян ба роҳ монда шуда, ба таври дастаҷамъӣ ва ёрмандии ҳамдигар ба ҷо оварда шавад: яке дегу табақро шӯяд, дигаре онҳоро хушконида, ҷо ба ҷо гузорад, сеюмӣ дастархонро ғундорад

ва ғайра. Сохтмон, киштукор, ҳосилғундорӣ ва амсоли ин корҳоро ба тариқи ҳашари умумӣ ба ҷо овардан ба инсон рӯҳи тоза, дилхушӣ, шодкомӣ бахшида, таҷриба, маҳорат ва ҳунари волоро як навъ тарғибу ташвиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, фарзандон ҷисман ва рӯҳан ба иҷрои кори мустақил омода мешаванд. Онҳо мефаҳманд, ки кор сармояи зиндагӣ аст, бе меҳнат роҳат нест. Кори ҳалол сабаби эътибору шарафи инсон аст. Он Ватанро обод мегардонад ва сарвати онро меафзояд. Ба ивази кори ҳалол мардум музди арзанда мегиранд ва зиндагию рӯзгори хешро обод месозанд. Кори софдилона дар ҳар давру замон қадр карда мешавад, чунонки Саъдии Шерозӣ гуфтааст:

*Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,*
*Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.*

Халқи тоҷик мардуми заҳматкаш аст. Бо меҳнати дастони худ шаҳру деҳотро обод кардааст. Ҷавонон дар ободонии деҳот саҳми худро мегузоранд. Онҳо дар баробари корҳои хоҷагии оила дар корҳои кишоварзӣ ҳам иштирок карда, музд мегиранд, яъне ба оилаашон даромад меоранд. Давраи таътил дар саҳро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кор мекунанд. Музде, ки ба даст меоранд, ба буҷети оила ворид мегардад. Бачаҳои деҳот қадри пули меҳнатиро хуб медонанд. Ҳар як аъзои болиғи оила бояд ба буҷети оила саҳми худро гузошта, онро ғанӣ гардонад. Оила бояд дорои фонди захиравии худ бошад ва дар рӯзҳои зарурӣ (истироҳат, ҷамъомадҳои оилавӣ, харидории таҷҳизоти зарурӣ барои хонавода, бемориӣ ва ғайра) аз он истифода намояд. Сарфу харҷи даромади оила бояд мақсаднок ва самаранок ба роҳ монда шуда, ба манфиати аҳли оила равона карда шавад. Хароҷот дар оила бояд ба даромади он мувофиқ бошад. Унсурулмаолии Кайковус дар ин хусус дар «Қобуснома» мефармояд: «Харҷ бояд ба андозаи дахл бошад». Аз ин рӯ ба роҳ мондани тарбияи иқтисодии фарзандон дар оила басо муҳим ва зарур мебошад.

Мутаассифона, дар шаҳру маркази ноҳияҳо бештари мактабиён ба кори доимие банд нестанд. Тобистон қисме аз онҳо ба минтақаҳои истироҳатӣ мераванду дигарон аз бекорӣ намедонанд ба чӣ кор машғул шаванд. Дар шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои мавсимие ҳастанд, ки ба қувваи кории наврасон эҳтиёҷ доранд. Аммо волидон, ки худ машғули меҳнат ҳастанд, намехоҳанд фарзандонашон меҳнат кунанд. Одатан чунин падару модарон ақида доранд, ки фарзандонашон ҳанӯз барои кор ҷавонанд, вақташ ояд, ба кор машғул мешаванд. Чунин андешаи волидон бар зарари тарбияи фарзандон аст. Унсурулмаолии Кайковус фармудааст: «Агар хоҳӣ, ки зиндагонӣ ба осонӣ гузаронӣ, равиши худро ба рӯйи кор дор».

Ин ҳикматро падару модарон бояд дастури тарбияи фарзандон донанд. Фарзандро дар меҳнат обутоб диҳанд, то ӯ аз ҷавонӣ мушкилоти рӯзгорро чашад ва ба қадри нони меҳнатӣ расад.

Чунонки Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ мефармояд:

*Басе рӯзгорон, ки сахтӣ барад*
*Писар, чун падар нозукаш парварад.*
*Хирадманду парҳезгораш бидор,*
*Агар дӯст дорӣ, ба нозаш мадор!*

***Саволҳо***

*1 .Чаро дар тамоми давру замонҳо меҳнатро тараннум кардаанд?*
*2 .Падару модари шумо бо чӣ касб машғуланд?*
*3 .Меҳнати ҳалол гуфта чиро мефаҳмед?*
*4 .Сарфакорӣ чӣ маънӣ дорад?*
*5 .Хароҷоти барзиёд чист?*
*6 .Дар хона вазифаи доимӣ доред ё не?*
*7 .Шумо кадом корҳои рӯзгорро иҷро карда метавонед?*

## §15. МАЪРИФАТИ РӮЗГОРДОРӢ ВА НИГОҲДОРИИ МАНЗИЛ

Ҳар насл баъди пой бар арсаи вуҷуд гузоштан худро дар оғӯши одамон, сохти иҷтимоии мавҷуда, табиат ва муҳити зист мебинад. Дар зери парастории онҳо ба воя мерасад, бо таъсири муҳит хулқу атвораш ташаккул меёбад ва арзишҳои умумибашариро аз худ мекунад. Ба саволҳое ҷавоб меҷӯяд, ки чӣ тавр бояд зист ва чӣ коре бояд кард ва чӣ амалро бояд накард, ки умр гуворо гузарад?

Дар посухи ин пурсишҳо шароити манзиле, ки одам он ҷо ба дунё омада ба воя мерасад ва аввалин малакаю маҳорати зиндагиро аз худ менамояд, нақши бузург мебозад. Агар ҳавливу хона тозаву ороста, дару тирезаҳо покиза, ҷиҳози рӯзгор – мизу курсӣ, радиову телевизор, палосу қолинҳо, рафу ҷевонҳо бо тартиб ҷобаҷо гузошта шуда бошад, табъи сокинони он низ болида гашта, аз ҳар гӯшаи он як ҷаҳон лаззати эстетикӣ мегиранд.

Хонаву ҳавлиро мунтазам озодаву покиза нигоҳ дошта, дар мавридҳои зарурӣ асбобу анҷоми манзилро нав ва иваз кардан, онҳоро мувофиқи ранг ва намудашон аз нав ҷобаҷо гузоштан, асбобҳои равшанидиҳиро ба ороиши хона мувофиқ кардан барои баланд бардоштани завқи эстетикии аъзои оила, махсусан наврасон аҳамияти калон дорад. Бинобар ин ба ороиши манзил ҳамаро ва пеш аз ҳама, наврасонро ҷалб кардан лозим аст. Вале кӯшиш бояд кард, ки наврасон роҷеъ ба ороиши манзил ақидаи худро дошта бошанд. Волидон ва калонсолони хонадон ба онҳо ба тариқи машварат ёрӣ расонда, тарзи беҳтар ва барои ҳама қобили қабули корро ёфта тавонанд. Наврасон дар оила ба ҳама намудҳои фаъолияти меҳнатӣ ошно шуда, бо фарқ карда тавонистани хубу бад, зебоиву бетартибӣ, дилпазиру манфур тайёр мешаванд, аз ҳар кори кардаашон, ки боиси эътирофу таҳсини калонсолон гардидааст, ба завқ меоянд ва ҳисси зебопарастиашон афзун мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бархе аз соҳибхонаҳо вазифа ва тарзи истифодаи баъзе анҷомҳои рӯзгорро намедонанд. Масалан, мизи ошхонаро дар бисёр хонаҳо дар пештоқи меҳмонхона дидан мумкин аст, ҳол он ки ҷойи вай дар ошхона аст. Дар баъзе хонаҳо сервант ҳамчун анҷоми гаронбаҳо дар пешгоҳи меҳмонхона гузошта шуда, даруни он аз пиёлаву чойнику коса пур карда мсшавад. Гоҳо мушоҳида мешавад, ки вақти ба хона омадани меҳмон соҳибхона чандин маротиба нишастагонро нороҳат гардонида, аз назди онҳо гузашта, гоҳ пиёлаву чойник, гоҳ косаву қошуқ мегирад.

Аз ин сабаб вақти ҷобаҷо кардани ашёи рӯзгор дар хона ҳама ҷиҳатҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Чи дар хонаи хоб, чи дар меҳмонхонаю ошхона анҷомҳо бояд чунон гузошта шаванд, ки барои истифода созгор бошанд ва зебу зинати ҳуҷраро афзоянд.

Барои тарбияи эстетикии фарзандон онҳо метавонанд дар оро додани ҳуҷра, ҷобаҷогузории ашёи рӯзгор иштирок намоянд. Замоне, ки падар ё модар бо фарзандон дар ҳалли ин ё он масъала машварат менамояд, диққати онҳо ба кор ҷалб мегардад, онҳо ҳам масъулият ҳис карда, ақидаи худро пешниҳод мекунанд. Бигзор фикри онҳо нодуруст бошад, волидон хайрхоҳона инро ба фарзандон асоснок карда, фаҳмонанд ва роҳи дурусти ҳалли масъаларо пешниҳод намоянд. Дар ҳолати қабул гардидани пешниҳоди фарзандон волидон ба онҳо таҳсин гӯянд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ин иқдом хусусияти тарбиявӣ дорад. Таваҷҷуҳи фарзандон ба корҳои хона, зебоию ороиши манзил зиёд гашта, худро дар ин кор масъул меҳисобанд.

Барои баланд бардоштани завқи эстетикӣ анъанаҳои оилавӣ, ба монанди ташкили рақсу суруд дар ҷашнҳо, маъракаҳо ва дигар хурсандиҳои оилавӣ, тамошои асарҳои санъат, хондану муҳокимаи китобҳо, кинофилмҳо, намоишҳои телевизион ва ғайра нақши муҳим мебозанд. Вале дар ин бобат ҳадду меъёри заруриро нигоҳ дошта,

ба дараҷаи иғроқ расондан мумкин нест. Ба он кӯшидан лозим аст, ки анъана ривоҷу равнақ ёфта, ба тарбияи наслҳо таъсири муфиди эстетикӣ расонад.

Бо мурури замон ва тақозои зиндагӣ анъанаҳо тағйир меёбанд. Чунончи як намуди либос муд шуда, ҷойи намуди дигарро мегирад. Вале муд баъзан ба дараҷаи бемаънигӣ мерасад, яъне ба ҷойи зебову шинам безебу номувофиқ меафтад. Бинобар ин ба муд аз ҳад зиёд пайравӣ кардан лозим нест. Либосро мувофиқ ба ранги пӯст, қаду баст, ҳатто касбу кор ва талаботи давру замон интихоб кардан аз рӯйи мақсад мебошад. Дар пӯшидани либос ба он бояд муваффақ шуд, ки либос шинаму зебо, ба синну сол ва фаслҳои сол мувофиқ бошад ва завқи эстетикӣ бахшад.

Ҷавонон бояд ба тарзи либоспӯшӣ таваҷҷуҳ намоянд. Ба либоси хонапӯшӣ, корӣ, мактабӣ ва ҷойравӣ диққат  дода, ҳар либосеро  дар мавриди худ истифода намоянд. Намоиш додани дороии худ ҳангоми либоспӯшӣ, ба меҳмонӣ ва ё театру кино рафтан дар фарзандон ҳисси худбинӣ, такаббур ва дигар хислатҳои манфии инсониро пайдо мекунад.

Волидоне, ки оқилу хоксор ва дорои маданияти баланду таҷрибаи бойи зиндагианд, намегузоранд, ки фарзандони онҳо дар рӯҳияи худбиниву худнамоӣ тарбия ёбанд. Дар чунин оилаҳо завқи эстетикӣ ва дарки зебоипарастии фарзандон боз ҳам хубтар тарбия меёбад.

***Саволҳо***

*1 .Зебоии манзил дар чист?*

*2 .Ашёи рӯзгор ва хонаро чӣ гуна бояд ҷобаҷо гузошт?*

*3 .Тарзи дилкаш оро додани хонаро нақл кунед.*

*4 .Ақидае ҳаст, ки набудани мизу курсӣ дар хона ва ё хӯрокро ба даст хӯрдан нишонаи бемаданиятист. Фикри шумо дар ин бора чӣ гуна аст?*

## §16. МУНОСИБАТИ ЗАНУ ШАВҲАРИ ҶАВОН

Вақте ки ду ҷавон оила барпо мекунанд, хуб мешавад агар онҳо дар асоси муҳаббати тарафайн якдигарро интихоб карда бошанд. Дар ин ҳолат онҳо барои дарки ҳамсари худ вақту қувваву иродаи худро сарф намекунанд. Дар ҳолати баръакс, яъне агар ду навҷавон дар асоси пешниҳоди волидон оила барпо намоянд, он гоҳ маҷбур мешаванд, ки шахсияти якдигарро дуру дароз биомӯзанд. Онҳо бояд донанд, ки шахсияти ҳар як инсон аз хислатҳои мусбат ва манфӣ иборат аст. Одам бе камбудӣ намешавад. Ҳар як инсон камбудие дорад, вале на ҳар кас хислатҳои манфии худро медонад. Бинобар ин ҷавонон дар лаҳзаи ошкор намудани камбудии ҳамсари худ бояд донанд, ки ин хислат ислоҳшаванда аст. Шахс хислати манфии худро донista, иродаи хешро муқобил гузошта, метавонад камбудии худро бартараф созад.

Дар рафти оиладорӣ ҷавонон камбудии якдигарро дида, набояд ба якдигар сухани дурушт гӯянд, балки баъзан гузаштҳо намоянд. Масалан, мард хӯроки сернамаки занашро хӯрда истода, боз таъриф намояд, ки «Азизам, чӣ хел хӯрокҳои бомаза мепазӣ!». Чунин сухани хуш ба занаш таъсир расонида, ӯро маҷбур менамояд, ки таъми хӯроки пухтаашро бичашаду аз камбудиаш огоҳ шавад ва дар оянда бо тамоми маҳорат хӯрок пазаду шавҳарашро хурсанд кунад.

Дар ҳолати баръакс, яъне агар шавҳар камбудии занашро дида, суханҳои сахт гӯяд, муносибаташон вайрон шуда, зан дар оянда наметавонад ва ҳатто намехоҳад, ки хубтару беҳтар рафтор ё амал намояд. Тадқиқоти равоншиносон исбот намудаанд, ки таъсири сухани «ширин» хубтар ва нишонрас мебошад. Барои гуфтани хислати манфии ҳамсар мебояд дар танҳоӣ аввал се-чор хислати мусбати ӯро номбар карда, баъд хислати манфиашро бигӯед. Масалан, «Азизам, ниҳоят қади зебо, рафтори хуб дорӣ ва зани хушрӯ ҳастӣ, вале як камбудии ночизе дорӣ, ки каме хӯрокҳои

мепухтагиат сернамаканд». Аз чунин тарзи баёни камбудӣ ҳамсар намеранҷад. Ҳатто баръакс, ҳимматбаландии ҳамсарашро дида, кӯшиш менамояд, ки минбаъд мувофиқи табъи ҳамсараш хӯрок пазад.

Шарти асосии хушбахтии оила ишқу муҳаббат ва эҳтироми байниҳамдигарии зану шавҳар мебошад ва хеле муҳим аст, ки ин муҳаббат дар ҷараёни зиндагӣ бо рафтори нек, якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва хайрхоҳӣ таҳким бахшида шавад. Аз ин рӯ ба навхонадорон зарур аст, ки дар интихоби ҳамсар ботаҳаммул бошанд. Оиларо дар заминаи ишқу муҳаббати тарафайн, бошуурона ва огоҳона ташкил кунанд.

Бақои умр ва зиндагии оилаи навташкил, хушу хурсандии волидон ва хушбахтии наварӯсон ба бисёр омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст. Оё наварӯсон соҳибихтиёрона, аз рӯйи меҳри поку беғаш ба висоли ҳамдигар расидаанд? Оё волидони онҳо аз тӯй розӣ ва тарафдори аҳду паймони наварӯсон буданд? Оё дар рафти тӯй ва издивоҷ касе норозӣ ва ба чизе даъвогар намондааст?

Агар ҳангоми бастани ақди никоҳ ҳамаи ин омилҳо риоя шуда, ҷиҳатҳои психологию маънавӣ ва ҷисмонӣ табъи дил бошанд, бешубҳа, зиндагиашон хушу хуррам ва рӯзгорашон гуворо мегузарад.

Онҳо як умр барои ҳамдигар маҳбубу писандида, содиқ, якдилу якмаром мемонанд. Касе меҳри онҳоро коста ва садоқату тинати покашонро шикаста наметавонад.

Вале зиндагӣ қоидаву қонун ва талхию шириниҳои худро дорад. Агар андаке фориғболиву beпарвоӣ зоҳир гардад, ба сари одам моҷароҳои зиёде омаданаш мумкин аст. Бинобар ин волидон бояд чун маслиҳатгар ва омӯзгори писандида ба фарзандон садоқати пок, хоксорию бурдборӣ (сабр), одамдӯстиву ростқавлиро талқин карда, онҳоро ба эҳтироми тарафайн, ҳурмат ва посдории хешовандони арӯсу домод ва риоя кардани анъанаҳои миллии оиладорӣ – шарму ҳаё, иффату покдоманӣ даъват намоянд. Касе, ки ин анъанаҳои

аҷдодиро риоя мекунад, бегумон, як умр ҳаёти хушбахтона ба сар бурда, шахси азизу писандидаи халқ мегардад.

Инак, якчанд маслиҳатро пешкаши ҷавонон менамоем, ки дар ҳолати амалӣ гардидани онҳо дар муносибатҳои занушавҳарии онҳо самимият, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳр меафзояд ва ҳаёти оилавиашон пурсаодату беғубор мегардад.

Дар китоби «Ҳазор ҳадис» чунин омадааст: «Чун зан ва мард бо якдигар бо чашми меҳру муҳаббат назар кунанд, Парвардигор ба сӯйи онҳо ба назари раҳмат нигоҳ мекунад ва байнашон улфат пайдо гашта, ҷамъи гуноҳони эшон аз миёни ангуштон бирезад. Яъне ҳамсарон бо якдигар дар зиндагӣ он қадар наздику марбут (вобаста) бошанд, ки байни онҳо барои шахси савум ҷой набошад. Агар дар миёни зану мард чунин муҳаббат пойдор бошад, фарзанде, ки аз онҳо ба дунё меояд, соҳиби ҳусну одоби ҳамида мегардад».

Шарти дигари нигоҳ доштани муносибатҳои неки байни зану шавҳар даст кашидан аз усулҳои фармонфармоӣ дар оила мебошад. Маълум аст, ки ҳар узви оила, зан ё фарзандон дар ин ё он масъала ақидаи худро доранд ва фикри онҳоро ба инобат нагирифтану ҳама вақт ҳукми худро гузаронидан вайрон кардани одоби оилавӣ мебошад. Мард, ки сарвари оила дониста мешавад, дар ҳолати мухталиф будани ақидаҳои аҳли оила бояд бо маслиҳат роҳи беҳтарини ҳалли масъаларо ёбад. Дар ин ҳолатҳо обрӯйи сарвари оила коста намегардад, балки эҳтироми аҳли оила нисбат ба ӯ зиёд мегардад.

Агар сарвари оила бо дуғу пӯписа гапи худашро гузаронад ва аҳли оиларо бо ҳукми раднопазир кор фармояд, дар байни вай ва аҳли оила дилхунукӣ пайдо мешавад. Дар ин вазъият ҳурмат аз байн меравад. Нисбат ба сарвари оила тарс пайдо мешавад. Тарс омили аз ҳамдигар дур гаштани одамони наздик мебошад. Дар чунин оила зану фарзандон бечунучаро амри сарвари оиларо иҷро менамоянд, фармонбардоранд, аммо дар байни онҳо самимият, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳрубонию дилсӯзӣ вуҷуд

надорад. Таҳқири доимии аъзои оила ба ҷудоӣ меорад. Зан аз чунин шавҳар ва фарзандон аз чунин падар дурӣ меҷӯянд, азоби рӯҳӣ мекашанд.

Ин гуна рафтор ба одобу ахлоқи фарзандон таъсири бад мерасонад. Аз хона гурезону хонабезор мешаванд. Баъд аз мустақил шудан фарзандон кӯшиш мекунанд зудтар алоҳида зиндагӣ кунанд. Ба аёдати падару модар аҳён-аҳён меоянд, риштаҳои меҳру вафо канда мешавад. Баъзан падару модарон шикоят мекунанд, ки фарзандонашон ба аёдаташон кам меоянд, бехабар аз он ки дар тарбияи фарзанд худашон гунаҳкоранд. Ба ин муносибат Носири Хусрав гуфтааст:

*Ба нармӣ гар сухан ронӣ, ҳамерон,*
*Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу ҷон.*

Ҷавонон баъд аз ақди никоҳ, ки зану шавҳар мешаванд, дар зиндагии оилавӣ бояд яктану якдил, яъне дар ғаму хурсандии ҳамдигар шарику ғамхор бошанд; муносибатҳои онҳо дар асоси боварии комил ба ҳамдигар бунёд гарданд ва аз ҳамдигар рози пинҳоне надошта бошанд. Агар марду зани ҷавон розеро аз ҳамдигар пинҳон доранду он роз ба воситаи каси дигар ба гӯши онҳо расад, боварӣ ба ҳамдигар аз байн меравад ва сабаби бад гаштани муносибатҳои заношӯйӣ мегардад, ки барқарор намудани он ранҷу заҳмати зиёдеро талаб мекунад.

Панди Хусрави Деҳлавӣ дар ин ҷо бисёр бамаврид аст, ки гуфтааст:

*Ба ростӣ маъруф шав, агар вақте*
*Дурӯге аз ту равад, ҷумла рост хонандаш.*
*На дар дурӯгзанӣ шуҳра шав, ки дар ҳама ҷо*
*Агарчи рост бигӯӣ, дурӯғ донандаш.*

Равоншиноси маъруфи италиёӣ Пол Турине дар ин бобат чунин мегӯяд: «...Ҳамсарон набояд сирру асрореро аз ҳамдигар пинҳон доранд, ки оқибати он зиндагонии заношӯйии худро ба мухотира (хатар) андохтан аст.

Пинҳон сохтани корҳо, ҳатто агар бо беҳтарин ният анҷом гирад, бадтарин самаротро дар бар дорад».

Аз ин хотир дар муносибати заношӯйӣ ростию ростқавлӣ бояд пешаи амал интихоб шавад. Ба ин муносибат донишманди тиб Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ» гуфтааст: «Аммо одами оқил худро ба чизе, ки оқибати он хавф дорад, чаро гирифтор кунад. Бинобар ин одами оқил ҳамеша чи дар сухан ва чи дар ирода ҳақгӯю ҳақпараст бошад».

Чизи дигаре, ки ба муносибати неки заношӯйӣ рахна мезанад ва оқибат метавонад ба ҷудоӣ анҷом ёбад, рашк аст. Унсурулмаолии Кайковус дар «Насиҳатнома» дар бораи рашк навиштааст:

«Ва бикӯш, то вайро ғайрат (рашк) нанамоӣ ва агар рашк хоҳӣ намудан, зан нахоҳӣ беҳтар бошад, ки занонро рашк намудан ба ситам то порсоӣ омӯхтан бошад ва бидон, ки занони бадрашк мардонро бисёр ҳалок кунанд ва низ тани худро ба камтарин касе диҳанд, аз рашк ваҳмият ва бок надоранд. Аммо чун занро рашк нанамоӣ ва бо вай дукиса набошӣ... вайро неку дорӣ, аз модару падару фарзанд бар ту мушфиқтар бошад ва хештанро аз вай дӯсттар касе мадон ва агар рашк намоӣ, аз ҳазор душман душмантар бувад ва аз душмани бегона ҳазар тавон кард ва аз вай натавон...».

Моҷароҳои беасоси шавҳар ё зани бадрашк қадру қимати инсониро паст мезанад. Аз рашк мард ё зан бо дӯстон, ҳамкорон ва ҳатто хешу табори худ гоҳо метарсанд, ки суҳбат кунанд ё ба ҷое меҳмонӣ раванд. Моҷароҳои доимӣ оқибат ба вайронии оила мерасонад.

Чунонки Фахриддини Гургонӣ гуфтааст:

*Набошад ҳеҷ занро рашк бар шӯй,*
*Ки шӯйи рашкбар бошад балоҷӯй.*

Мард ё зан хоҳанд, ки оилаи худро ба вайронӣ набаранд, бояд ҳиссиёташонро идора карда тавонанд ва аз рӯзҳои аввал рашкро аз дил дур карда, ба ҳамдигар эътиқод пайдо намоянд.

Омили муҳимме, ки барои мустаҳкамии оила ва пойдории муносибатҳои дӯстонаи зану шавҳар зарур аст, ин меҳрубонӣ ва таваҷҷуҳ зоҳир кардан нисбат ба якдигар мебошад. Агар зану шавҳари ҷавон нисбат ба кору бор, саломатӣ ва авзои рӯҳии ҳамдигар бепарво бошанд, ин боиси кандашавӣ ва суст шудани муносибатҳои дӯстона ва муҳаббату садоқати онҳо мегардад.

Вакте ки зану шавҳар ба ғаму андуҳ, ноомадҳои кору зиндагӣ ва хурсандии ҳамдигар шариканд, ин шаҳодати устувории меҳру муҳаббати онҳост. Ва замоне зану шавҳар мебинанд, ки мавриди муҳаббату таваҷҷуҳи ҳамдигаранд, риштаю пайвандҳои ишқу муҳаббат ва дӯстии онҳо боз ҳам мустаҳкам мегардад.

Олими италиёӣ Пол Турине дар ин бобат мегӯяд:

«Касе, ки муҳаббат дорад, дигаронро мефаҳмад ва касе, ки мефаҳмад, нисбат ба дигарон муҳаббат дорад. Оне, ки муҳаббати дигаронро нисбат ба худ эҳсос мекунад, мутмаин эҳсос хоҳад кард, ки миёни ӯ ва дигарон тафоҳум (ҳамдигарфаҳмӣ) вуҷуд дорад».

Фаридуддини Аттор низ ба ҳамин масъала ишора намуда гуфтааст:

*Гар туро ҳар кас, ки ёри ғам бувад,*
*Рӯзи шодӣ ҳам бипурсаш, зинҳор!*

Дар зиндагӣ ҳолатҳое рух медиҳанд, ки инсонро болида ва ё рӯҳафтода мегардонанд. Дар эҷоди муносибати сазовор бо аъзои оила, таъмини фазои орому осуда ва баланд гузоштани ҳурмату эҳтиром нақши асосиро падару модар ва зану шавҳар мебозанд. Муносибат ва рафтори наку беҳтарин роҳ барои хушбахтӣ, эҳтироми волидону зану шавҳар, бартараф намудани мунокишаю моҷароҳои оилавӣ аст.

Бо меҳру муҳаббати хосса арҷ ниҳодан ба хирад ва кирдорҳои шоистаю накуи ҳар аъзои оила падидаи хуб аст. Масалан, олим Хун Тсзичен сабаби асосии ҳаёти солимро дар хирад ва хирадмандӣ медонад: «Хирадмандон ба ҳама

дилписанданд. Инсони бохирад мунокишаро боаклона рафъ месозад. Донишмандон ҳавобаланд намешаванд. Ин гуна инсонҳо монанди асаланд, ки дар хӯрок меъёри кифоя доранд».

Вале, мутаассифона, дар бархе аз оилаҳо нофаҳмӣ, беҳурматӣ, нофармонии зан ё шавҳар ба насиҳату суханони пандомези волидон мушоҳида мегардад.

Дар рӯзҳои аввали зиндагии навхонадорон ба ҳар узви оила ҳиссиёти нави меҳрубонӣ, ғамхорӣ, шавқ, ҳисси кунҷковӣ ва майли дӯстдорӣ ба якдигар пайдо мешавад. Ин ҳиссиёт хуб аст, вале агар бо низоъ омехта гардад, он ба якдигарнофаҳмӣ, норозигии рӯйирост, эродҳо ва пичингҳо табдил меёбад. Чунки ҳар шахс бояд як муддати муайяни ба ҳам мутобиқшавиро паси сар кунад. Ин аз масъулият, хоҳиш ва маҳорати ҳал кардани ҳолатҳои низоъ ва кӯшиши ҳамдигарфаҳмӣ вобаста мебошад.

Дар бисёр ҳолат занон сабабгори ба вуҷуд омадани мунокишаҳо мегарданд. Зеро дар баробари пайдо шудани баҳси зану шавҳар садои худро ба шавҳар боло мекунанд, ки ин усули муносибат, махсусан барои мардони тоҷик, писанд нест. Зеро дар хонадони тоҷик падарсолорӣ ҳукмрон аст. Аз ин рӯ аз ҷониби занон зоҳир гаштани беҳурматӣ нисбат ба мард дар ҳар маврид маҳкум карда мешавад.

Муносибати самимонаю эҳтиромона ва мусолиҳатомезу хушбинонаи зану шавҳар ва бо ризогии ҳамдигар кору амалеро анҷом додан асоси хушбахтии хонадон ва тарбияи хуби фарзандон аст.

***Саволҳо***

*1. Кадом сифатҳои ҳамсолони худро бештар қадр мекунед?*

*2. Кадом муносибатҳоро дар муомилаи зану шавҳар зарур медонед?*

*3. Зери ибораи «Оилаи хушбахт» чиро мефаҳмед?*

*4. Падарсолорӣ чӣ маънӣ дорад?*

## §17. МУНОСИБАТ БО ПАДАРУ МОДАР ВА ДИГАР АЪЗОИ ОИЛА

Эҳтироми падару модар ва дигар аъзои оила яке аз шартҳои муҳимми пойдории оила, таъмини оромию осудагӣ, муҳити солиму мусолиҳатомез ва фазои хушбинона дар оила мебошад. Аз ин рӯ арӯсу домод падару модари ҳамдигарро бояд дӯст доранд, маслиҳатҳои муфиди онҳоро сармашқи зиндагӣ ва рӯзгори хеш қарор диҳанд. Дар ин ҳолат метавон мутмаин буд, ки оила пойдору бобақо хоҳад шуд. Ҳурмати падару модар, падаркалону модаркалон ва дигар аъзои оила яке аз арзишҳои қадима ва беҳтарини оилаи тоҷикон буда, дорои ҷанбаи ахлоқию тарбиявӣ мебошад. Ҷавонон дар назди онҳо бо эҳтиром ҳарф зада, кӯшиш мекунанд, ки бо сухан ё амалу рафтори ноҷое хотири онҳоро озурда нагардонанд. Аз онҳо барои пешбурди зиндагии оила маслиҳату машварат пурсида, андешаи онҳоро, ки аз таҷрибаи рӯзгор баҳраваранд, баҳри рафъи мушкилоти оилавии худ истифода мебаранд. Баъзан барои эҳтироми онҳо аз манфиатҳои шахсии хеш гузашт мекунанд.

Аммо дар зиндагӣ гоҳо чунин ҳам мешавад, ки осмони софи бахти оилавиро абрҳои тираи хусумату моҷароҳо фаро мегирад ва зиндагии ширини тамоми аҳли оиларо талх мегардонанд. Сабаби ин моҷаро ва хусуматҳо, одатан, аз муносибатҳои арӯсу хушдоман оғоз меёбанд. Донишманди тоҷик Аҳмади Дониш дар рисолаи «Дар одоби никоҳ ва баёни хусумати модаршӯ» зиддияти хушдоману арӯсро чунин шарҳ медиҳад: «Модар муддаии ин аст, ки «фарзанд қитъаи гӯште заифу оҷиз буд, ки ба саъю таваҷҷуҳ ва тарбияти ман рушду камол ёфта ва басе айёми мутавотир, (пайиҳам) ва аъвоми мутаоқиб (солҳои пай дар пай) шабҳо ба рӯз ва рӯзҳо ба шаб овардаам ва дар тарбияташ хунҳо ошомидам ва барои талаб ва хавфи талафи ӯ басо ба кӯчаю бозор давида. Ҷазои ин эҳсон ҷуз ин нест, ки саранҷом фатқу ратқи (идоракунӣ) мақоми фарзанд ба дасти ихтиёри ман

бошад ва ӯ бе савобдид ва маслиҳати ман набояд, ки даме об биёшомад».

Ва зан муддаии ин аст, ки «домани ин мард ба чанг овардаам ва худро ба забунӣ ва ходимӣ ба хидмати вай дода ва аз ҳама хешу ақрабо ҷудо гашта ва тарки ҳама гуфта ва савдою муомилаи умр ихтиёр намуда. Сазои ин тафвиз (супурдан) ва тамсил ғайр аз ин нест, ки калиди ҳаллу ақди абвоби дахлу харҷи мард дар қабзаи ихтиёри ман бувад. Ва чун ин ду даъвӣ ба ҳамдигар муориз (мухолиф) аст ва асли хусумат аз ин ҷост ва чун асл бишнохтӣ, бидон, ки фуруоти он ҳама савғо бошад».

Маълум аст, ки хусуру хушдоман ба хотири писарашон арӯсро ҳамчун фарзанд дӯст дошта, ӯро ҳамчун узви оилаи худ қабул мекунанд. Зиндагӣ пастиву баландиҳо дорад. Дар лаҳзаҳои душвори ҳаёт агар арӯс аз онҳо маслиҳат пурсад, самимияту хайрхоҳии онҳо боз ҳам бештар мегардад. Чунончи Ҳофизи Шерозӣ фармудааст:

*Пирон сухан зи таҷриба гӯянд, гуфтамат,*
*Ҳон, эй писар, ки пир шавӣ, панд гӯш кун.*

Оре, баъд аз сипарӣ гаштани муддати муайян арӯс ба адои корҳои рӯзгор шурӯъ мекунад. Агар арӯс дар оилаашон аз падару модар тарбияи нек гирифта бошад, дар хонаи шавҳараш низ эҳтироми калонсолонро ба ҷо меорад, ҳамсари худро дӯст медорад ва иҷрои корҳои рӯзгор дар оилаи нав ба ӯ мушкилие пеш намеорад. Дар чунин оилаҳое, ки арӯс корҳои худро бо розигии хушдоман ва дигар калонсолони оила анҷом медиҳад, барои норозигию моҷароҳо асосе ҳам намемонад. Хусуру хушдоман муҳаббату эхтироми арӯсро нисбат ба худ эҳсос мекунанд, меҳри онҳо ҳам ба арӯс меафзояд. Дар масъалаи ҳурмату эҳтиром Фаридуддини Аттор гуфтааст:

*Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,*
*То азизи дигарон бошӣ ту низ.*

Фарзандоне, ки дар асоси анъанаҳои неки миллӣ ва панди бузургон тарбия ёфтаанд, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон, самимият ва қадрдонӣ ба камол мерасанд. Эҳтироми арӯс ба хусуру хушдоман ва муносибати шавҳар ба волидони ӯ риштаи дӯстии ҳар ду оиларо мустаҳкам карда, омили зиндагии хушбахтонаи ҷавонон мегардад.

Гоҳо аз муносибати носозгори арӯсу хушдоман низоъ ва моҷароҳо бармехезанд, ки сабаби нотинҷию малоли хотири тамоми аҳли оила мегардад. Чунин моҷароҳо дар натиҷаи якравии арӯс, беҳурматӣ ба хушдоман ва аъзои оила сар мезанад.

Модар ки то омадани арӯс кадбонуи хона буду ҳама кор бо маслиҳати ӯ анҷом меёфт, мебинад, ки арӯс дар хона ҳукмронӣ мекунаду аз вай маслиҳате намепурсад, озурдахотир шуда, ба ғазаб меояд ва норозигии худро бо кинояву ситеза ба арӯс изҳор мекунад. Агар арӯс хатои худро фаҳмида, бо нармӣ узр хоҳад, ки бо ин амалаш фикри малол кардани хотири модарро надошт, шояд бо ҳамин низоъ аз байн бардошта шавад. Аммо агар арӯс дар рӯҳияи худхоҳию худбинӣ тарбия ёфта бошад, кӯшиш мекунад гапашро гузаронад. Бо ин рафтор оташи ғазаби хушдоман боз ҳам афзуда, дар оила фазои ноором ба вуҷуд меояд. Арӯси беандеша мустақилияти худро намоиш дода, бе маслиҳати хушдоман меҳмон даъват кунад, ба меҳмонӣ равад, норозигии хушдоман аз арӯс меафзояд. Аз амалҳои нодурусти арӯс ба писараш шикоят мекунад. Ҳамин тариқ, алангаи оташи хусумати арӯсу хушдоман баланд мешавад.

Аз зиддияти арӯсу хушдоман бештар шавҳар азият мекашад, чунки вай дар байни ду оташ мемонад: аз як тараф, модар, ки намехоҳад дили ӯро ранҷонад, аз дигар тараф ҳамсараш, ки ӯ ҳам барояш азиз аст. Оқибати ин моҷароҳо ба он оварда мерасонад, ки писар ё ба хотири модар аз ҳамсар ва ё ба хотири ҳамсар аз волидон ҷудо мешавад.

***Саволҳо***

*1.Дар моҷароҳое, ки байни арӯсу хушдоман сар мезананд, аксаран киро айбдор медонед?*

*2.Арӯс бо хушдоман чӣ тавр бояд рафтор кунад, ки оромии оила пойдор бошад?*

*3.Зан ба шавҳар шарт мегузорад, ки ҳамроҳи хусуру хушдоман зиндагӣ кардан намехоҳад ва падару модар намехоҳанд, ки писарашон аз онҳо ҷудо зиндагӣ кунад. Ба фикри шумо ин моҷароро чӣ гуна бояд ҳал кард?*

## §18. ТАРБИЯИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН ДАР РӮҲИЯИ МЕҲМОНДОРӢ ВА МЕҲМОННАВОЗӢ

Тоҷикон чун ҳама халқҳои Шарқ бо меҳмоннавозӣ ва валинеъматиашон дар ҷаҳон ном баровардаанд. Ҳар касе боре вориди хонадони тоҷикон гардидааст, як умр меҳмоннавозии онҳоро фаромӯш намекунад. Воқеан, халқи мо меҳмонро атои Худованд мешуморанд ва ӯро азизу муътабар медонанд. Пирони рӯзгордидаву корозмуда мудом таъкид мекунанд, ки замину хонаатро фурӯш, тамоми амволи рӯзгоратро ба гарав гузор, вале хотири меҳмонро пос дор. Боз мегӯянд, агар ягон чизи дар бисотат буда ба меҳмон писанд ояд, ба вай бубахш. Иззату эҳтироми меҳмон аз остонаи даромади хона оғоз мешавад. Соҳибхона ӯро хоҳ шиносаду хоҳ не, бо суханони самимиву хуш истиқбол гирифта, ҳолпурсӣ мекунад, «хуш омадед» мегӯяд, барори корашро мехоҳад, аз хешу табор ва ҳамдиёронаш пурсон шуда, зуд ба дасташ об рехта, чойи нишаст нишон ме- диҳад. Ба суолҳояш бо хушнудӣ ҷавоб мегардонад, табассум мекунад. Дар сурати пурсидани шахсони ғоиби хонадон ё суханро моҳирона чойи дигар мебарад ва ё «ҳамин ҷой», «ҳозир меояд», «ҳоло даъват мекунам» гуфта, дар хона набуданашонро вонамуд намекунад. Вагарна меҳмон аз набудани одами даркориаш

мушавваш шуда, худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Соҳибхонаи оқил ба хотири меҳмон чолокона дастархон паҳн карда, меҳмонро бо хӯрок зиёфат мекунад. Фаридуддини Аттор дар ин маврид гуфтааст:

*Меҳмон гар оядат аз хосу ом,*
*Пеши ӯ мебояд овардан таом.*

Ҳангоми пешвоз ва қабули меҳмон асло сир бой додан даркор нест, ки ӯ ношинос, нохонда аст. Барои поси хотири меҳмон ғаму ҳасрати хешро фурӯ бурда, худро хушу хурсанд вонамуд кардан фазилат аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки «соҳибхонаи оқилу доно пеши меҳмон пишакашро пишт намегӯяд». Басо хуб мебуд, ки дар ҳузури меҳмон зану шавҳар, додару хоҳар ва падару модар бо ҳамдигар самимона муносибат кунанд, хушнудона ҳоли меҳмонро пурсанд ва ба хизматаш омодагӣ зоҳир кунанд. Дар хотир бояд дошт, ки меҳмон аз хурсандии бепоён ё аз меҳру муҳаббати пок нисбат ба шумову аҳли хонадонатон ё аз ғами гарону арзу ниёзи таъҷилӣ ба дари шумо меояд. Ба вай меҳрубонӣ кунед, то ноумед нашавад. Ҳар касе, ки меҳмонро пазируфта ба вай меҳрубонӣ кунад, худ рӯзе ба караму илтифоти вай хоҳад расид. Яке аз фазилатҳои инсони бофарҳанг риояи одоби муоширату меҳмонавозии ӯст.

Эҳтироми меҳмонро донистан воҷиб аст, аммо меҳмон ҳам бояд қадри худро донад. Дар «Наҳҷ-ул-ҳидоят» омадааст: «Бар меҳмон раво набошад, ки он қадр иқомат намояд, то мизбонро ба танг оварад».

Алии Сафӣ ин нуктаро таҳлил намуда, дар «Одоб-ул-асҳоб» овардааст: «Пайғамбар фармуда, ки раво нест ҳеҷ мусулмонеро, ки иқомат кунад наздики бародари муъмини худ то ба ҳадде, ки вайро дар гуноҳ андозад, яъне чун мизбон аз меҳмон ба танг ояд, ҳароина аз суҳбати вай мутанаффир шавад ва ин гуноҳ аст, ки касе аз бародарони худ мутанаффир бошад, пас гӯё меҳмон вайро дар гуноҳ афканад».

Аз ин мулоҳизаҳо хулосае бармеояд, ки эҳтироми меҳмон воҷиб аст, аммо меҳмон ҳам бояд ҳадди ҳақшиносиро донад ва меҳмонии вай бар зарари мизбон набошад.

Бо гузашти айём ҷамъият пеш рафта, дар меъёрҳои ахлоқӣ низ баъзе дигаргуниҳо ба амал меоянд.

Аз ҷумла, дар расму русуми меҳмондорӣ низ дигаргуниҳо ворид мегарданд. Акнун дар шаҳру ноҳияҳо меҳмонхонаҳои замонавӣ мавҷуданд, ки мусофирон метавонанд дар он ҷо муддати дилхоҳашон зиндагӣ кунанд. Чунин тасодуф хеле кам мешавад, ки мусофире бе сарпаноҳ монад. Аммо панди бузургон оид ба меҳмон ба мо бояд меъёри одобу ахлоқи неки инсонӣ гардад ва дар ҳолати дучор омадан бо чунин тасодуф дар асоси суннатҳои миллӣ ва панди бузургон амал намоем.

Хешу табор, ёру дӯстон, ҳамкорон ба хонаҳои ҳамдигар рафтуомад мекунанд. «Меҳр дар чашм аст» – мегӯяд халқ. Дар натиҷаи рафтуомад меҳру муҳаббати хешу табор меафзояд, ҳамсоягон, ёру дӯстон ба ҳамдигар наздиктар мешаванд. Ҳангоми рафтуомад хешу ақрабо, дӯстон фарзандони худро ҳамроҳ мебаранд. Фарзандони онҳо ҳам бо ҳамдигар ошно мешаванд ва робитаи хешутаборию дӯстии волидонро идома медиҳанд. Ғайр аз ин, фарзандон ҳангоми бо волидон ба меҳмонӣ рафтан аз онҳо тариқи меҳмоннавозӣ, одоби муошират ва муносибатҳои неки дӯстиву хешутабориро меомӯзанд.

Хешу табор, дӯстони наздики хонадон ба хонаи ҳамдигар бе даъвати махсус ҳам метавонанд меҳмон шаванд, чунки мақсади онҳо дидорбинию аз аҳволи ҳамдигар бохабар шудан аст. Гоҳо ба маслиҳате ба назди якдигар мераванд. Чунин ташрифи меҳмонон омодагии махсус ва хароҷоти зиёдеро талаб намекунад. Албатта, соҳибхона онҳоро бо чеҳраи кушод ҳамчун меҳмони азиз пазироӣ намуда, дар наздашон дастархон мекушояд. Неъматҳои беҳтарине, ки дар хона ҳаст, ба дастархон мегузорад, қоидаҳои меҳмоннавозиро ба ҷо меорад ва ҳангоми рафтанашон ҳамчун

меҳмон гусел мекунад. Соҳибхона дар ҳар вазъияте, ки бошад, зинҳор бояд хафагӣ ё норизоии худро аз омадани меҳмон вонамуд накунад. Носири Хусрав дар ин бора мегӯяд:

*Чу меҳмон оядат, дилшод мебош,*
*Зи ҳар банду ғаме озод мебош!*

Ҳар хонадон вобаста ба ин ё он муносибате ҷашнҳои махсусе дорад, ки онро дар ҳалқаи хешу табор ва дӯстони оила мегузаронад. Дар ин мавридҳо пешакӣ омодагӣ мебинанд. Дастархонро бо мева ва нӯшу неъматҳои гуногун пур мекунанд. Хонаро оро медиҳанд. Дар чунин ҳолатҳо меҳмононро соҳибхона пешакӣ даъват мекунад. Ба чунин даъват меҳмонон бояд дар вақти муайяншуда расида оянд ва аз рӯйи одоб фарзандони хурдсол ва рафиқонашонро, ки даъват нашудаанд, ҳамроҳ нагиранд. Зеро мизбон мувофиқи шумораи меҳмонҳои даъваткардааш ҷой омода мекунад.

Соҳибхона меҳмононро дар назди дарвоза ё даромади хона бо хушнудӣ истиқбол намуда, ба хона медарорад. Баъд аз ҳозир шудани ҳамаи меҳмонон аҳли хона бояд бо чеҳраи кушод хидмати онҳоро ба ҷо оранд, чунки оқилон гуфтаанд: «Чеҳраи кушодаи мизбон сабаби кушоиши иштиҳои меҳмон аст».

*Чун мушарраф шавӣ ба меҳмоне,*
*Ҳар чӣ дорӣ, фидои меҳмон кун!*

Мардуми моро одат шудааст, ки барои меҳмон анвои (навъҳои) беҳтарини хӯрданию нӯшиданиро муҳайё месозанд. Аммо меҳмонро зарур аст, ки дар истеъмол ва нӯшидан низ меъёрро донад ва худро бисёр гурусна вонамуд накунад. Мизбон низ бояд дар хӯрдану нӯшидан дақиқкор бошад. Кӯшиш намояд, ки меҳмон худро озод ҳис карда, аз

анвои хӯрданию нӯшиданӣ, ки болои дастархон аст, бемалол истифода намояд.

Дар меҳмонӣ мавзӯи суҳбат бояд аз доираи одобу ахлоқи ҳамдигар берун набарояд, баҳсу мунозира нашояд. Аз гуфтани латифаҳои бешармона ва шӯхиҳое, ки метавонад сабаби ранҷиши хотири ҳозирин гардад, худдорӣ бояд намуд. Камолиддин Биноӣ дар мазаммати ҳазлҳои беҷо гуфтааст:

*Эй бародар, ба ҳазл макшо лаб!*
*В-ар кушоӣ, магӯй ҷуз ба адаб!*
*Ҳазл беобрӯйӣ орад бор,*
*Обрӯро марезу ҳазл гузор!*

Мусиқию суруд, муносибати дӯстонаю самимии ҳозирин ва меҳмоннавозии соҳибхона меҳмононро шод менамояд.

Баъд аз хотимаи зиёфату суҳбат меҳмонон иҷозати рафтан мепурсанд. Мизбон ба хоҳиши меҳмонон бояд мамониат накунад ва меҳмононро то дари хона гусел намуда, бо тамоми рафтору гуфтори худ аз ташрифи меҳмонон миннатпазирӣ ва хушнудии худро нишон диҳад. Чунонки шоир гуфтааст:

*Шуд мунаввар аз қудуми дӯстон кошонаам,*
*Хона фонус асту меҳмон шамъу ман парвонаам.*

***Саволҳо***

*1. Чаро меҳмонро атои Худо мегӯянд?*
*2. Оё бе даъват ба меҳмонӣ рафтан мумкин аст?*
*3. Бо меҳмони ношинос чӣ гуна бояд муносибат намуд?*
*4. Дар ҳузури меҳмон чӣ гуна рафтор менамоянд?*
*5. Меҳмондорӣ дар шаҳр аз меҳмондорӣ дар деҳот бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунад?*

## §19. МАДАНИЯТИ САЙРУ ГАШТ ВА ИСТИРОҲАТИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН

Сайру гашт ва истироҳат низ як ҷузъи маданият буда, дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҳар як оилаи солим дар баробари кору фаъолият, барои сайру гашт ва истироҳат низ вақт ҷудо менамояд. Истироҳат, сайру гашт ба одам рӯҳи тоза ва қуввати ҷисмониву маънавӣ мебахшад. Фақат онро дурусту оқилона ташкил карда тавонистан лозим аст, ки дар лаҳзаи зарурӣ аз хастагӣ раҳо созад. Дар ин хусус буҷети оила, ташкилу тақсими мулоҳизакоронаи он мақоми басо муҳим дорад.

Албатта, фароғату истироҳат бо хароҷоти моддӣ алоқаманд аст. Масалан, дар лаҳзаи бекорӣ ва ё хастагӣ ба рӯйи ҳавлӣ, пешайвон баромада нафаси тоза кашидан, бехи гулҳоро нарм карда об рехтан, аз накҳати гулҳо, покии баргу пояҳо лаззат бурдан ҳам истироҳат аст. Дар гулгашти боғу хиёбонҳо сайру гашт кардан ҳам истироҳат аст. Он ба тан қувват бахшида, хастагии инсонро рафъ месозад. Рафтан ба театру осорхонаҳо, кинотеатру намоишгоҳҳо ва дигар ҷойҳои тамошобоби маҳалли зист низ истироҳат аст, ки сарфу харҷи зиёдро талаб намекунад.



Дар ҳалқаи хонавода таҷлили идҳои оилавӣ – ҷаш- ни ақди никоҳ, зодрӯз, хатми мактабу донишгоҳ, гусел ба хизмати ҳарбӣ ва амсоли ин низ як навъ дилхушиву истироҳат ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин чорабиниҳо бояд сарфакорона, бе харҷи зиёдатӣ гузаронида шаванд. Мутаассифона, баъзе оилаҳо ҳангоми гузаронидани ин гуна маъракаву маросимҳо ба исрофкорӣ ва харҷи беҳуда роҳ дода, ба буҷети оила зарар меоранд.

Истироҳат мафҳумест, ки маънои васеъ дорад. Оромона шунидани барномаҳои радиову тамошо кардани намоишномаҳои телевизион ҳам истироҳат аст.

Вале дар урфият мегӯянд, ки «шунидан кай бувад монанди дидан». Ҳар шахсе, ки дар ин ё он соҳа ифои вазифа менамояд, соле як маротиба ба рухсатии меҳнатӣ ҳақ дорад. Ташкилотҳо ва хазинаҳои ҷамъиятӣ барои истироҳат ва муолиҷа дар истироҳатгоҳҳо ва осоишгоҳҳо бо нархи арзон парвона (путёвка) медиҳанд ва ё ба шаҳрҳои таърихии мамлакат ва кишварҳои хориҷӣ саёҳат ташкил менамоянд.

Барои чунин сафар ва сайрҳои мақсадноку тӯлонӣ ҳатман пасандози оилавӣ ба кор меояд. Шахсони алоҳида аз ҳисоби ҳамин пасандозҳояшон мувофиқи салоҳдиду имконияташон дар ҷойҳои дилхоҳи хеш истироҳат мекунанд. Ба чунин истироҳати мақсаднок баъзан тамоми аъзои оила ва ё бо навбат сафар мекунанд. Ҳар як сафари берун аз маҳалли зист ба одам як ҷаҳон таассурот ва хотироти нек мебахшад. Ҳар бор онро ба хотир оварда ба дигарон ҳикоя кардан ҳам инсонро шоду болидахотир менамояд.

Сайру гашти берун аз шаҳр, тамошои нафосату назокати табиат, лаҳзаҳои бофароғат дар соҳили дарё, кӯҳҳо, махсусан, сайри кӯҳсори сарсабзи Тоҷикистон, шунидани хониши кабк, булбул, тамошои ҳаракати моҳиҳо дар оби мусаффо аҷаб кайфияте доранд. Одам дар ин лаҳзаҳо аз ҳар чизи дидаву шунидааш як ҷаҳон фараҳ бурда, бегумон, худро як ҷузъи таркибии табиати нотакрор эҳсос мекунад ва ба маънии томаш зебогии табиатро дарк намуда, гумон

мекунад, ки ҳар захму осебе, ки ба табиат расондаанд, захмест дар вуҷуди ӯ.

Тамошои шаҳрҳои бостонӣ ба кас як ҷаҳон ҳаловат бахшида, донишу ҷаҳонбинии ӯро меафзояд, бо маданияту анъанаҳои мардумӣ ошно мегардонад, барои пайдо кардани дӯстони нав мусоидат менамояд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ» ном асараш фоидаи сафарро номбар карда, аз ҷумла мегӯяд: «Аввал, сиҳатии бадан... ва сабаби сиҳат табдили ҳаво бошад ва риёзати аъзо, ки ҳаракат муҷиби (боиси) таҳлили баъзе рутубати фазлӣ аст... Сеюм, рафъ шудани коҳилӣ (танбалӣ) аст, ки одамӣ ҳар гоҳ дар як ҳолат бошад, касолат (сустӣ) бар ӯ ғолиб мешавад...

Чаҳорум, маҳв шудани ғам ва ҳам малолат (озурдадилӣ), ки ҳарчанд касе малул бошад, чун ба сафар берун равад, албатта, аз андуҳ зоил (маҳв) мегардад... Панҷум, одоби мутафарриқа (гуногун) аз ҳар тоифа дидан ва ёд гирифтан... ».

Аҳли оила, умуман, ҳар шахс баъд аз як ҳафтаи меҳнати пурсамар метавонад рӯзҳои истироҳаташро бофароғат гузаронад. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои сайру гашт, театру кинотеатр, боғҳои истироҳатӣ мавҷуданд ва аҳолӣ метавонад аз он ҷойҳо истифода барад. Ғайр аз ин, рӯзҳои истироҳатро барои дидорбинии хешу ақрабо ва ёру дӯстон истифода бурдан мумкин аст.

Вақте ки шахс ба меҳмонӣ ва ё сайру гашт равона мешавад, мувофиқи он либос мепӯшад. Маълум аст, ки ҳар як халқ либоси миллии худро дорад. Махсусан, дар либоспӯшии мардон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омадааст ва мардон чи дар шаҳру чи дар деҳот либоси расмиро ҳамчун либоси маъмулии худ қабул кардаанд. Занҳо бошанд, ҳам либоси расмӣ (хусусан дар шаҳрҳо) ва ҳам либоси миллиро истифода мебаранд.

Барои меҳмонӣ ва сайру гашт, одатан, либоси идона

мепӯшанд. Либос бояд чунон интихоб гардад, ки ба шахс зебанда бошад. Ба ҷавонмардон костюму шими якранг ва куртаи сафед бештар мезебад. Туфлӣ ҳам бо ранги костюм бояд мувофиқат кунад. Барои занони ҷавон ва духтарон либоси миллии тоҷикӣ хеле зебанда ва шинам мебошад. Омехта намудани либоси аврупоию миллӣ, масалан, куртаи аврупоӣ бо пойҷомаи миллӣ ва туфлиҳои пошнабаланд шаҳодати маданияти пасти либоспӯшӣ мебошад. Ҳар зани ҷавон ва духтар бояд ба қадду қомат ва ҷисми худ либоси миллии мувофиқ пӯшад. Дар истифодаи рангу бор ва ороиши мӯй бояд занону духтарон зиёдаравӣ накарда, як меъёри муайян дошта бошанд.

Гоҳо дар кӯчаҳои шаҳр духтарону занони ҷавон дучор меоянд, ки аз истифодаи рангу бори беандоза симои аслии онҳо шинохта намешавад. Оре, лабҳои арғувонӣ, рухсораҳои алвонӣ, мижгонҳои сунъӣ ва чашми сабзу осмонӣ диққати ҳар роҳгузарро ҷалб мекунад, вале ин таваҷҷуҳ на ба зебоии онҳо, балки ба завқи пасти эстетикии онҳо мебошад. Зебоии инсон дар ҳусни табиии вай мебошад ва надониста истифода бурдани рангу бор он ҳусни табииро коста мекунад. Ҳофизи Шерозӣ чӣ хуб гуфтааст:

*Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист*
*Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо?*

Сайру гашт дар хиёбонҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ қоидаҳои худро дорад ва иҷро намудани онҳо нишонаи маданият ва боодобии инсон аст. Мувофиқи қоидаи муқарраршуда агар зану шавҳар ҳамроҳ ба сайру гашт баромада бошанд, мард бояд аз тарафи чапи зан роҳ равад.

Дар кӯча бо ҳамдигар бо овози баланд ҳарф задан, хандидан ва ба ҳар марду зани роҳгузар чашм духтан аз рӯйи одоб нест. Баъзан ҳамин нигоҳҳои беҷо барои зан ё марди бадрашк сабаби моҷаро мегардад. Чунонки Саъдии бузургвор гуфтааст:



*Дилороме, ки дорӣ, дил дар ӯ банд,*
*Дигар чашм аз ҳама олам фурӯ банд.*

Агар вақти сайру гашт шиносеро бо ашхоси ношинос дучор омадед, салом гуфта гузаред. Агар худи шиносатон аз рафиқонаш ҷудо шуда аз шумо аҳволпурсӣ кунад, суханро дароз накунед, чунки ӯро рафиқонаш интизоранд. Ҳангоми суҳбат худро ба канори роҳ гиред ва ба ҳаракати дигарон халал нарасонед.

Ҳангоми сайру гашт яхмос, самбӯса ва ё ягон чизи дигар хӯрданӣ бошед, онро дар канори роҳ ё беҳтараш дар ягон ҷойи махсус таъйиншуда истеъмол намоед. Роҳравон чизе хӯрдан аз рӯйи одоб нест.

Агар зану шавҳар ба кинотеатр ё театр рафтанӣ бошанд, бояд дар вақти муайяншуда ҳозир шаванд, чунки дер омадани онҳо сабаби нороҳатии дигарон мегардад. Дар кинотеатр ва театр бояд чунин рафтор кард, ки сабаби малоли хотири касе нагардад. Роғиби Самарқандӣ ба ин маънӣ гуфтааст:

*Адаб аз баҳри ҳар шахсе нигаҳ дор,*
*Касеро аз касе камтар мапиндор!*

***Саволҳо***
*1. Зери мафҳуми сайру гашт чиро мефаҳмед?*
*2. Оё дар хона ҳам истироҳат кардан мумкин аст?*
*3. Оё шумо ягон маротиба ба саёҳат баромадаед?*
*4. Агар имконият дошта бошед, ба кадом гӯшаи Ватан ба саёҳат мерафтед?*
*5. Шумо кадом намуди истироҳатро меписандед?*

## § 20. САБАБҲОИ ПАРОКАНДА ШУДАНИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН

Боиси таассуф аст, ки на ҳамаи оилаҳое, ки ташкил мегарданд, пойдор мемонанд. Сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон хеле гуногун буда, вобаста ба вазъи ин оилаҳо пайомадҳои гуногунеро ба бор меоранд.

Интихоби дуруст дар бунёди оила омили муҳимми мустаҳкамии ҷамъият ва ободии давлат аст. Аз ин рӯ пеш аз барпо кардани оила ҳар шаҳрванд бояд паҳлуҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти оилавиро мавриди омӯзиш қарор дода, урфу одатҳои миллӣ, ҳурмату эҳтироми тарафҳо, муносибати хуби занушавҳарӣ ва маънои зиндагиро хуб дарк карда тавонад. Зиндагӣ собит намудааст, ки ишқу муҳаббати ҷавонон масъалаи дигар асту оиладорӣ масъалаи тамоман дигар. Зеро ҳаёт баъзан нозукиҳои ошиқонаро мебардорад, аммо оила не.

Эҳтиёткор будану ҳамқадами ҳаётро ҳамаҷониба омӯхтан талаботи аввалиндараҷа аст. Бунёди боэътимоди оиларо якдигарфаҳмӣ, муҳаббати байни зану шавҳар, самимият ва боварию эътимод ба якдигар ба вуҷуд меорад, ки ин пойдевори устуворест барои побарҷо мондани оила ва бунёди ҷомеаи солим. Вале, мутаассифона, дар баъзе хонаводаҳо байни занону мардон муҳаббати самимӣ,

якдигарфаҳмӣ, фазои орому осоишта вуҷуд надорад. Ин аст, ки солҳои охир бинобар сабабҳои гуногун бештар пароканда шудани оилаҳои ҷавон ба назар мерасад. Масалан, дар асоси маълумоти оморӣ соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 95500 ақди никоҳ ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 9 ҳазор ақди никоҳ бекор карда шудааст, ки ин 9,5% -ро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин падидаи манфӣ сол ба сол рӯ ба афзоиш дорад. Яке аз сабабҳои асосии вайрон шудани оилаҳои ҷавон дахолати бемавриди баъзе аз волидон ба ҳаёти навхонадорон, муҳоҷирати меҳнатӣ, барвақт хонадор намудани ҷавондухтарон, набудани якдигарфаҳмӣ дар оила, муносибати дағал, нобоварӣ, беҳурматӣ, худхоҳӣ ва беэҳтиромӣ нисбати якдигар, никоҳи хешутаборӣ ва дар маҷмӯъ омода набудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона мебошад.

Агарчи оиладорӣ дар зиндагӣ ҳодисаи муқаррарӣ менамояд, вале бояд ба хубӣ дарк кард, ки он дар худ боз масъулияти зиёде низ дорад. Зеро оила пойдевори ҷомеа, давом ва асоси пойдории насли инсон мебошад. Инсон тарзи муносибат бо афроди ҷомеаро маҳз дар муҳити оила меомӯзад. Аз ин рӯ инсоне, ки аз муҳити оилаи солим маҳрум мемонад, на танҳо дар ҷомеа мавқеъ намеёбад, балки ба ҷомеа мушкилот ворид месозад.

Албатта, аз ҳам ҷудошавии зану шавҳарро умуман бемаврид донистан ва онро манъ кардан аз имкон берун аст, зеро ҳолатҳое ҳастанд, ки инсон маҷбур мешавад ба ин кор даст занаду ба ин васила зиндагии худ ва ҳамсарашро сабуктар созад. Вале метавон гуфт, ки ин ҳолатҳои истисноие мебошанд, ки онро ҷомеа маҳкум намекунад. Масалан, безурётӣ, беморӣ ва монанди инҳо ногузир боиси вайронша- вии оилаҳо мегарданд. Асли мавзӯъ аз он иборат аст, ки аслан оила дар заминаи меъёрҳои мустаҳками ахлоқӣ бунёд гардида, бо вуҷуди пастиву баландиҳои зиндагӣ ба пойдории он кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

Яке аз сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон ин надоштани маҳорати муошират кардан аст. Дар баъзе мавридҳои зиндагӣ ҷавонон барои дар ҳузури дигарон нишон додани кибру ғурури худ ба ҳамсари худ бо қаҳру ғазаб сухан карда, ҳатто дашном низ медиҳанд. Ҳатто дар байни ёру дӯстони худ бо чунин гуфтор ва рафтори худ ифтихор низ мекунанд.

Чунин гуфтор ва рафтори ҷавонон боиси дилхунукии ҳамсар мешавад. Ин ҳамсар ба ин гуфтор ва рафтори шавҳараш як муддат таҳаммул мекунад, вале рӯзе мешавад, ки косаи сабру тоқаташ лабрез шуда, дилаш аз ҳамсараш хунук шуда, роҳи ҷудоиро меҷӯяд.

Набояд фаромӯш кард, ки тавассути дилозорӣ шахс наметавонад ба дили дигар кас ҷой бигирад. Калиди воридшавӣ ба дили шахси дигар меҳрубонӣ ва сухани ширин аст. Танҳо тавассути қадрдонӣ ва эҳтироми якдигар ду ҷавон метавонанд, ки риштаи дӯстӣ ва муҳаббати худро ба ҳам пайваста, оилаи устувор ва хушбахтро барпо намоянд.

Оилаҳо гуногун мешаванд: пурра ва ё нопурра, солим ё носолим ва ғайра. Агар дар баъзе оилаҳо муҳити ором ва хайрхоҳона ҳукмрон бошад, он гоҳ дар оилаҳои дигар ҳаёт ба як силсилаи баҳсу мунозираҳои доимӣ мубаддал мегардад. Ин баҳсҳо як қисми таркибии ҳаёти оилавӣ шуда мемонанд. Аъзои оила ба василаи баҳсу мунозираҳои доимӣ якдигарашонро хаста намуда, ба ғаму андуҳ ва ҳатто беморӣ гирифтор месозанд.

Инсон бо мақсади созишу муросо намуданояндабинӣ мекунад ва дар рафти он дучори монеаву мушкилиҳо мегардад. Василаи аз ҳама беҳтари рафъи онҳо сабру таҳаммул аст ва он имкон медиҳад, ки масъалаҳои оилавӣ дар муҳити ором, осоишта ва бефишору хушунат ҳалли худро пайдо кунанд.

Мувофиқи дастовардҳои илми психология баҳс-
ҳои оилавӣ, одатан, ба шакли зайл интиҳо меёбанд:

- яке аз ҳамсарҳо худро гунаҳгор меҳисобад;

- ҳар ду ҳамсар худро гунаҳгор эътироф мекунанд.

Аз ин лиҳоз як формулаи ҳалли баҳсҳои оилавӣ пайдо мешавад ва он чунин аст: «Мо баҳс мекунем, яъне мо ҳар ду ноҳаққем». Албатта, расидан ба ин натиҷа кори саҳлу осон нест. Дар аксари ҳол ба ин муносибати анъанавии вуҷуддоштаи «Ман», «Ту» халалҳо эҷод менамояд.

Адабиёти психологӣ пешниҳод менамояд, ки роҳҳои дигари рафъ кардани низоъҳои оилавӣ ин муросо, ҳамкорӣ, дурӣ ҷустан аз низоъ, гузашт кардан, бахшидан ва дигар омилҳо мебошанд. Инҳо метавонанд шиддати низоъро паст кунанд ва барои дар ҳолати осуда муҳокима намудани баҳсҳои оилавӣ шароити мусоид фароҳам оваранд.

Бояд таъкид дошт, ки бо вайрон шудани оилаҳо на танҳо ҳамсарон зарар мебинанд, балки мушкилтарин ва вазнинтарин пайомади он бепарастор мондани фарзандон хоҳад буд. Аз ин рӯ барои мустаҳкамии ин ниҳоди арзишманд бояд ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ дода шавад. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аксари ҷавонон ва мардони оиладор, бетаълим ва бетарбия мондани насли наврас, надонистани ҳуқуқҳои занушавҳарӣ, хушунат дар оила омилҳое мебошанд, ки ба пойдории оилаҳо таҳдид мекунанд.

Сабаби асосии вайрон шудани оилаҳо дар он аст, ки падару модар фарзандони худро ба хонадоршавӣ омода намесозанд. Зеро оилаҳое ҳастанд, ки барои қабул кардани духтари бегона ҳамчун духтари худ тайёр нестанд ва баъзе духтароне ҳастанд, ки дар хонаи шавҳар он гуна рафтор мекунанд, ки гӯё дар хонаи волидони хеш бошанд, ки дар ин ҳолат  ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Дар ин маврид бояд падару модари домод ё арӯс қабл аз хонадоршавӣ чӣ тавр муносибат кардани онҳоро бо хушдоман ва аҳли оилаи «нав» хуб фаҳмонанд, ба ибораи дигар, нозукиҳои маърифати оиладорӣ, муқаддасоти оиларо ба онҳо омӯзонанд.

Дахолати ноҷои баъзе волидон низ сабаби ҷудошавии оилаҳои ҷавон мегардад. Кам нестанд ҳодисаҳое, ки хушдоманҳо барои баъзе масъалаҳои ночиз, аз зумраи каме шӯр омадани хӯрок, нодуруст дарзмол кардан, шикастани чинивории ва монанди ин бо келин хеле сахт ва дағал гап зада, дар назди фарзандон онҳоро ноуҳдабарою беҳунар мехонанд, ки ин боиси ранҷиши хотири келин ва тадриҷан дилхунук гаштани онҳо аз ин хонадон мегардад.

Барои бунёд кардани оилаи пойдори устувор, бешубҳа, падару модар нақши калидӣ бозида, намунаи оила ба ҳисоб мераванд. Онҳо бояд худпараст набошанд, якдигарро ҳурмату эҳтиром намоянд, ҳамеша паҳлуи хуби воқеаро бинанд, сабур ва хушмуомилаву беозор бошанд. Ҳама вақт унсурҳои маънавиро дар мадди аввал гузоранд ва донанд, ки пулу мол, мақому мансаб, зебоиву шуҳрат абадӣ набуда, ҳеҷ вақт оиларо устувор нигоҳ намедоранд. Дар баробари ин, дар ҳузури фарзандон волидон бояд ҳамеша аз истеъмоли машруботи спиртӣ ва иҷрои дигар корҳои зишт дур бошанд, зеро агар дар ҷое, ки аъмоли зишт мавҷуд бошад, он ҷо садоқат ва эътимод дида намешавад. Ин амалҳои зишт боиси гусаста шудани пайванди оила ва рафоқату дӯстии аҳли оила мегардад.

Пас метавон гуфт, ки тарбияи солим ва ё нодурусти фарзанд бевосита ба муҳити зист, рафтору кирдори волидон ва калонсолони оила вобастагии қавӣ дорад. Сарчашмаи муноқишаҳо, вайроншавии муносибати навхонадорон, амалҳои нодурусти ҷавонон ва хислатҳои ношоистаи ҳар инсон аксаран оила мебошад. Агар тарбияи нахустини ҳар фарзанд ба оила вобаста бошад, пас сабаби ба вуҷуд омадани моҷароҳои оилавӣ ҳам аз муомилаи ғайримақбули аъзои оила бо фарзандон аст.

Аз ин хотир метавон хулоса кард, ки муҳити фарогирифтаи ҷавонписарону духтарон онҳоро ба зиндагӣ мутобиқ ва омода насохтааст, ки ин аз беаҳамиятии волидони ҳар ду тараф ва ниёз доштани худи навхонадорон

ба таҷрибаи рӯзгор ва таълиму тарбияи оилаю оиладорӣ шаҳодат медиҳад. Агар зан ва мард замони наврасию ҷавонӣ дар оилаи солим ва зери тарбияи бонизоми волидон ба камол расида бошанд, ҳатто муҳити носолим низ ба онҳо наметавонад осеб бирасонад.

Набудани ғамхорӣ, дастгирию ёрмандӣ аз ҷониби волидон, дар як қатор мавридҳо дар оила набудани падар тадриҷан боиси он мешавад, ки фарзандон беназорат мемонанд. Дар натиҷа заминаи мусоид барои ба ҷинояткорӣ, нашъамандӣ ва дигар амалҳои номатлуб ҷалб шудани ноболиғон фароҳам меояд.

Сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавонро шартан метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

– набудани якдигарфаҳми байни зану шавҳар;
– натиҷаи тарбияи нодурусти фарзандон дар оила;
– паст будани маърифати оиладории ҷавонон;
– паст будани сатҳи иқтисодии оила;
– мудохилаи ноҷои хешу табор ва волидон;
– никоҳи хешутаборӣ;
– муҳоҷирати меҳнатӣ;
– беморӣ ва безурётӣ.

Вайроншавии оилаҳо, аз тарбияву меҳру навозиш ва дастгирии моддиву маънавии волидон маҳрум гашта, бепарастор мондани фарзандон яке аз мушкилоти асосӣ маҳсуб гардида, боиси ташвиш ва нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст.

Аз ин рӯ яке аз роҳҳои асосии пешгирии ин дарди ҷомеа пеш аз хонадоршавӣ ва ташкили оила ба зиндагии мустақил омода кардани ҷавонон мебошад, ки ин, пеш аз ҳама, вазифаи падару модар, мактаб ва ҳамкории тамоми ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки заминаи асосии сар задани низоъ дар оила бархӯрди манфиатҳо ва қонеъ нагардидани талаботи шахс мебошад.

Дар зиндагии оилавӣ сабру таҳаммул, якдигарфаҳмӣ аз хислатҳои накутарин ва нишонаи ахлоқи ҳамида маҳсуб меёбад. Оилае, ки аз чунин хислатҳо бархӯрдор аст, мустаҳкаму пойдор буда, ба муваффақияту пешравиҳо ноил мегардад. Вале афсӯс, ки на ба ҳама оилаҳои ҷавон чунин якдигарфаҳмию таҳаммулпазирӣ муяссар мешавад. Кам нест ҳодисаҳое, ки барои баъзе масъалаҳои ночизу беаҳами- ят миёни зану шавҳари ҷавон нифоқу низои калоне бархоста, то ҳадди ҷудоии онҳо мерасад. Дар урфият мегӯянд, ки агар дар оила тифоқию ҳамдигарфаҳмӣ бошад, ҳаёт ширину гуворо мегузарад. Аммо баъзан мешавад, ки ҳамсарон пойбанди суханони нодурусти хешовандон, ёру дӯстон ва ҳамсоягон гардида, зиндагии хушу гуворои худро талх месозанд; якдигарро таъна мезананд ва ё баҳудаю беҳуда барои корҳои ночизу камарзиш ба якдигар хурдагирӣ мекунанд, ки боиси ҷангу ҷидол дар оила мегардад. Аксар вақт зан ба ҳамсояҳо, шиносҳои дуру наздик тақлид на- муда, бе дарназардошти даромаду имконоти оила харидорӣ намудани анҷоми қиматбаҳоро боисрор талаб менамояд, ки ин ҳам яке аз сабабҳои пайдо шудани низоъҳои оилавӣ мешавад. Дар ин маврид шоир хеле хуб фармудааст:

*Ба дахлу харҷи худ ҳар дам назар кун,*
*Чу дахлат нест, харҷат камтар кун.*

Хулоса, дар ин мавзӯъ ба шумо дар бораи якчанд сабаби вайрон шудани оилаҳои ҷавон ва пайомадҳои ногувори он маълумот додем, ки донистан ва хулосабарорӣ аз он барои омода шудани шумо ба ҳаёти мустақилона ва пешгирӣ аз низоъҳои оилавӣ ёрмандӣ мекунад. Аммо дар ҳаёт метавонед бо дигар ҳодисаю воқеаҳое рӯ ба рӯ гардед, ки оид ба он дар ҷое нахондаед ва аз касе нашунидаед. Вале дар ҳама ҳолат ақлу заковат, таҳаммулпазирӣ, сабру тоқат ҳамеша дастгиру раҳнамои шумо хоҳад буд.

***Саволҳо***

*1 .Сабабҳои асосии вайроншавии оилаҳои ҷавонро номбар кунед?*

*2 .Чӣ гуна метавон муносибатҳои хубу дӯстонаро дар оила ба миён овард?*

*3 .Шумо дар вайроншавии оилаҳои ҷавон бештар киро гунаҳкор меҳисобед?*

*4 .Арӯс дар хонаи домод чӣ гуна бояд рафтор кунад?*

*5 .Оилаи намунавӣ гуфта чиро мефаҳмед?*

## §21. РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ КАРДАНИ НИЗОЪҲО ДАР ОИЛА

Дар зиндагӣ инсон бо сабру мулоҳиза ва тамкину таҳаммул метавонад тамоми мушкилотро паси сар намояд. Барои ин, пеш аз ҳама, бояд хашму ғазаби худро фурӯ бурда, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда аз ақли солим истифода намояд. Барои муҳайё намудани фазои солими хонавода муносибати некбинона, ахлоқи ҳамида, рафтору гуфтори нек, якдигарфаҳмӣ ва меҳрубонии байни зану шавҳар хеле муҳим аст. Муҳити орому осуда, якдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтиром на танҳо дар пойдории оила, балки барои тарбияи фарзандони хубу хушрафтор ва боодобу бофарҳанг мусоидат менамояд.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ мефармояд:

*Вазифаи зану мард, эй ҳаким, донӣ чист?*
*Якест киштиву он дигарест киштибон.*
*Ҳамеша духтари имрӯз модари фардост,*
*Зи модар аст муяссар бузургии писарон.*
*Тавону тӯши раҳи мард чист? Ёрии зан,*
*Ҳутому[1], сарвати зан чист? Меҳри фарзандон.*

[1]. Хутом - молу дороӣ

Дар бунёди оилаи намунавию хушбахт ва пешгирӣ аз вайроншавии он ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми байни зану шавҳар нақши асосӣ мебозад. Агар ин мафҳум дуруст дарк шавад, натиҷаи дилхоҳ медиҳад, дар акси ҳол боиси муноқиша ва ҷудошавии оила мегардад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо гувоҳи онанд, ки бештари ҷангу ҷанҷол ва низоъҳои оилавӣ, ки дар ниҳояти

кор боиси вайроншавии оилаҳо мегарданд, аз набудани ҳусни тафоҳум ва эҳтироми якдигар сар мезананд.

Пойдории оила ва хушбахтии он бештар ба шавҳар ва хешу ақрабои ӯро ҳурмату эҳтиром намудани зан вобастагӣ дорад.

Албатта, эҳтиром ва муносибати самимонае, ки зан ба шавҳару хешовандони ӯ мекунад, аз ҷониби шавҳар низ бояд ба оилаи волидони зан ҳатман риоя гардад. Вале, мутаассифона, дар баъзе хонаводаҳо байни занону мардон муҳаббати самимӣ, якдигарфаҳмӣ, фазои осоишта вуҷуд надорад. Дар чунин оилаҳо таъназании зан ё шавҳар ва аъзои оила, такаббуру манманӣ, боло гузоштани ҳаққу ҳуқуқи худ аз каси дигар, муносибати нодурусти арӯс бо шавҳар ё хушдоман мушоҳида карда мешавад.

Беҳтарин роҳи раҳоӣ аз муноқишаву нишонаҳои зӯроварӣ дар оила хомӯшона дурӣ ҷустан аз ҳолати ногувор ва пеш гирифтани сабру таҳаммул аст.

Барои паст кардани моҷарои оилавӣ, таскин додани дилҳои башӯромада пеш аз ҳама дахолату маслиҳати падару модар, калонсолон ва хешу табор хеле зарур буда, яке аз вазифаҳои асосии онҳо тарбия ва ба роҳи рост ҳидоят намудани оилаҳои ҷавон мебошад. Аз нигоҳи равоншиносӣ сабаби ба ҳам мувофиқ наомадани феълу атвори зану шавҳари ҷавон номукаммал гузаштани давраи мутобиқати онҳо мебошад. Муаммоҳое, ки дар чунин оилаҳо пайдо мешавад, на танҳо мушкилоти зан, балки мушкилоти ҳамаи аъзои оила ба ҳисоб рафта, бояд бо роҳи мусолиҳатомез ҳал карда шаванд.

Бештари мунокишаҳои оилавӣ дар заминаи камхирадӣ, бекорӣ, шуғл ва ҳадафи муайян надоштани аъзои оила дар зиндагӣ сар мезананд. Дар оилаи маърифатнок мунокишаҳо хеле кам сурат гирифта, боақлона, мусолиҳатомез ва оромона паси сар мегарданд.

Дар оилае, ки якдилию ҳамфикрӣ ҳукмрон аст, дар он оила фарзандон ҷисман ва рӯҳан солим тарбия ёфта, ба камол мерасанд ва чунин оиларо метавон аз оилаҳои хушбахт номид.

Ҳамдигарфаҳмӣ оиларо аз мунокишаҳои беҳуда ва вайроншавӣ эмин дошта, дари хушбахтиро ба рӯйи навхонадорон боз мекунад.

Зиндагие, ки инсон ба сар мебарад, аз ғаму ғусса холӣ нест. Нафароне ҳастанд, ки дар овони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ падар ё модари худро гум карда, аз дидор ва насиҳатҳои онҳо маҳрум мондаанд. Аз мусибат, мунокишаи оилавӣ, қарздорӣ, бемanзилӣ, бефарзандӣ, беморӣ, гуруснагӣ, бедонишӣ, маъюбӣ ва амсоли инҳо ранҷу азият кашидаанд. Бо вуҷуди ин онҳо аз мушкилоти зиндагӣ ҳаргиз наҳаросида, бо азми қавӣ сӯйи мақсуд мекӯшанд; шукри давру замон ва неъмати ҳастӣ намуда, мушкилоти зиндагиро бо таҳаммул ва сабру тамкин пушти сар менамоянд.

Зеро сабр агарчи талх аст, меваи ширин ба бор меоварад.

Хулоса, дар ҳама давру замон роҳи дуруст барои оилаҳои ҷавон шукргузорӣ, дурандешӣ ва пеш гирифтани сабру таҳаммул мебошад.

Ҳофизи Шерозӣ дар ин маврид фармудааст:

*Гӯянд, санг лаъл шавад дар мақоми сабр,*
*Оре, шавад, валек ба хуни ҷигар шавад.*

Бале, на ҳар фарде метавонад сабру таҳаммулро пешаи худ намояд, зеро, воқеан ҳам зери бори таънаву маломат, беэҳтиромию озурдагӣ на ҳар инсоне метавонад тоб биёрад, аз ин рӯ мегӯянд: «Сабр талх аст, вале меваи ширин ба бор меорад».

Дар ҳаёти ҳар инсон ҳолатҳои шиддати рӯҳӣ, хашму ғазаб мушоҳида мегардад. Аммо идора кардани хашму ғазаб низ роҳу усулҳои худро дорад.

Барои ин мо бояд чанд вақт кӯшиш намоем, то рафтори худро зери назорат гирем. Сабабҳо ва сарчашмаи ғазабнок шуданро муайян кардан зарур аст.

Баъди ин оҳиста-оҳиста он сабабҳоро санҷида, роҳи дурусти ҳаллашонро бояд ҷустуҷӯ кард.

Ғазаб ба асабоният вобаста буда, дар вақти зарурӣ иҷро нашудани ин ё он кору амал дар коргоҳ ва оила, муносибати дағалонаи атрофиён, ноҳурматӣ байни волидон ва зану шавҳар, тарбияи нодурусти фарзандон, бетартибӣ ва идора карда натавонистани фарзанд, умуман хасташавӣ ва писанд наомадани хислатҳои атрофиён сабаби хуруҷи он мешавад.

Хашму ғазабро ҳатто аз намуди зоҳирии инсон ва рафтору муносибати дағалона, кӯтоҳбаёнӣ, танҳо нишастан, бисёр фикр кардан ва дигар хислатҳои ӯ эҳсос намудан мумкин аст. Дар чунин ҳолати рӯҳию равонӣ сабаби пайдо шудани хашму ғазабро пурсон шудан нодуруст аст ва шояд ба оқибати нохуш оварад.

Аз ин лиҳоз зан ё мард то пастшавии хашму ғазаб бояд ба якдигар имкон диҳанд, сипас бо роҳи маслиҳат масъаларо ҳаллу фасл намоянд.

Дар бештари мавридҳо бахшидани гуноҳҳои якдигар, изҳори пушаймонӣ аз кирдори нодуруст, иқрор шудан ба рафтору гуфтори номатлуб, бахшиш пурсидан аз волидон ва ё зану шавҳар барои ба зудӣ аз байн бурдани хашму ғазаб таъсири хуб мерасонад.

Дар ҳар ҳолат зану шавҳар бояд дар навбати аввал хуб дарк намоянд, ки дар кадом лаҳза хашму ғазаб бедор мешавад. Дар ҳолати пайдо шудани нишонаҳои ғазаб ба фурӯ бурдани он кӯшиш намудан ба манфиати ҳар ду ҷониб аст. Дар муносибат бо якдигар ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ҳамдигар, ба монанди хислат, миҷоз ва дигар хусусиятҳои равонӣ хеле муҳим аст:

*Макун коре, ки пӯяд роҳи қаҳрат,*
*Зи нокомӣ кунад дар ҷом заҳрат.*

Хашму ғазаб ақлро тира намуда, ҳаяҷону эҳсосро боло мебарад. Агарчи хашму ғазаб зиёд тӯл намекашад, вале дар ҳамин муддати кӯтоҳ метавонад сабаби коре шавад, ки инсон аз он тамоми умр афсӯс бихӯрад. Аз ин рӯ инсони комил ҳаргиз дар лаҳзаи хашму ғазаб барои анҷоми коре даст намезанад.

Аҳмади Дониш дар ин маврид мефармояд:

«Билҷумла то ғазаб ва шаҳват мусаххари ақл набошад (яъне то ғазаб ва шаҳват ба ақл мутеъ набошанд), адл сурат набандад ва адл аз камоли ақл хезад». Хашму ғазаби зану шавҳар аз беҳурматӣ, нописандӣ, такаббуру ҳавобаландӣ ва амсоли инҳо ба миён меояд, ки инсонро ба ҳолати ҳаяҷони рӯҳӣ меорад. Табиист, ки дар чунин ҳолат инсон худро идора карда наметавонад ва имкон дорад, ки ба корҳои ношоям даст занад.

Аз ин рӯ шунидани панди бузургон, баҳра бурдан аз таҷрибаи рӯзгори онҳо, гӯш додан ба ҳарфи падару модар ва ботамкину бомулоҳиза будан дар қабули қарор ва муносибати гарму хушбинона дар оила асоси хушбахтӣ ва хурсандии оила хоҳад буд.

***Саволҳо***

*1. Кадом сабабҳо боиси ба вуҷуд омадани низоъ дар оила мегардад?*

*2. Чаро инсон асабӣ мешавад?*

*3. Оё инсон метавонад дар ҳолати хашму ғазаб қарори дуруст қабул намояд?*

*4. Шумо ҳолатҳоеро медонед, ки одамон дар ҳолати хашму ғазаб ба корҳои ношоям даст зада, сипас пушаймон шудаанд?*

*5. Чаро сабрро талху меваи онро ширин мегӯянд?*

# ФАСЛИ VI.
# ОИЛА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

## §22. ТАВАЛЛУДИ ФАРЗАНД ВА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТ БАРОИ РУШДИ КӮДАК

Ҳар як падару модар орзуи фарзанддор шуданро дорад, зеро фарзанд ширинтарин меваи умри инсон, нишоне аз падару модар ва давомдиҳандаи насл мебошад. Таваллуди фарзанд дар оила боиси шодмонии падару модар ва хешу ақрабо мегардад. Фарзандро гули умеди волидон мегӯянд. Аз ин рӯ падару модар шудан бахти бузургест. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин бора хеле хуб мефармояд:

*Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,*
*Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.*
*Ҳосил аз фарзанд бошад коми мард,*
*Зинда аз фарзанд монад номи мард.*

Хабари таваллуди тифлро шунида, шодиёна додан одати қадими мардуми мост. Маънои он чунин аст, ки аз ба дунё омадани тифл тамоми хешу ақрабо хурсанд буда, орзу доранд, ки чунин шодию фараҳ ва бахту саодат насиби ҳар хонадон гардад.

Оила аввалин маконест, ки шахсияти кӯдак дар он инкишоф ёфта тарбия мегирад. Ҳар гуна беназмӣ ва мушкилиҳои ахлоқӣ дар оила бевосита ва бавосита дар рафти тарбияи кӯдак таъсири манфӣ мегузорад, зеро «кӯдакон мисли оина ҳама чизи дидаашонро қабул карда, инъикос менамоянд». Тадқиқоти яке аз равоншиносони машҳури рус Л. Б. Шнайдер, ки дар мавриди оила ва муносибатҳои оилавӣ асарҳои пурарзише таълиф намудааст, собит менамояд, ки «ҳатто дар батни модар ҷанин ба ғамхорӣ ниёз дорад». Модар баъзан ҷунбидани ҷанинро эҳсос карда, «барояш ҳаво намерасад», «магар сайру гашт мехоҳад» гуфта, бо

ҷанин «муоширaт» мекунад. Бояд қайд кард, ки «ҷанин нисбат ба садоҳои баланд садоҳои пастро беҳтар дарк мекунад. Бинобар ин ҷанин ба суханони ороми меҳрангези модар гӯш медиҳад ва вобаста ба ҳолати рӯҳии модар ӯро низ ҳамин хел ҳолат фаро мегирад. Агар модар дар ҳолати тарсу ғаму андуҳ қарор дошта бошад, пас ин ба рушди ҷанин бетаъсир намемонад».

Кӯдакон дар синну соли гуногун талаботи гуногун пайдо мекунанд. Агар талаботи онҳо мавриди диққати волидон қарор нагирад, мумкин аст дар рафти ҳаёт дар рафтори онҳо мушкилот мушоҳида гардад.

Фарзанди инсон, ки ҳамчун ҷисми заиф ба дунё меояд ва ҳанӯз мустақилият ба даст наовардааст, ба тарбияю оғӯши гарми модар, меҳру шафқат ва навозиш ниёз дорад. Тифл одат, рафтор, феълу атвор ва хислатҳоро тавассути шир ва меҳри модар аз худ мекунад. Ҳамин тавр, ба тарбияи кӯдак аз нахустин рӯзҳои тавлиди ӯ машғул шудан зарур аст. Баъди тавлид рафтори кӯдак дар асоси рефлексҳои ғайришартӣ (макидан, доштан, худмуҳофизатӣ ва ғ.) ба низом меояд.

Тифл бе ёрии калонсолон ягон талаботи худро қонеъ карда наметавонад. Аз ин рӯ қонеъ кунонидани талаботи кӯдак ва рушди ӯ дар рафти муносибати ӯ бо калонсолон сурат мегирад ва дар ҷараёни муошират дар кӯдак аввалин рефлексҳои шартӣ ҳосил мешавад. Масалан, агар модар ба кӯдак аз рӯйи реҷаи муайян хӯрок диҳаду ӯро хобонад, ҳамин рефлекси шартӣ дар кӯдак пайдо мешавад. Яъне баъди сер шудан хоҳиши хоб рафтан пайдо мекунад. Дар рафти муошират бо калонсолон дар кӯдакон нишонаҳои инкишоф ёфтани нутқ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, дар охири яксолагӣ кӯдак маънои калимаҳоеро, ки ба қонеъгардонии талаботаш вобаста аст, мефаҳмад ва дар рафти муошират дар нутқи худ истифода мебарад.

Дар айёми тифлӣ, кӯдакӣ ва наврасӣ нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар рушди фарзанд ниҳоят калон аст. Дар сурати мавҷуд будани муносибатҳои хуби оилавӣ

ҷараёни рушди кӯдак ба таври бояду шояд ба роҳ монда мешавад. Мутаассифона, на дар ҳар як оила муносибатҳои лозимаро нисбати якдигар ва фарзанд мушоҳида карда метавонем. Вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ боиси халалдор гардидани рушди кӯдакон мешавад.

Ҳамин тавр, муносибатҳои оилавӣ дар ташаккули рафтор ва шахсияти кӯдак нақши бузургро мебозанд. Олимон чунин хусусиятҳои муайяни оиларо, ки ба пайдоиши мушкилиҳо дар рафтори кӯдакон мусоидат менамоянд, тадқиқ кардаанд. Дар натиҷаи тадқиқотҳои олими равоншиноси рус Л.С. Алексеев намудҳои зерини оилаҳои номусоид ошкор гардиданд: ***низоангезанда, зиддиахлоқӣ, аз назари педагогӣ салоҳиятнадошта ва зиддиҷамъиятӣ.***

Масъалаи таъсири оила ба рушди кӯдаконро мавриди таҳқиқ қарор дода, равоншинос Г. П. Бочкарева оилаҳоро чунин тасниф кардааст:

***1. Оилаҳо бо муҳити номусоиди эмотсионалӣ,*** ки дар онҳо волидон ба талаботу эҳтиёҷоти кӯдак ҳангоми созгор будани муносибатҳо ҳисси таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

***2. Оилаҳо бо муҳити носолими ахлоқӣ,*** ки ба кӯдакон шавқу ҳавас ва талаботи номатлубро membarparvarandvadarna тиҷаонҳобаҳаётибадахлоқона ҷалб карда мешаванд.

Психолог В. Бауренас вазъи рушди кӯдаконро дар оилаҳои носолим таҳқиқ карда, зуҳуроти каҷрафториро бо чунин вазъиятҳои тарбиявӣ дар оила алоқаманд менамояд:

*1 .Мавҷуд набудани таъсири бошууронаи тарбия ба кӯдак.*

*2 .Дараҷаи баланди фишор ва ҳатто зӯроварӣ дар тарбия.*

*3 .Аз рӯйи тасаввуроти худбинонаи аз будаш зиёд баҳо додан ба мустақилии кӯдак.*

*4 .Бенизомию бетартибӣ дар тарбия бо сабаби носозии волидон.*

Умуман, муҳити иҳотакарда ва пеш аз ҳама, муносибатҳои оилавӣ ба рушди кӯдакон ҷиддан таъсир

мерасонад. Агар падару модар дар зеҳни фарзанди худ ҳамчун риёкор, ваъдахилоф, дурӯғгӯ, фиребгар, бадкор, золим ва бевиқору ҳазлпеша нақш бананд, минбаъд кӯдак аз онҳо дарси дуруст намеомӯзад. Бахусус, агар волидон дар ҳузури кӯдак ба амалҳои бад даст зада, ӯро ҳам ба ин корҳо ҷалб кунанд, онҳо боварииву эътимоди кӯдакро нисбат ба худ ба пуррагӣ барбод медиҳанд.

Ҳодисаҳои хушу зебои муҳити атроф мисли ҳама кас ба кӯдак ҳам хуш менамояд, аммо ҳодисаҳои нохуш ба ӯ таъсири манфӣ мегузорад. Бинобар ин кӯдак, ки бо ҳодисаҳои атроф муносибати доимӣ дорад, завқманд ва ё ошуфтаҳол шуданаш мумкин аст. Кӯдак ба ҳар кору ҳодиса ҳамроҳ шуда, бо узвҳои нозуки биноӣ ва шунавоияш барои худ маълумоти нав мегирад. Кӯдак бо ин роҳ ҳар чизи дида ва шунидаашро таҳлил карда, маълумоти навро дар хотирааш ҷой мекунад.

Ҳамин тавр, ахборе, ки пайваста ба хотираи кӯдак роҳ меёбад, дар оянда дар ташаккули шахсияти ӯ нақш баста, аз тарафи дигар, рафтору кирдори ӯро муайян ва ба самти мусбат ё манфӣ равона мекунад. Набояд фаромӯш кард, ки кӯдак ҳама вақт рафтори аҳли оилаашонро назорат мекунад ва дидаву шунидаашро аз рӯйи фаҳмиши худ баҳо медиҳад. Пас, аҳли оила ҳар гунае, ки тарбия ёфтани кӯдакро мехоста бошад, бояд худашон ҳамон гуна рафтор кунанд. Хулоса, равиши ҳаёт дар муҳити оилавӣ ба ҳаёти ояндаи кӯдак алоқамандии зич дорад.

Муносибатҳои оилавӣ ба рушди кӯдак таъсири бузург мерасонанд. Муҳити носолим, низоангез ва пуршиддат дар оянда кӯдакро асабонӣ, гирёнчак, якраву бадхашм мегардонад. Мухолифат, одатан, ба кӯдак осебҳои рӯҳӣ расонида, боиси рафтори ношоистаи кӯдак мегардад.

Агар волидон хоҳиши онро дошта бошанд, ки фарзандашон боодоб ва хушгуфтору хушрафтор бошад, мебояд худашон намунаи ибрат шаванд. Рафтору гуфтори волидон бояд ҳамеша рост ва холӣ аз дурӯғ бошад. Агар

нахоҳем, ки фарзанди мо суханони қабеҳ ба забон орад, бояд ҳеҷ гоҳ дар ҳузураш сухани қабеҳ нагӯем, то ки дар хотираи ӯ ҳарфҳои нохуб асло сабт наёбад. Агар хоҳем, ки фарзандамон баномусу шарафманд ва ростқавлу боиффат бошад, чунин муҳити муносибро бояд дар оилаи худ барқарор намоем.

Волидон бо рафтору кирдори худ бояд намунаи ибрат шаванд. Кӯдак ба кору гуфтори калонсолон диққат дода, онҳоро меомӯзад ва ба онҳо тақлид мекунад. Пеш аз ҳама фарзанд ба волидони худ тақлид мекунад. Волидон он вақт дар тарбияи фарзанд муваффақ мешаванд, ки агар дар миёнашон иттиҳод ва иттифоқ вуҷуд дошта бошад ва дар ин раванд бо ҳам ҳамкорӣ намоянд.

***Саволҳо***

*1. Ғамхории волидон нисбати фарзанд чӣ гуна оғоз мегардад?*
*2. Муносибатҳои оилавӣ ба фарзанд чӣ таъсир расонида метавонанд ?*
*3. Чӣ тавр нутқи кӯдакро инкишоф додан беҳтар аст?*
*4. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба рушди фарзанд чӣ гуна зоҳир мегардад?*
*5. Волидон баояндаи фарзанд чӣ гуна таъсир расонида метавонанд?*

## §23. ПСИХОЛОГИЯИ КӮДАК ВА МУШКИЛОТИ ТАРБИЯ

Тарбия замоне муассир ва муваффақ хоҳад буд, ки шахсият ва хусусияти психологии кӯдак хуб омӯхта шавад. Дарки дурусти хусусиятҳои психологии кӯдак имкон медиҳад, ки лаёқат, малакаю истеъдоди ӯро беҳтар шиносем ва мувофиқ ба он усулҳои таълиму тарбияро интихоб ва истифода кунем.

Аммо мушкилоти асосии тарбияи кӯдак ин ҳиссиёти табиӣ ё нафсонии вай аст, ки ба тарбияи иҷтимоӣ-ахлоқиаш

монеъ мешавад. Ин масъала бисёр мураккаб буда, мутаассифона, он дар илм пурра мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор нагирифтааст. Инсон чун қоида, барои расидан ба мақсад ва таъмини талаботи худ, ҳамеша роҳи саҳлу осон ва кӯтоҳро меҷӯяд. Азбаски меҳнат ҳамеша заҳмат ва машаққатро тақозо дорад, дар сурати муфт қонеъ намудани талабот, ба меҳнат даст намезанад. Ба таъбири дигар, майли ҷисм ва талаби нафс бар он аст, ки ҳарчи зудтар ва беҳтар қонеъ шавад; ба ҳар чизе, ки хилофи ин аст, муқобилият мекунад. Барои қонеъ шудани майлу рағбат, эҳтиёҷу талаботи кӯдак садҳо монеа пайдо мешавад. Дер шир додани модар, зуд рӯйи даст нагирифтан, умуман, ҳар хел майлу рағбати пайдошудаи кӯдакро дарҳол қонеъ накардан боиси хашму ранҷиши ӯ мегардад. Ин ҳолат чандин сол давом карда, чун одати бад чизи муқаррарӣ мешавад.

Чунин вазъият то фаро расидани давраи тарбияи бихрадона (тақрибан аз 5 солагӣ сурат мегирад), ки «табиати дуюм» низ ҳисоб шуда, қувватдиҳандаи нафси ҷисмонӣ мебошад ва дар муқобили тарбияи маънавӣ қарор мегирад. Ба ибораи дигар, кӯдак табиатан дар худ ҳеҷ майлу хоҳиши ба касе чизе додан, бахшиш кардан надорад. Ҳатто бозичаи ночизашро бебозгашт ба кӯдаке нахоҳад дод. Ин қонуни нафсонии ӯст.

Аммо инсонеро бояд тарбия кард, ки бар хилофи нафси худ бошад. Ба таъбири Рӯдакӣ, бояд ӯро бар сари нафси худ амир бисозем. Одати танҳо аз пайи нафси худ рафтанро, ки барои ӯ табиист, ҳеҷ набошад то нисф кам намуда, расми саъй кардани ӯро барои шинохти ҳаққи дигарон биомӯзем. Ғайр аз осонии кор ва кайфияти худ, барои дигарон, ки дар ҳаққи ӯ кардандy мекунанд, ташвиш ва заҳмате бикашад. Чунин рафтор барои ӯ бояд одат шавад.

Албатта, меҳнати худро ба кори фоидаовар ва ба нафъи касе равона намудан ҳамон вақт характери устувор ва доимӣ гирифта метавонад, ки раванди он бисёр осон, мисли

як бозии «қонунияти зебоӣ» анҷом пазирад ва муҳиммаш ин ки вай ба одат табдил ёбад.

Аслан, одат хусусиятҳои зерини худро дорад;

1. Ба осонӣ, бе заҳмат, муфт таъмин намудани талаботи организм.

2. Кӯшиши бо андаке заҳмат қонеъ намудани талаботи бевоситаи худ.

3. Ниҳоят, шакли душвортарини одат ин меҳнат кардан (заҳмат кашидан) ба манфиати қувваҳое, ки бевосита ба шахс фоида намеоваранд. Онҳо одати иҷтимоӣ буда, аз рӯи зарурати ахлоқӣ, қарзи инсонӣ ва амри виҷдон ба ҷо оварда мешаванд.

Моҳияти шахсро ҳамчун инсон ҳамин одату хислатҳо муайян мекунанд. Чунки сифатҳои наҷиби одамиро дар кӯдак тарбия ва одат кунондан кори басо душвор буда, тоқат, малака ва маҳорати махсус талаб мекунад.

Волидон, тарбиятдиҳандагон ба инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон бояд диққати ҷиддӣ бидиҳанд. Дар синни навзодӣ ва кӯдакӣ писарбачаҳо ва духтарҳо қобилияти модарзодии худро инкишоф медиҳанд. Ин раванд ниҳоят босуръат буда, онро идора ва роҳбарӣ намудани калонсолҳо зарур аст. Барои он ки ҷараёни мазкур ба самти номатлуб наравад, роҳҳои гуногуни ҳалли онро ҷустуҷӯ кардан лозим меояд.

Дар ин бора яке аз мутафаккирони бузурги олами илму маърифат Жан Жак Руссо чунин қайд мекунад: «Дар аввалҳои зиндагӣ, ки ҳофиза ва қувваи тахайюл ҳанӯз ба кор наяфтодааст, тифл фақат ба чизе диққат мекунад, ки ҳавоси ӯро мутаассир мекунад. Ва чун маҳсусот аввалин масолеҳи мадракот ва донистаниҳои ӯст, агар аз ибтидо онро ба тартиби саҳеҳ дар дастраси вай бигзорем, ҳофизааш одат хоҳад кард, ки баъдҳо ин маҳсусотро бо ҳамон тартиб дар дастраси ақл қарор бидиҳад. Ҳоло, ки кӯдак фақат ба маҳсусот дақиқ мешавад, дар ибтидо кофӣ аст робитаи он маҳсусотро бо ашёе, ки муҷиби эҳсос шудаанд, ба таври

равшан ба ӯ нишон диҳем. Бача мехоҳад ҳама чизро даст занад, ҳаргиз ба кунҷковии ӯ мухолифат накунед, зеро ин кунҷковӣ бисёр чизҳоро, ки донистани онҳо лозим аст, ба вай меомӯзад.

Масалан, ба ӯ ёд медиҳад, то гармӣ, сардӣ, сахтӣ, нармӣ, вазнинӣ ва сабукии ҷисмҳоро эҳсос кунад; ё бузургӣ, шакл ва дигар мушаххасоти онро, ки махсус аст, бишносад. Барои ин кор тифл нигоҳ мекунад, даст мемолад, гӯш медиҳад, ба таври хоссе ҳисси басриро ба ҳисси ламсӣ муқоиса мекунад ва он чиро бо ангуштон ҳис кардааст, ба чашм андоза мегирад».

Дар ин марҳилаи инкишофи кӯдак ба вай имконияти бозиҳои мазмундору мақсаднок фароҳам овардан лозим аст. Ӯ аллакай ба иҷрои бозиҳои одитарини мақсадноку мазмундор қобилият дорад. Ашёи бозӣ (бозичаҳо) бояд сурати ҳайвонот, асбобҳои гуногун, тасвири олоти техникӣ, сохтмон ва ғайра бошанд. Ҳангоми иҷрои онҳо (бозиҳо) қоида, унсурҳои амалиёти мазмундору мақсаднок дар назари кӯдак ҷилвагар шаванд. Ӯ ба чашми худ бинад, бо ақли худ санҷад, ба ҳунари дасти худ баҳо диҳад, тафаккур ва ҷаҳонбиниаш васеъ гардад. Бозичаҳо, ки образҳои аёнии ашёҳои воқеӣ ҳастанд, дар мавриди бозӣ кардан дар шуури кӯдак таассуроти воқеӣ пайдо карда, бо одат ва малака табдил меёбад, ки ин барои ташаккули шахсияти кӯдак ва қобилияти эҷодии ӯ мадад мерасонад.

Амалиёти «образнок»-и кӯдак, бозиҳои давраи томактабӣ, машқҳои одитарини таълимӣ ва дигар ҳаракатҳои ақлонию ҷисмонӣ барои ӯ аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ ва шахсӣ доранд. Аз тарафи кӯдак иҷро шудани он дар саҳнаи ҳаёт ба «бозӣ» даромаданро ба хотир меорад. Кӯдак бояд бармаҳал малакаи дарк намудани шаклҳо, воситаҳои фаъолияти иҷтимоиро аз худ кунад. Ин ба шахс дар ҷараёни ҳаёту кори минбаъдааш барои ба саҳву хато роҳ надодан мусоидат мекунад. Ин ҳолат барои аз худ намудани таҷрибаи таърихии инсоният моҳияти тарбиявӣ-иҷтимоӣ

дошта, инсон шахсияти худро муайян мекунад. Ин раванд ҳар қадар озоду эҷодкорона, мақсадноку устувор сурат бигирад, ҳамон қадар беҳтар ва бештар натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Агар баръакс бошад, натиҷаҳо низ номатлуб мешаванд.

Зимнан бояд таъкид кард, ки чун фарқияти психикаи кӯдакон вобаста ба шароити тарбия рух медиҳанд, барои ташаккулу такомули минбаъдаи онҳо беасар намемонад. Барои минбаъд комилу пурра гардонидани он заҳмати худи ӯ ва тарбиятгарон лозим меояд. Вале дар бисёр маврид ин нуқсон пур нашуда, аз раванди таъсири умумӣ ва пешравии ҷамъият қафо мемонад. Ин вазъиятро шартан ба эстафета монанд кардан мумкин аст, ки дар ҳолати як лаҳза ақиб мондан, суръатро суст кардан, аз дигар онро барқарор намудан ва бармаҳал ба марра расидан душвор ва ҳатто номумкин мешавад.

Дар марҳилаи томактабӣ сабзиши ҷисмонии кӯдак бисёр босуръат аст. Ақидаи баробар инкишоф ёфтани организм ва психика дуруст нест. Ҳарчанд ки инкишофи онҳо бо якдигар вобастагӣ дорад, вале вобаста ба шароити иҷтимоӣ, муҳити зист, тарзу вусъати тарбия яке оқиб ва дигаре пеш рафта метавонад. Равшан аст, ки кӯдак ҳарчи бештар бозиҳои шавқангезу мазмуннок, ҳаракатҳои мақсаднок, мушоҳидаҳои маънидор намояд, ҳамон қадар тез ва пурра инкишоф меёбад. Як хусусияти ниҳоят муҳимми психологияи кӯдакро таъкид намудан махсус зарур аст.

Дар мавридҳои ранҷиши кӯдак аз ду чиз эҳтиёт шудан лозим аст; якум ӯро тарсондан, шарм доронддан, танқиду мазаммат намудан ва дуюм ба навозиш даромадан, бӯсидан, сила кардан, таърифи бардурӯғ намудан. Дар мавриди якум кӯдак озурда ва дилшикаста шуда, ба ҳолати боз ҳам бадтаре дучор меояд, маъюсу ноумед, оқибат тарсончаку беғайрат шуда, минбаъд дар мушкилоти зиндагӣ рӯҳан зудшикан мешавад. Дар ҳолати дуюм эркаю нозук, худписанд ва мағруру инҷиқ мешавад, то андозае мустақилияти худро

гум мекунад. Бинобар ин ҳангоми ранҷиш (дар мушкилоти дигар низ) ба кӯдак, наврас, навҷавон имкон додан лозим аст, ки мустақилона аз вазъияти ногувор бароянд, барои рафъи он кӯшиш кунад.

Кӯдак ҳамеша ба колонсолон; падару модар, бачаҳои кӯча пайравӣ ё тақлид мекунад. Пас ба ӯ намунаи бад ё ибрати бад нишон додан лозим нест. Баръакс, дар амал намунаҳои хуби ахлоқӣ ва кориро дар пеши назари ӯ ҷилвагар сохтан зурур аст. Ӯ бояд равшан бинад, ки кадом рафторҳо ва кирдорҳо хубанду аз тарафи калонсолон баҳои мусбат мегиранд ва кадом ҷиҳатҳо манфӣ ва зарарноку бефоидаанд.

Кӯдакон дар раванди таълим ҳангоми азхудкунии дониш, маҳорат ва малака дучори мушкилӣ мешаванд, зеро то ин замон онҳо бештар ба бозӣ машғул буданд ва акнун маҷбуранд, ки таҳсил намоянд. Албатта, дар қиёс ба бозӣ таҳсил мушкилтар буда, сарфи қувваи иродавиро бештар талаб менамояд. Онҳо аз навиштан ва хондан дида бештар ба суҳбат кардан майл доранд. Дар ҷараёни навиштан онҳо тез хаста мешаванд. Кӯдакон баробари ворид шудан ба мактаб имкони озодона муошират кардан ва амал карданро аз даст медиҳанд, зеро онҳо маҷбуранд, ки тартиботи муқаррарнамудаи муассисаи таълимиро риоя кунанд. Талаби омӯзгорон ва хоҳиши ҳамсинфонашонро иҷро ва эҳтиром намоянд.

Барои наврасон синни 9-12 солагӣ давраи интихоби идеал буда, дар ин давра онҳо мехоҳанд ба касе монанд шаванд. Аз ин рӯ онҳо қаҳрамони худро интихоб намуда, ба ӯ тақлид мекунанд ва бо амалу рафтори худ мехоҳанд мавриди таваҷҷуҳи атрофиён бошанд. Дар ин ҳолат аз тарафи калонсолон мавриди сарзанишу маломат қарор ёфтани кӯдакон боиси коҳиш ёфтани завқ ва худбаҳодиҳии онҳо мешавад.

Кӯдакон ҳар қадар бузургтар шаванд, ба ҳамон андоза барои волидайн азизтар мегарданд. Аз ин рӯ чунин

муҳаббату дӯстдорӣ гоҳо боиси он мешавад, ки волидайн баъзе камбудиҳои ҷиддии фарзандонро нодида мегиранд ва ё онро сарфи назар менамоянд. Ин шеваи рафтор муҷиби дар хислат ва рафтори кӯдакон рушд намудани камбудиҳое, аз қабили худписандӣ, саркашӣ, бемасъулиятӣ ва монанди инҳо мешавад. Вобаста ба ин волидайнро зарур аст, ки ба ҳар як амали неку бади кӯдак таваҷҷуҳ намуда, барои ба роҳи рост ҳидоят кардани ӯ бо лаҳн ва шеваи хоссе, ки метавонад ба ӯ таъсир гузорад, маслиҳат диҳанд. Маслиҳат ва насиҳат бояд тарзе сурат бигирад, ки ҳисси кунҷковии кӯдакро бедор кунад ва ӯро барои фикр кардан таҳрик бидиҳад. Ҳар маслиҳату машварат ва таъкиду супорише, ки аз тарафи калонсолон дода мешавад, бояд иҷрои он назорат карда шавад, то маълум гардад, ки ба кадом андоза онҳо ба сухани шумо гӯш додаанд ва роҳи дурустро интихоб кардаанд. Чунин шеваи рафтор барои дар кӯдакон тарбия ва рушд ёфтани ҳисси масъулият ва мустақилияташон мусоидат мекунад.

Кӯдак наметавонад ҳар чизеро, ки мешунавад ва мебинад, ба таври том қабул кунад, балки онро бояд дар мизони ақл баркашад ва чигунагиашро дарёбад.

Неку бадро аз ҳам фарқ карда тавонад ва ба ҳодисаю воқеаҳо аз назари таҳлилӣ баҳо доданро омӯзад.

Хеле зарур аст, ки дар кӯдакон ба қувваи худ боварӣ доштанро тарбия намоем, яъне онҳо кӯшиш кунанд, ки мушкилоти бамиёномадаро мустақилона ҳаллу фасл намоянд ва танҳо дар сурате ба калонсолон муроҷиат кунанд, ки нуқси худро мутаваҷҷеҳ шуда бошанд. Бояд кӯдак пай барад, ки ҳарчи ба ӯ меомӯзанд, дар ниҳояти кор ба фоидаи ӯ анҷом хоҳад ёфт ва ё бар зарари ӯ. Ҳамчунин ӯ бояд дарк кунад, ки ба ҳама чиз кӯр-кӯрона тақлид ва пайравӣ набояд кард, балки ба ҳар ҳодисаю воқеа ва амалу беамалӣ назари худро бояд дошт. Чунин амал мустақилиятро дар кӯдак ташаккул дода, ӯро ба ташаббускорию навоварӣ ҳавасманд месозад.

Дар сурате, ки кӯдак мехоҳад ба суҳбат ҳамроҳ шавад, кӯшиш кунед, ки ба он монеъ нашавед. Баръакс, бояд ӯро бештар ба суҳбат ҷалб намуда, имкон бидиҳед, то ӯ назари худро атрофи ин ё он масъала иброз кунад, аз суол додан ва ҷавоб гуфтан шарм надорад. Боҷуръат ва дар баёни ақидааш устувор бошад. Бо кӯдакон бояд бо лаҳни ором ва ҷиддию мувофиқ ба синну соли онҳо суҳбат кард. Набояд ҳеҷ гоҳ ба содагии онҳо хандид ва онҳоро дар хиҷолат гузошт. Зеро чунин амал мустақилият ва ташаббусро дар кӯдакон маҳв карда, онҳоро шармгин ва беҷуръат менамояд.

Барои инкишоф додани завқи бадеӣ ва эстетикии кӯдак бояд бештар дар атрофи масъалаҳои мавриди назари ӯ суҳбат биороем. Суҳбат бояд ҷолибу завқовар ва содаю фаҳмо бошад, на мушкилу дилгиркунанда. Ҳангоми баҳсу талош онҳоро барои ба эҳсосот дода нашудан талқин бояд кард.

Вобаста ба тағйироти физиологӣ тағйироти психологӣ низ дар рафтору гуфтор ва андешаи кӯдакон ба амал меояд. Яъне дар синну соли муайян кӯдакон ба худ хислату хусусиятҳои муайянро мегиранд, ки сари вақт дарк намудани он барои интихоби роҳу равиши дурусти тарбия мусоидат мекунад.

Волидайн бояд кӯшиш кунанд, ки аз хурдсолӣ ба кӯдакон ҳунарҳои гуногунро, ки дар ҳаёти минбаъда ба кор меоянд, омӯзонанд. Тарбияи меҳнатии кӯдакон маҳз дар муҳити оила оғоз шуда, ҳисси меҳнатдӯстӣ, ҳунаромӯзӣ, сарфаю сариштакории онҳо бо ибрати неки падару модар ва маслиҳату насиҳати онҳо ташаккул ёфта, минбаъд батадриҷ дар ҷомеа рушд мекунад.

Унсурулмаолии Кайковус дар ин хусус чунин мегӯяд: «Пас бояд, ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биомӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва тавонист донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан».

Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки яке аз омили муҳимтарин дар тарбияи кӯдак шинохти ӯст. То замоне ки мо хусусиятҳои психологии кӯдакро хуб аз худ накунем, наметавонем дар тарбияи ӯ ба таври дилхоҳ муваффақ бошем. Тарбияи кӯдак аз мураббӣ, падару модар малакаву маҳорати зиёд талаб мекунад ва ҳар андозае, ки мо онро огоҳона ва ҳунармандона иҷро кунем, ба ҳамон андоза муваффақ хоҳем буд.

Волидайн вазифадоранд, ки ба фарзандон асосҳои тарбияи оилавӣ, одобу рафтори оиладорӣ, муоширату меҳмондорию меҳмоннавозӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар, сабру таҳаммул ва дигар нозукиҳои ҳаёти оилавиро биомӯзонанд. Зеро ин ҳама дар ҳаёти минбаъдаи онҳо, ҳангоми барпо намудани муносибатҳои оилавӣ, тарбияи фарзанд ва пешбурди ҳаёти мустақилона кумак хоҳад кард.

***Савол ва супориш***

*1. Зарурати таълим ва тарбияи кӯдакро шарҳ диҳед.*
*2. Таъсири ҳавасмандкунӣ ба раванди таълим ва тарбия чӣ гуна аст?*
*3. Ба фарзанд чӣ гуна бояд танбеҳ дод?*
*4. Нақши худбаҳодиҳӣ дар рушди кӯдак чӣ гуна аст?*
*5. Тарсонидан ва оқибатҳои онро шарҳ диҳед.*

## §24. АҲАМИЯТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУР ВА ШАХСИЯТИ КӮДАК

Таълим ва тарбияи кӯдак ҳеҷ гоҳ барвақт нест. Рӯҳу равони тифл монанд ба навори суратгирист, покизаву дастнозада, ҳар гуна таассурот дар он ба таври ҳамеша нақш мебандад. Аз ин рӯ агар воли- дон ё омӯзгор ин нуктаро ба инобат нагиранд ва аз рӯзҳои нахуст ба тарбияи тифл машғул нашаванд, бузургтарин имконро аз даст медиҳанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ин маврид чунин менависад: «Фарзандонро аз хурдӣ ҳусни ахлоқ таълим кунанд ва ба зинати дунё нафиребанд. Чун тифлро аз аввал бад-ин тартиб тарбият кунанд, вақте ба ҳадди балоғат расад, баракати он ба зоҳиру ботини ӯ зуҳур кунад. Агар ҳамчунин кардӣ, наҷот ёфтӣ ва ҳам халқро наҷот додӣ…».

Дар тарбияи тифл қоидаи муҳимме ҳаст, ки набояд фаромӯш шавад. Кӯдакро бояд як нафар ё ҳама бо як усул тарбия кунанд. Хатои бузург аст агар дар оила ҳама ба тарбияи тифл бо усулҳои гуногун даст зананд. Ин дар тарбияи кӯдак мушкилӣ эҷод мекунад. Ҳар кас ба кӯдак таъсири хос мерасонад, ки аз якдигар тафовут дорад.

Баъзе волидон ба тарбияи кӯдак аҳамият намедиҳанд. Онҳо гумон мекунанд, ки кӯдак дар ин давра монанд ба бозича аст, яъне лӯхтак асту ҳар кас метавонад ӯро ба даст гирад, бозӣ кунад.

Тифлро кӣ бояд тарбия кунад, падар ё модар? Маълум аст, ки дар тарбияи кӯдак модар нисбат ба падар имконоти бештар дорад. Танҳо модар метавонад дар рӯзҳои нахустин тифлро ором кунад, зеро оҳанги рӯҳи модар бо оҳанги рӯҳи навзод ҳамвазн аст. Падар дар ин айёми зиндагӣ метавонад танҳо ба модар ёрӣ расонад. Баъдтар дар зиндагии кӯдак замоне фаро мерасад, ки ба таъсиру нуфузи падар ниёз ба миён меояд, вале на дар давраи тифлӣ. Ҳамин тавр, устоди аввал модар, устоди дуюм падар ва устоди сеюм омӯзгор аст.

Дар ҷараёни таълим ва тарбияи кӯдак се усулро истифода бурдан мумкин аст: авторитарӣ (тавассути зӯрӣ ва тарсонидан), демократӣ (тавассути меҳру дӯстӣ) ва либералӣ (бепарвоӣ). Ҳар яке аз ин усулҳо натиҷаи гуногун медиҳад. Оқибати усули авторитарӣ кӯдакро ба ғулом табдил додан аст. Кӯдак тарсончак, сархам ва хушомадгӯ ба воя мерасад, вале дар сурати қаҳру ғазаб метавонад, ки волидонашро лату кӯб намояд. Дар усули либералӣ кӯдак бетарбия, беилму беҳунар мемонад. Ба воситаи усули демократӣ

кӯдак бомеҳру муҳаббат, мустақил ва содиқ тарбия меёбад. Умуман, бо усули авторитарӣ аз кӯдак ғуломи бо усули демократӣ аз кӯдак шоҳро тарбия намудан мумкин аст.

Ҳар усулеро, ки шумо дар таълиму тарбияи кӯдак истифода мебаред, набояд беҳадаф бошад. Вагарна ҳама зиндагии вай бемақсад мешавад.

Оғози зиндагӣ барои одам нисбат ба бахши ояндааш муҳимтар аст, зеро пайроҳае, ки вай ҳама умр аз он меравад, маҳз дар кӯдакӣ сохта мешавад. Роҳҳоро омӯзгор барои кӯдак месозад. Агар роҳ сохта нашавад ва омӯзгор вазифаашро иҷро накунад, дар калонсолӣ ӯро душвориҳои зиёд пеш меояд. Омӯзиш дар оила, дар мактаб ва дар донишгоҳ барои шахс бисёр муҳим аст.

Дар сурати якравӣ ё гиря кардани кӯдак бояд ба ӯ ширинӣ ва ё чизи писандидаашро ваъда диҳед, меҳрубонию дастгирӣ кунед. Агар навозишу меҳрубонӣ натиҷа надиҳад, пас сарзаниш бояд кард. Сарзаниш бояд кӯтоҳ бошад ва аз оҳанги овозу лаҳни сухан ошкор шавад. Сарзаниш набояд тунд ва бадхашмона бошад. Оҳанги хоссе даркор аст, то кӯдак зуд дарёбад, ки ӯро сарзаниш мекунанд. Усули нодурусти тарбия тарсонидани кӯдак аз чизҳои ваҳмангез аст, ки волидон истифода мекунанд. Агар ӯ гиря кунад, ӯро бо ҷину париву албастиву чизҳое ба ин монанд метарсонанд. Ин аз бадтарин амалҳоест, ки дар тарбияи кӯдак раво медонанд. Зеро чунин тарс- диҳиҳо ба рӯҳи кӯдак таъсири манфӣ гузошта, рушди сифатҳои шуҷоатнокӣ ва далерии ӯро бозмедорад.

Хуб мешуд, ки ба кӯдак афсонаҳои дар бораи ҷину парӣ нақл накунем. Онҳо ба кӯдак таъсири манфӣ мерасонанд.

Барои ташаккули тафаккури кӯдак бояд бештар аз бозича ва бозиҳои конструктивӣ истифода кард. Бигузор кӯдак дар асоси нақша аз ҳар гуна маводди гуногун (секунҷа, чоркунҷа, сутунча ва ғайра) шакли биноро бисозад. Хуб мешавад, ки кӯдак шарти бозиро нағз аз худ карда, бештар ба бозиҳои муаммогӣ, ки қобилияти фикрии ӯро инкишоф

медиҳанд, машғул шавад. Масалан, вобаста ба шакл ва ранг сохтани ашё ё бино барои кӯдак машғулияти ҳам муфид ва ҳам басо шавқовар аст.

Бозичаҳои писаронаро набояд ба духтарҳо дод ва баръакс. Агар писарҳо бо бозичаҳои духтарона одат намоянд, ақлашон ба самти дигар рушд мекунад, духтарон низ инчунин. Писарон ва духтарон бояд бозичаҳои хосси худро дошта бошанд.

Барои бо ҳамсолонаш бозӣ кардани кӯдак вақти муайянро ҷудо бояд кард. Волидон бояд муайян кунанд, ки кӯдакашон чанд муддат ва бо кадом ҳамсолонаш бозӣ намояд, зеро ҷамъияти ҳамсолонаш барои ояндаи кӯдак таъсири ҷиддӣ мерасонад. Бо ҳамсолони бадрафтору бадгуфтор ҳамроҳ бозӣ кардани кӯдак боиси пайдо шудани хислатҳои манфӣ мешавад. Чунонки мегӯянд: «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ».

Волидон набояд фаромӯш кунанд, ки таълиму тарбия дар мактаб бе таълиму тарбия дар хона самари хуб намедиҳад. Бисёр волидон ба таълиму тарбия камтар диққат медиҳанд ва гумон мекунанд, ки ин танҳо вазифаи мактаб аст. Ҳол он ки таълиму тарбияи хуб дар хона минбаъд барои таълиму тарбияи кӯдак дар мактаб заминаи боэътимод мегузорад ва барои рушду такомули тафаккури ӯ хеле муҳим аст.

Равоншиносон исбот кардаанд, ки барои рушди ягон хусусияти равонии кӯдак ҳар як давраи синну сол мусоидат мекунад. Масалан, барои кӯдакони синну соли томактабӣ рушди нутқ ва забономӯзӣ мувофиқ аст. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбия дар кӯдакон имконияти то 5 забони хориҷиро аз худ кардан пайдо мешавад. Ин корро бо забонҳои гуногуни хориҷӣ тавассути намоишномаҳои хурди ба завқи кӯдак мувофиқ метавон ташкил кард.

Дар баробари рушди босуръати нутқ дар кӯдакони синну соли томактабӣ хусусияти кунҷковӣ ва шавқу завқ барои дарки олами атроф бештар мешавад. Барои дар

бораи олами атроф бештар маълумот пайдо кардан кӯдакон бо саволи «Чаро?» ба волидонашон муроҷиат мекунанд. Ба мисли «Чаро барф меборад?», «Чаро барф сафед аст?» ва монанди ин. Дар ин ҳолат ба волидон зарур аст, ки ба саволҳои бешумори кӯдакон эътибор дода, аз рӯйи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии онҳо ҷавоби мувофиқ диҳанд. Афсӯс, ки дар бисёр оилаҳои серфарзанд, волидон аз кору ташвишҳои бисёри зиндагӣ на ҳама вақт имкон пайдо мекунанд, ки ба саволҳои бешумори кӯдак ҷавоби зарурӣ бидиҳанд. Ҳатто баъзан барои саволҳои бисёру ноҷо додаашон ӯро сарзаниш ҳам мекунанд. Чунин рафтори волидон метавонад боиси нобуд гардидани ҳисси кунҷковӣ ва бозмондани рушди тафаккури кӯдак гардад.

Дар ҷараёни таълиму тарбия дар оила ва мактаб имконияти зиёди рушди шахсияти кӯдакон пайдо мегардад. Онҳо тавассути таҳсили муваффақона дар мактаб тадриҷан мустақилона ба омӯзиши асарҳои афсонавӣ ва дар синфҳои болотар – 5-7 ба хондани асарҳои саргузаштӣ завқ пайдо карда, ҷаҳонбинии худро васеъ мекунанд.

Дар рафти таълиму тарбия барои рушди шахсият ва тафаккури кӯдак боз зарур аст, ки волидон ва омӯзгорон ба онҳо чунин саволҳое бидиҳанд, ки кӯдакро ба фикр маҷбур созад. Масалан, саволи «Абӯабдулло Рӯдакӣ қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро кай навиштааст?» аз кӯдак чандон фикру мулоҳизаро тақозо намекунад. Вале саволи «Чаро Абӯабдулло Рӯдакӣ асари «Шикоят аз пирӣ»-ро навишт?» кӯдакро маҷбур месозад, ки оид ба ин масъала фикр карда, ақидаи худро баён созад ва маҳорати фикррониашро ташаккул бидиҳад.

Бояд гуфт, ки бархе аз кӯдакон имконияти муҳокимаронӣ карданро доранд ва бархе надоранд. Вале маҳорати муҳокимаронӣ кардан дар ояндаи онҳо зарур мешавад. Ин қобилияти муҳимми шахсиятро метавон тавассути пурсишу посух ташаккул дод. Ба мисли: агар ин бояд чунин бошад, чаро бояд чунин бошад; ва агар набояд

чунин бошад, чаро набояд чунин бошад ва ғ. Агар кӯдак бигӯяд, ки «Ин дуруст аст» бояд пурсид, ки «Чаро дуруст аст?» ва агар гӯяд, ки «Нодуруст аст», бояд пурсид, ки «Чаро нодуруст аст?».

Омӯзгор ва волидон бояд зинаи инкишофи тафаккури кӯдакро донанд ва тавассути саволи

«Чаро?», ки ҳамеша дар нӯги забонашон аст, маҳорати фикррونии кӯдакро инкишоф диҳанд. Ҳар кӯдаке, ки қобилияти муҳокимарониаш хуб аст, ояндааш дурахшон хоҳад буд.

***Саволҳо***

*1. Кӣ ва кадом вақт бояд кӯдакро тарбия намояд?*

*2. Чӣ тавр рушди кӯдакро тезонидан мумкин аст?*

*3. Ба саволҳои кӯдак ҷавоб додан чӣ моҳият дорад?*

*4. Тафаккури кӯдакро чӣ гуна инкишоф додан мумкин аст?*

*5. Беаҳамиятӣ дар таълим ва тарбияи фарзанд чӣ оқибатҳо дорад?*

*6. Оё тарбия ба синну сол алоқаманд аст?*

*7. Барои инкишофи нутқи кӯдак кадом амалҳоро бояд иҷро намуд?*

## §25. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Фарзанд неъмати бебаҳо, нишоне аз падару модар, давомдиҳандаи насл ваояндаи ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ тарбияи фарзанд муқаддастарин вазифаи падару модар аст. Волидон дар назди ҷомеа барои тарбияи фарзандони бомаърифат, ватандӯст ва дорои ифтихори баланди миллӣ масъуланд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» масъулият ва вазифаҳои асосии волидонро дар таълиму тарбияи фарзанд ба таври мушаххас муайян намуда, барои

мустаҳкам гардидани робитаи оила, муассисаи таълимӣ ва аҳли ҷомеа заминаҳои хуби ҳуқуқиро фароҳам овард.

Дар мавзӯи тарбияи фарзанд адибону мутафаккирони форсу тоҷик асарҳои зиёде эҷод кардаанд. Ҳанӯз пеш аз ислом ақидаҳои ахлоқӣ дар китобҳои «Авесто», «Пирӯзнома»-и Бузургмеҳр, «Пандномa»-и Анӯшервон дар шакли панду насиҳат баён шудаанд. Ақидаҳои пандуахлоқӣ баъд аз истилои арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом дар асарҳои «Адаб-ал-кабир ва адаб-ас-сағир»-и Ибни Муқаффаъ, «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-и Ибни Мискавейҳ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Китоб-ул-ахлоқ»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ хеле хуб баён гардидаанд. Донишмандону адибон Закариёи Розӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш ва бисёр дигарон дар мавзӯи одобу ахлоқ ва тарбияи фарзанд асарҳои пурарзише эҷод кардаанд.

Ба мавзӯи одобу ахлоқ ва тарбияи фарзанд гузаштагони мо дар ҳама давру замон диққату таваҷҷуҳи зиёд додаанд. Мо аз асарҳои эҷодкардаи ниёгон то ҳоло истифода мекунем ва баҳраманд мегардем.

Яке аз нахустин вазифаҳои падару модар дар назди фарзанд гузоштани номи нек ба ӯст. Ба фарзанд номи нек гузоштан масъулияти бузург аст. Бояд хуб дарк кард, ки ном дар ҳаёти инсон ва аъмолу рафтори ӯ нақши бузурге дорад. Ба фарзанд бояд чунин ном гузошт, ки ӯ дар оянда аз ин ном ифтихор кунад. Бинобар ин волидон бояд дар бораи номи гузоштаашон ба фарзандашон маълумоти заруриро расонанд ва талқин кунанд, ки онҳо сазовори номи худ бошанд. Агар ба фарзанд номи шахсони бузург ва таърихиро ба мисли Исмоил, Сомон, Сино, Мӯсо, Муҳаммад, Иброҳим гузорему фарзанд бузург гашта, сазовори он ном нашавад, он гоҳ шаъни ин номҳоро паст мегардонад. Аз ин рӯ волидон

ҳар замон бояд ба фарзандашон ин андешаро такрор ба такрор таъкид намоянд.

Бо гузоштани номи нек тарбияи фарзанд анҷом намеёбад, балки ҷараёни таълим ва тарбияи фарзанд оғоз меёбад. Волидон бояд номи гузоштаи фарзандонро асоси тарбия қабул карда, онҳоро чунон ба воя расонанд, ки сазовори он ном гарданд, шаъну шарафи ном ва обрӯи волидонро паст накунанд.

Дар ин бора Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» чунин овардааст: «Бидон, эй азизи ман, ки агар Худой туро писаре диҳад, аввал номи хуш бар вай деҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст...».

Падару модар бояд дар интихоби ном хеле бомулоҳиза бошанд, номи зебову шинам ва бомаъниро интихоб намоянд, чунки замоне фарзанд барои номи номақбули худ танҳо аз падару модари худ домангир мешавад. Ҳоло ҳам дар ҷамъияти мо падару модароне ҳастанд, ки ба фарзандон номҳои назарногир, бемаъниву таҳқиромез мегузоранд. Ба ақидаи онҳо агар номи фарзанд назарногир бошад, ба онҳо «чашми бад» ва офате намерасаду умрашон дароз мешавад. Натиҷаи ҳамин хурофотпарастӣ аст, ки то ҳол бо номҳои Сангин, Достак, Теша, Табар, Хаскаш, Ҷорӯб, Гундӣ, Сангинҷон, Сангинмоҳ, Гадо ва монанди инҳо дучор мешавем. Хуб мешуд дар интихоби ном ҳам падару модар ва ҳам падаркалону модаркалонҳо хуб андеша кунанд.

Одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ, хислатҳои беҳтарини инсонианд. Барои бо чунин хислатҳо ба воя расонидани фарзанд ба волидон лозим меояд, ки меҳнату кӯшиши зиёде сарф кунанд. Оила мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина ягон каҷравие ба амал ояд, ислоҳи он барои падару модар ва дар оянда барои омӯзгорони мактаб ҳам кори басо душвор мегардад. Дар ин маврид шоир чӣ хуб фармудааст:

*Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,*
*То ба охир меравад девор кач.*

Бинобар ин падару модар дар тарбияи фарзанд бояд баробар саҳм гузошта, аз рӯзҳои аввал барои ба воя расонидани инсони сазовори ҷомеа кӯшиш кунанд. Дуруст аст, ки 1-2 соли аввал нигоҳубин ва тарбияи фарзанд бештар ба зиммаи модар гузошта мешавад, аммо дар ин давра падар ҳам бояд саҳми худро гузорад. Интизор нашавад, ки кай фарзанд калон шаваду ба тарбияи ӯ шурӯъ кунад.

Ҳикоят мекунанд, ки зане ба назди Луқмони Ҳаким омада мепурсад:

– Ба тарбияи фарзанд аз чандсолагӣ сар кунам? Луқмони Ҳаким мепурсад:

– Фарзандатон чандвақта шуд? Модар ҷавоб медиҳад:

– Шашмоҳа.

– Пас шумо шаш моҳ дер кардед, – мегӯяд донишманд.

Ин ҳикояро падару модарон бояд хуб дар ёд бигиранд.

Волидонро лозим аст, ки ҳар як амали фарзандашонро зери назорат бигиранд. Ба амалу гуфтори фарзандашон баҳо дода, муносибати худро нисбати ҳар рафтори ношоистаи онҳо зоҳир кунанд. Пас аз ин кӯдак пеш аз иҷрои амал дар назди худ савол мегузорад, ки «Оё ин кори ман ба волидонам писанд меояд ё не?». Ҳамин тавр, баъди иҷрои амал кӯдак мехоҳад, ки волидонаш ба амали иҷрокардаи ӯ баҳо диҳанд. Дар сурати додани баҳои мусбат кӯдак чунин меандешад, ки кори хуберо анҷом додааст ва онро минбаъд ҳам такрор хоҳад кард.

Агар амали кӯдак ба волидон писанд наояду сарзаниш кунанд, кӯдак ба хулосае меояд, ки рафтори ӯ кори хуб набудааст ва набояд онро минбаъд такрор кунад. Ҳамин тавр, кӯдакон минбаъд ҳар амали содиркардаи худро месанҷанд ва шавқманди онанд, ки волидонашон ин рафтори онҳоро чӣ гуна қабул мекунанд.

Умуман, волидонро мебояд ҳар як амалу гуфтори фарзанди худро зери назорат қарор диҳанд. Дар баробари иҷрои амали хуб мебояд кӯдакро навозишу ситоиш карда, суханони рӯҳбаландкунанда ба мисли «Офарин, азизакам, маро хурсанд кардӣ» гуфтан зарур аст. Дар ин маврид набояд хомӯш буд.

Дастгирии волидон дар ин ҳолат ӯро вайрон намекунад, балки кӯдак рӯҳбаланд мешавад. Дастгирии кирдору рафтори хуби кӯдак аз тарафи калонсолон монанди об додани навниҳол аст. Кӯдак дар ҳақиқат ситоишро хеле дӯст медорад ва мекӯшад ҳамеша рафтори хуб карда ситоиш ёбад.

Дар ҳолати зуҳуроти рафтор ё амали ноҷои кӯдак волидон бояд ӯро сарзаниш карда, пеши роҳи иҷрои дубораи чунин амалро бигиранд. Ҳангоме ки кӯдак рафтори нохуб мекунад, нахуст далел биоваред, ӯро бовар кунонед, ки амали нохуб кардааст.

Ҳамин тавр, кӯдак вобаста ба баҳои додаи волидон ба амали худ рафтору гуфтори хубро аз бад фарқ мекунад, дар вуҷудаш маҳорати дарки амали хубу бад пайдо шуда, ҷаҳонбиниаш васеъ мегардад. Масалан, амали дуздӣ барои кӯдакон мазмунан нофаҳмост. Онҳо намедонанд, ки дуздӣ амали хуб аст ё бад? Зеро дар натиҷаи дуздӣ ӯ соҳиби чизе мешавад. Дар сурати аз тарафи волидон барои ин амали худ сарзаниш шудан кӯдак бад будани амали дуздиро ба хубӣ дарк мекунад. Аз ин хотир мегӯянд, ки «Кӯдак имрӯз сӯзани ҳамсояро дуздида аз тарафи волидон сарзаниш нашуда бошад, пагоҳ уштурро медуздад».

Ҳангоми сарзаниш набояд ӯро лату кӯб кард. Умуман, кӯдакро лату кӯб кардан нодуруст аст. Аз ин рӯ барои тарбияи дурусти кӯдак аз усулҳои дигари таъсиргузор истифода кардан қобили қабул аст. Масалан, ҳангоми дидани амали нодурусти кӯдак бо сурати (қиёфаи) ҷиддӣ бо ӯ суҳбат карда, гуноҳашро фаҳмонидан ё ба ҷойи лату кӯб карда осеби ҷисмонӣ расонидан аз усули дигари ҷазо – чанд

дақиқа дар кунҷи хона рост мондан метавон истифода кард. Ин корро тавре бояд иҷро кард, ки кӯдак ба гуноҳаш иқрор шавад ва нодурустии амали худро дарк кунад. Агар кӯдак чор-панҷ маротиба амали бад бикунаду баъд як маротиба ӯро сарзаниш кунем, он гоҳ ин сарзанишҳои мо таъсири худро гум мекунанд. Баробари ҳар як амал ва гуфтори бади кӯдак бояд волидон ӯро сарзаниш кунанд ва дар сурати амали хуберо иҷро карданаш ситоиш намоянд.

Дар тарбияи фарзандон ибрати падару модар, муносибати онҳо ба ҳамдигар, рафтори самимию ғамхоронаи онҳо нисбат ба ҳамдигар таъсири хуб мерасонад.

Фарзанд сол ба сол калон мешавад, мактаб меравад, ба синни наврасӣ қадам мегузорад. Вобаста ба синну соли онҳо падару модарон ҳам муносибату рафтори худро нисбат ба онҳо тағйир медиҳанд. Фарзандони наврас ёрдамчии аввалини волидон мегарданд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми дигаре, ки дар назди волидон меистад, ин ҳунарманд тарбия кардани фарзанд аст. Фарзанде, ки соҳиби касбу ҳунар бошад, ҳеҷ гоҳ хор намешавад. Касб хубию бадӣ надорад. Соҳибони касби одӣ ва касбҳои бузург ҳама баробар шарафманданд. Шарафи инсон аз меҳнати ҳалол мебошад. Беҳтарин шодмонӣ ин ҳаловат ёфтан аз дастранҷи меҳнати худ аст.

Аз ҳамин сабаб бояд аз хурдсолӣ дар дили фарзанд ба меҳнату касбу ҳунар шавқу ҳавас бедор намоем. Зеро меҳнат оинаест, ки қобилияти инсон ва сифатҳои ахлоқии ӯро ҷилвагар месозад. Ҳунар зебу зинати инсон аст. Беҳуда нагуфтаанд:

*Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ,*
*Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.*

Касе ҳунар дошта бошад, соҳиби иззату эҳтироми ҳамагон қарор мегирад:

*Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,*
*Дар дидаи мардумон азиз аст.*

Дар соҳибҳунарии инсон падару модар устодони нахустин ба ҳисоб мераванд. Оилаҳое ҳастанд, ки як ҳунарро аз насл ба насл идома медиҳанд ва бо ҳамон байни мардум маъруфу машҳур мегарданд. Аз қабили заргарӣ, дӯзандагӣ, дуредгарӣ, оҳангарӣ, боғпарварӣ, наққошӣ, ошпазӣ ва ғайра.

Ҳунар хазинаи бебаҳо ва ганҷи бепоён аст, ки баҳову ченак надорад:

*Ҳунар аз нуқраю тиллою зар беҳ,*
*Ҳунар аз молу мероси падар беҳ.*

Баъзан падару модарон фарзандҳояшонро эрка тарбия мекунанд, намегузоранд, ки онҳо ба корҳои рӯзгор машғул шаванд. Ҳангоме ки чунин фарзандон оиладор мешаванд, маълум мегардад, ки аз уҳдаи кори рӯзгору рӯзгордорӣ тамоман намебароянд. Ин ҳол аксар боиси ба амал омадани моҷароҳои оилавӣ мегардад. Аз ин сабаб волидон бояд аз хурдсолӣ ба фарзандон ҳунарҳои гуногунро, ки дар ҳаёти оилавӣ ба кор меояд, омӯзонанд.

Дар ин хусус Унсурулмаолии Кайковус навиштааст: «Пас, бояд ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси (ҳодисаҳои) олам эмин натавон буд ва тавонист донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан».

Агар волидон ҳунаре дошта бошанд, бояд онро ба фарзандони худ низ омӯзонанд. Бештари занони тоҷик, чун анъана, ҳунари гулдӯзӣ, тӯппидӯзӣ ва дигар навъҳои либосдӯзиро медонанд. Пухтупази хӯрокҳои лазизи миллӣ, рӯбучини хона низ аз ҳунармандии инсон дарак медиҳад. Истифодаи дурусти ашёи рӯзгор, деҳқонӣ, нигоҳубини чорвои хонагӣ низ ҳунар аст, ки дар оила меомӯзанд. Мар- дон бошанд баъд аз кори асосӣ ба сохтан

ё тармими асбобҳои рӯзгор машғуланд. Ба иҷрои ин корҳо бояд фарзандонро низ ҷалб намоянд, чунки ҳар як ҳунару касб дар зиндагӣ ба кор меояд. Шоири ҷаҳонгашта ва рӯзгордида Шайх Саъдии Шерозӣ дар бораи фоидаи ҳунар навиштааст:

«Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад».

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе волидон ҳангоми дар мактаб таҳсил кардани фарзандон ягон бор ба даргоҳи мактаб намеоянд. Ҳол он ки маҳз дар ҳамин ҷо онҳо аҳамияти касбу ҳунарро аз устодон меомӯзанду шавқу завқашон боз ҳам дучанд мегардад. Ба ҳамин хотир падару модар бояд ҳамеша оид ба аҳамияти касбомӯзӣ ва гирифтани маълумот ба фарзандон суҳбат намоянд, рафти хондани онҳоро зери назорат бигиранд. Бояд ба мактабу омӯзгорон алоқаи доимӣ дошта бошанд, дар бораи рафтору таҳсили фарзанд суҳбат намуда донанд, ки фарзанди онҳо бештар ба омӯзиши кадом фан ё касб рағбати зиёд дорад ва барои омӯзиши он ёрӣ расонанд. Дар бораи аҳамияти дониш шоири бузург Низомии Ганҷавӣ бисёр хуб гуфтааст:

*Дониш талабу бузургӣ омӯз,*
*То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз...*
*Ҷое, ки бузург боядат буд,*
*Фарзандии ман надорадат суд...*
*Гар дил диҳӣ, эй писар, бад-ин панд,*
*Аз панди падар шавӣ барӯманд.*

Аз вазифаҳои муҳимми дигаре, ки дар назди падару модар меистад, омода кардани фарзанд ба оиладорист. Писарро зан, духтарро ба шавҳар додан вазифа ва ҳаваси

ҳар як падару модар аст. Аз ин рӯ бо фарзанд дар хусуси асрори оиладорӣ, меҳру садоқат, тарбияи ҷинсӣ, тартиби рӯзгордорӣ, муносибати зану шавҳар суҳбат карда, онҳоро ба хонадоршавӣ омода бояд кард.

Унсурулмаолии Кайковус дар ин бора чунин гуфтааст: «Агар писар болиғ гашт, бинигар андар вай, агар сару салоҳ дорад ва ба кадхудоиву зан доштан ва рӯзбеҳӣ машғул хоҳад будан, пас тадбири зан хостани вай кун, то он ҳақ низ гузорида бошӣ...

Агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи некупарвар бисупор ва чун бузург шавад, ба муаллима деҳ ва чун бузург шуд, ҳар чи зудтар ҷаҳд кун, ки ба шавҳар диҳӣ...».

Дар чунин ҳолат волидон масъулияти бештарро бар дӯш доранд. Интихоби зану шавҳар барои фарзанд кори басо мураккаб аст. Чӣ тавре мардум мегӯянд, ин «савдои умр» аст ва дар ин кор саросемагиву беандешагӣ нашояд. Падару модарон, қабл аз ҳама, бояд хоҳиши фарзандони худро ба ҳисоб гиранд. Ба бисёр волидон дучор омадан мумкин аст, ки ҳамаи корро ба анҷом расонида, баъд кӣ будани домод ё арӯсро ба фарзандон мегӯянд. Духтар ё писар эҳтироми падару модарро аз ҳама боло дониста, сухани онҳоро рад карда наметавонад ва бо шахси дилхоҳи онҳо оиладор мешавад. Як қисми чунин оилаҳо пойдор монанд ҳам, қисми бештари онҳо дар оянда вайрон мешаванд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам онҳо як умр аз падару модарони худ норозӣ ва домангир мемонанд. Сабаби ихтилофҳои оилавӣ ва вайроншавии оиларо ба волидони худ нисбат медиҳанд, чунки зану шавҳарро барои онҳо падару модар интихоб карда буданд.

Аз ин сабаб волидон бояд ҳатман ба фарзандони худ маслиҳат кунанд, шояд худи онҳо шахси дилхоҳ дошта бошанд. Ба фарзанд мӯҳлати муайяне додан лозим аст, ки онҳо бо одобу ахлоқ, рафтору амали ҳамсари оянда

шинос шаванд ва ҳатто донанд, ки аз уҳдаи кадом касбу ҳунар мебароянд, баъд фикри худро ба падару модар бигӯянд.

Агар писару духтар бо майлу хоҳиши худ оиладор шаванд, кӯшиш мекунанд, ки тамоми носозию ихтилофҳои оилавиро мустақилона ҳал кунанд ва аз падару модари хеш домангир нашаванд.

Дар ин маврид Унсурулмаолии Кайковус фармудааст: «Пас, агар донӣ, ки сари кадхудоиву рӯзбеҳӣ надорад, духтари кадхудоёну мусулмононро дар бало маяфкан, ки ҳар ду аз якдигар дар ранҷ бошанд. Бигузор то чун бузург шавад, чунон ки хоҳад кунад зиндагонӣ, то баъд аз марги ту ба ҳама ҳол чунон тавонад буд, ки фиристода бошад...

Ва аммо домоди некурӯй гузин (интихоб кун) ва духтар ба марди зиштрӯй мадеҳ, ки дил бар шӯйи зиштрӯй надиҳад, туро ва шавҳарро бадномӣ ояд. Бояд ки домод хубрӯю поктинат ва босалоҳу кадхудой бувад, зеро гуфтаанд:

*Ҳоҷати худро маҷӯй аз зиштрӯй,*
*Он, ки дорад рӯйи хуш, аз ӯ биҷӯй».*

Ин ҳикмати Кайковус ҳанӯз ҳам қимати баланди ахлоқӣ дорад ва пандест барои волидон.

Дар замони мо аксарияти оилаҳо аҳлона зиндагӣ мекунанд. Фарзандро тарбият карда, онро соҳибҳунару соҳибилм ба воя мерасонанд. Падару модар дар тарбияи онҳо баробар саҳм гузошта, қарзу вазифаи худро ҳам дар назди фарзанд ва ҳам дар назди ҷомеа ба ҷо меоранд.

Асоси тарбияи оилавӣ омӯзонидани зиндагии мустақилона, одобу рафтори оиладорӣ аз тарафи ҳар як падару модар ба духтару писар пеш аз оиладоршавӣ мебошад.

***Саволҳо***

*1. Чаро падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд масъул аст?*

*2. Кӣ бояд ба кӯдак ном интихоб кунад?*

*3. Фарзандон бештар аз кӣ ибрат мегиранд?*

*4. Мавқеи падару модар дар интихоби арӯс ва ё домод бояд чӣ гуна бошад?*

*5. Падару модарон кӯшиш менамоянд, ки ҳар чи тезтар духтарро ба шавҳар диҳанд. Оё ин дуруст аст?*

*6. Ҳамкории волидон ва омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия чӣ аҳамият дорад?*

*7. Аҳамияти омӯзиши касбу ҳунарро шарҳ диҳед.*

*8. Чаро «Номи зебо ними давлат аст» мегӯянд?*

## §26. УҲДАДОРИҲОИ ФАРЗАНД ДАР НАЗДИ ПАДАРУ МОДАР

Муносибатҳои оилавӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ асос ёфта, дар асоси ҳамин меъёрҳо ба танзим даровардa мешаванд. Аз ин рӯ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли масъалаҳоеро, ки дар муносибатҳои оилавӣ сар мезананд, дар навбати аввал барои ба таври ихтиёрӣ анҷом додани онҳо бартарият медиҳад. Яъне фарзандони болиғ барои дастгирӣ ва ёрмандӣ ба падару модари муҳтоҷу ғайри қобили меҳнат ва ё бемори худ бояд уҳдадориҳояшонро ба таври ихтиёрӣ иҷро намоянд.

Дар моддаи 34-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст, ки “Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд”. Ин меъёри конститутсионӣ дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ саҳеҳтар дарҷ ёфтааст, ки тибқи он фарзандон на танҳо ба нигоҳубин, инчунин ба зоҳир намудани ғамхорӣ нисбати волидон масъул мебошанд. Нигоҳубин ва ғамхорӣ ба волидон қарзи инсонии ҳар як фарзанд мебошад. Дар

сурати ба таври ихтиёрӣ зоҳир нагардидани ғамхорӣ нисбат ба падару модар аз ҷониби фарзанд мақомоти салоҳиятдори давлатӣ метавонанд дахолат намоянд. Яъне дар ин ҳолат мақомоти дахлдори давлатӣ метавонад ба таври маҷбурӣ бо тартиби судӣ аз фарзанд барои падару модар алимент рӯёнад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки қонунгузорӣ ҷиҳатҳои дигареро низ ҳангоми ситонидани алимент аз фарзанд пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, то чӣ андоза аз тарафи падару модар иҷро гардидани вазифа ва уҳдадориҳои онҳо оид ба таълим, тарбия, таъминоти моддӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак. Ҳолати аз тарафи падару модар пурра иҷро нагардидани уҳдадориҳои зикршуда яке аз омилҳои озод шудани фарзандони болиғ аз уҳдадориҳои алиментӣ (нисбат ба падару модар) шуда метавонад, ки ин, пеш аз ҳама, ба принсипи адолати иҷтимоӣ асос ёфтааст.

Таъмини моддии падару модар вазифаи фарзан- дони болиғи қобили меҳнат мебошад. Дар навбати худ фарзандони болиғе, ки маъюбанд, нафақа ва ё ёрдампулӣ мегиранд ва қобилияти меҳнатӣ надоранд, аз додани алимент ва иштирок дар хароҷоти иловагӣ озод мебошанд.

Гузашта аз ин, бояд хуб дар хотир дошт, ки хизмат ба падару модар, ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми онҳо вазифа ва қарзи инсонии ҳар як фарзанд мебошад. Зеро ки онҳо ширинтарин лаҳзаҳои ҳаёт ва ҳамаи меҳру садоқати худро барои ба воя расонидан ва таълиму тарбияи фарзандон мебахшанд. Набояд фаромӯш кард, ки волидон ҳам замоне ҷавон, боғайрат ва бақувват буданд ва бо сад умеду орзу дар лаҳзаҳои тифлию нотавонӣ фарзандро ба оғӯши гарми худ гирифта, ғамхорӣ намуданд ва аз носозгории рӯзгор эмин доштанд, бойигариву сарвати доштаашонро сарф карданд, то ки вай ба ин дараҷа бузург шавад. Акнун онҳо шояд пир шуда, аз қувват монда, ба даст асо гирифтаанд. Чашмонашон хира гаштааст. Бинобар ин вазифаи ҳар як фарзанд аст, ки ҳурмати онҳоро ба ҷо биёрад, ба насиҳаташон гӯш диҳад,

ёрирасони онҳо бошад ва аз ранҷонидани дили онон худдорӣ намояд. Дар мавриди эҳтироми модар шоир Эраҷ Мирзо чунин мефармояд:

*Писар, рав қадри модар дон, ки доим*
*Кашад ранҷи писар бечора модар.*
*Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад*
*Туро беш аз падар бечора модар.*
*Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорад-т*
*Зи ҷон маҳбубтар бечора модар.*
*Нигаҳдорӣ кунад нуҳ моҳу нуҳ рӯз,*
*Туро чун ҷон ба бар бечора модар.*
*Аз ин паҳлу ба он паҳлу нағалтад,*
*Шаб аз бими хатар бечора модар.*
*Ба вақти зодани ту марги худро*
*Бигирад дар назар бечора модар.*

Хамсуҳбати пирони рӯзгордида шудан, ба насиҳати онҳо гӯш додан ва бо онҳо машварат намудан нишони эҳтиром ва одобу ахлоқи ҳамидаи инсонист:

*Ройи равшан зи бузургони куҳансол талаб,*
*Обҳо соф дар айёми хазон мегарданд.*

Ҳурмат кардани пирон, пеш аз ҳама, дар ҳурмат кардани падару модар зоҳир мешавад. Меҳнату машаққати падару модар сазовори ҳама гуна иззату эҳтиром аст:

*Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,*
*Ҷигарҳо хун шавад, то як писар мисли падар гардад.*
*Падар аз шавқи дил дар кӯдакӣ дасти писар гирад,*
*Ба уммеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад.*

Бале, ҳар як падару модар бо ранҷу заҳмати зиёд, ба умеди фардои худ фарзандро тарбия намуда, ба воя

мерасонад. Ҳар гоҳ фарзанд бемор шавад, падару модар дарди ӯро дар ҷисму ҷони хеш эҳсос карда, барои наҷоти ӯ тайёранд ҳастии худро нисор кунанд. Падару модар аз ҳар амали неки фарзандон меболанду ифтихор мекунанд, аз нобарорию нохушии онҳо ғам мехӯранду маъюс мешаванд. Онҳо то зиндаанд, фарзанд барояшон ҳамон кӯдак аст, ки омодаанд ҳар дам ба ёриаш шитобанд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» дар боби эҳтироми падару модар навиштааст: «Бидон, эй писар, ки... аз муҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст худро ҳурмат доштан ва тааҳҳуд (нигоҳубин) кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст. Ва он фарзандро, ки мудом хирад раҳнамуни ӯ бувад, аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад...

Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ... Пас, ҳаққи модару падар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар мунтаҷаби некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир бошӣ (хато карда бошӣ), чунон бувад, ки ту сазои ҳеч некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад».

Падару модарон танҳо муҳтоҷи эҳтирому дидори фарзандон мебошанд. Аз ин рӯ бояд фарзандон дар ҳар фурсати муносиб бо ҳамсару фарзандони худ ба дидорбиниашон биёянд, дар кори рӯзгор ба онҳо ёрӣ расонида, аз аҳволашон бохабар бошанд. Ин муносибати фарзандон дарсест барои фарзандони худи онҳо. Амали неку рафтори шоиста барои фарзандон намунаи ибрат гардида, онҳоро ба ҳурмату эҳтиром кардани падару модар ҳидоят менамояд. Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Ҳурмат кунӣ – ҳурмат бинӣ». Ҳар нафаре, ки эҳтироми падару модарро ба ҷо меорад, ин ҳурмату эҳтиромро рӯзе аз фарзандони худ мебинад.

Дар ривояте овардаанд, ки: «Шахсе назди Муҳаммади пайғамбар омада гуфт: – Ё Пайғамбар, падару модарам

бемор шудаанд ва нон дар даҳони эшон мениҳам ва ба гардан бардошта, ба таҳоратхона мебарам. Ҳамчунин, таҳораташон месозам, оё ҳаққи эшонро ба ҷо оварда бошам?

Пайғамбар фармуданд:

– Аз ҳазор якеро нагузошта бошӣ, вале накуӣ бикун, ки туро дар ин кор савоб бисёр аст».

Ҳурмату эҳтироми падару модар, пос доштани

ҳаққи онҳо барои ҳар халқу миллат яке аз мавзӯъҳои меҳварии меъёрҳои ахлоқӣ маҳсуб гардида, ҳамеша дар мадди назари аҳли ҷомеа қарор дорад. Беэҳтиромӣ нисбат ба падару модарро ҳар қавму миллати мутамаддини дунё маҳкум намуда, эҳтиром, нигоҳубин ва ғамхорӣ нисбати онҳоро қарзи инсонии фарзандон медонад.

Педагоги маъруфи рус В. А. Сухомлинский чунин менигорад: «Барои падар ва модар ту ҳамеша, ҳатто баъди панҷоҳ, шаст, ҳафтод, ҳаштод ва навадсола шуданат ҳам кӯдакӣ. Ҳар қадаму рафтори ту хоҳ рафтори хуб бошад ва хоҳ бад, ба дили падару модар асар карда, хурсандӣ мебахшад ё дард меорад, саодатманд мекунад ё азобу кулфат меорад. Онҳо нисбат ба ту меҳру муҳаббати бепоён доранд, вале замоне мерасад, ки барои ба ту бахшидани ашёи моддии ҳаёт дигар қувваташон намемонад ва қувваи онҳо фақат ба дӯст доштани ту мерасаду бас. Бидон, ки ба ғамхории падару модар, ба меҳру муҳаббат ва садоқати бепоёни онҳо бо ғамхорӣ, меҳру муҳаббат ва садоқати худ нисбат ба онҳо ҷавоб гардондан қарзи инсонии фарзанд аст. Қарзи фарзандонро аз падару модар бо ягон ченак қиёс кардан, бо ягон асбоб ҳисоб кардан мумкин нест».

Воқеан ҳам, чунонки меҳру муҳаббати падару модар ба фарзандон беинтиҳост, қарзи фарзандон низ дар назди волидон беохир аст ва бо ҳеҷ ченаке қиёсшаванда нест. Шоир ба ин мазмун чӣ зебо мефармояд:

*Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,*
*Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.*

Мутафаккири бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мефармояд: «Накуӣ бо модар ва падар фозилтар аз намоз ва рӯза ва ҳаҷ ва умра аст. Ризои падар бузургтарин дари биҳишт аст. Агар биҳишт мехоҳӣ, ин дарро муҳофизат намо».

Нақл мекунанд, ки: «Ҷавоне қасди зиёрати хонаи Каъба кард. Модари танҳое дошт. Иҷозат пурсид, модараш розӣ нашуд. Ӯ ба гапи модар илтифоте накарда, озими сафар гардид. Модараш гирякунон аз қафои писар афтод. Ҳарчанд зорию тавалло менамуд, писар аз рафтан бознамеистод. Дили модар ранҷид.

Писар ба шаҳре расида шаб дар масҷид қарор гирифт. Нисфишабӣ хеста ба хондани намозҳои нафл машғул шуд. Ҳамон шаб ба хонаи шахсе дузд даромад. Соҳибхона доду фарёдкунон дуздро дунболагир кард. Дузд гурехта ба сӯйи масҷид омаду ғоиб гардид. Мардум ҷамъ шуда, чароғ равшан карда ба даруни масҷид даромада диданд, ки шахси бегонае намоз мехонад. Подшоҳ фармуд, ки дастҳояшро бурида, чашмонашро кофта, ба бозорҳо гардонида гӯянд, ки сазои шахсе, ки дуздӣ мекунад, ҳамин аст.

– Он ҷавони зиёраткунанда гуфт:

Ин тавр нагӯед, балки гӯед, ки ин ҷазои касест, ки бе иҷозати модар сафар намояд.

Мардуме, ки ӯро медонистанду мешинохтанд, воқеаро ба подшоҳ изҳор карданд. Подшоҳ пушаймон шуда узрхоҳӣ намуд. Ҷавон гуфт:

– Ин ҷо гуноҳи шумо нест. Ранҷидани дили модарам аст, ки бе иҷозаташ ман ба сафар баромадаму ба ин бало гирифтор шудам. Агар хоҳед, ки аз Шумо хурсанд бошам, маро ба вилояти худам расонед.

Ӯро ба шутур савор карда, ба манзилаш оварданд. Аз хона садои модар мебаромад:

– Худоё, аҳволи писарам дар биёбони Арабистон чӣ шуда бошад. Ӯро ба назди ман баргардон, то хотирам ҷамъ шавад.

Ҷавон бетоқат шуда дарро кӯфт. Модар назди дар рафт. Дар дилаш мегуфт, ки «Наход хабари фарзанди ғарибам омада бошад?» Дид, ки ғарибе бо аҳволи раҳмовар нишастааст. Ба ӯ гуфт:

– Эй мусофир, гуруснаӣ, ноне диҳам?

– Нонро чӣ гуна бигирам, ки даст надорам, – гуфт ҷавон.

Модар сухани ӯро шунида гуфт:

– Аз куҷо меойӣ? Овозат ба овози писарам бисёр монанд аст.

Вай ба хона рафта чароғро оварду ба чеҳраи мусофир назар андохта, гиряомез гуфт:

– Писаре доштам, ба зиёрати хонаи Каъба рафта буд. Ман розӣ набудам. Ту ба ҳамон писарам бисёр монандӣ.

Ҷавон фиғон бардошта гуфт:

– Модарҷон, ҳамон писари пургуноҳат манам.

Пиразан инро шунида, беҳуш шуда ба замин афтод. Пас аз чанде ба худ омада, муноҷот кард:

– Илоҳо, ба фарзандам адаб додӣ, акнун ӯро ҳалок макун!»

Аз ин ҳикоя чунин хулосае бармеояд, ки бе ризоияти падару модар наметавон ба мақсад расид.

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар ин бора гуфтааст:

*Падарро ақл дону нафс – модар,*
*Маёзор ин ду касро, эй бародар!*

Розигии падару модар муваффақияту барори кори фарзанд хоҳад буд. Шахсе, ки ҳар саҳар пеш аз сафар ё коре бо волидон машварат мекунад ва дуо мегирад, ҳангоми бозгашт аз дидаву шунида ва бардоштҳояш ба онҳо нақл мекунад, ба муроду мақсад ва орзую омоли худ хоҳад расид.

Ҳикоят мекунанд, ки: «Ҷавоне чӯб дар даст падари худро мезад. Мардум инро дида, хостанд адаби он ҷавонро бидиҳанд. Падар гуфт:

– Ба писарам нарасед. Ӯ барои задани падари худ ҳақ дорад. Зеро ман ҳам овони ҷавониам падарамро дар ҳамин ҷо зада будам. Акнун дар ивази он писа-
рам маро мезанад».

Вобаста ба мазмуни ин ҳикоя шоир ва мутафаккири бузург Ҷалолиддини Румӣ хеле хуб гуфтааст:

*Ин ҷаҳон кӯҳ аст, феъли мо нидо,*
*Сӯйи мо ояд нидоҳоро садо.*

Бале, инсон дар зиндагӣ ҳар амалеро, ки иҷро мекунад, хоҳ некӣ аст ва хоҳ бадӣ, подоши онро дер ё зуд дар ҳамон шакл хоҳад дид. Аз ин рӯ некиву накукорӣ дар ҳама давру замон қадр гардида, бадиву бадахлоқӣ маҳкум мешавад.

Гузаштагони мо дар мавриди эҳтироми падару модар ҳазорҳо панду қиссаҳои ҳикматомез гуфтаанд, ки ҳама саршор аз меҳру муҳаббат, ғамхорию шафқат ва пос доштани ҳурмати волидон мебошад. Бар ивази ранҷҳое, ки падару модар барои мо арзонӣ доштаанд, бояд ҳама умр шукргузорӣ намоем ва ҳаргиз нагузорем, ки хотири онҳо аз ягон сухан ва ё амали беҷои мо озурда гардад, зеро вақте ки онҳо ба мо раҳму шафқат менамуданд, бисёр заифу нотавон будем, ки ҳатто магасеро аз худ наметавонистем дур созем.

Дар ин бобат Саъдии Шерозӣ мефармояд:

*Эй тифл, ки дафъи магас аз худ натавонӣ,*
*Ҳарчанд ки болиг шудӣ, охир на ҳамонӣ?*
*Шукронаи зӯроварию рӯзи ҷавонӣ*
*Ин аст, ки қадри падари пир бидонӣ.*

Ба ин маънӣ, мо бояд бо падару модари хеш ҳамеша накурафтору хушмуомила, мушфиқу меҳрубон ва ҳалиму қадрдон бошем, то дар зиндагӣ соҳиби обрӯю эътибор ва баракати рӯзгор гардем.

***Саволҳо***

*1. Ибораи «қарзи фарзанд дар назди падару модар»-ро чӣ гуна маънидод мекунед?*

*2. Уҳдадории фарзанд дар назди падару модар танҳо меъёри ахлоқӣ аст ва ё дар қонунгузорӣ низ пешбинӣ шудааст?*

*3. Шумо дар бораи он фарзандоне, ки падару модарашонро нигоҳубин намекунанд, чӣ ақида доред?*

*4. Оё шумо ҳодисаҳоеро медонед, ки фарзандон аз падару модарашон рӯй гардонида бошанд?*

*5. Падару модар аз фарзандони худ, ки бо сад азобу машаққат онҳоро ба воя мерасонанд, чиро интизоранд?*

## ФАСЛИ V11.
## ТАНЗИМИ ОИЛА ВА ҲИФЗИ САЛОМАТИИ ОН
## §27. ТАНЗИМ ВА БАНАҚШАГИРИИ ОИЛА

Танзим ва банақшагирии оила яке аз масъалаҳои муҳим дар оиладорӣ ба ҳисоб рафта, барои пешгирӣ ва рафъи як қатор мушкилоти бавуҷудоянда мусоидат менамояд. Давлат, пеш аз ҳама, барои мустаҳкамии оила ва тарбияи фарзандони солиму бомаърифат манфиатдор буда, бахри расидан ба ин ҳадаф ҳамаҷониба ғамхорӣ менамояд. Оилаи солиму устувор дар ташаккули давлату давлатдорӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ба урфу одатҳо ва расму оинҳои гузаштагон, эҳтироми арзишҳои миллию умумибашарӣ нақши бағоят муҳим мебозад.

Оила яке аз унсурҳои зарурӣ ва асосии ташаккули ҷомеа маҳсуб меёбад. Бинобар ин давлат муҳайё намудани шароити зарурӣ ва заминаи мусоидро барои рушди оилаҳои солим яке аз вазифаҳои асосӣ дар сиёсати иҷтимоии худ мешуморад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дуруст ба роҳ мондани сиёсати демографӣ барои оқилона ва бо суръати муайян афзоиш додани аҳолӣ ва рушди бонизоми ҳар кишвар мусоидат менамояд.

Демография аз калимаҳои юнонии demos (халқ) ва grapho (менависам) гирифта шуда, ҷанбаъҳои муҳимми фаъолияти ҳаёти инсон, аз қабили таваллуд, фавт, раванди ақди никоҳ, ҷудошавӣ, муҳоҷират ва ғайраро меомӯзад.

Проблемаи демографӣ масъалаҳои афзоиши аҳолиро дар бар гирифта,ба чараёнҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири хешро мегузорад. Аз ин рӯ ҳар кишвар дар ин соҳа проблемаҳои муайяни худро дорад. Ҳоло дар бисёр мамлакатҳои дунё барномаҳои мухталиф оид ба масъалаҳои танзими оила, ҳифзи саломатии модару кӯдак амал мекунанд. Мақсаду усулҳои ҳалли онҳо бештар ба имконоти иқтисодии ҳар як давлат ва сиёсати пешгирифтаи он иртибот дорад.

Дар баъзе аз кишварҳо сиёсати демографӣ, пеш аз ҳама, ба камшавии таваллуд, дар баъзеи дигар ба пастшавии фавти кӯдакон ва зиёд кардани дарозумрӣ, дар гурӯҳи сеюм ба боздоштани равандҳои муҳоҷират ва ҷобаҷонамоии аҳли ҷомеа нигаронида шудааст.

Масалан, дар ИМА сиёсати ягонаи демографии умумидавлатӣ вуҷуд надорад. Ин масъалаҳоро ҳар як штат мустақилона ҳал мекунад. Дар Олмон бо сабаби паст будани дараҷаи таваллуд барои ба дунё овардани фарзанд сиёсати ҳавасмандкунӣ амалӣ карда мешавад. Дар Фаронса бо сабаби паст шудани дараҷаи таваллуд тадбирҳои зиёд кардани аҳолӣ андешида мешавад. Дар Ҷопон дар ин самт дар пайи ҳал кардани ду проблема ҳастанд: 1) пиршавии аҳолӣ; 2) ҷойгиршавии нобаробари аҳолӣ. Дар Покистон сиёсати демографӣ ба паст кардани дараҷаи таваллуд нигаронида шудааст.

Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки чораҳои маҷбурии банақшагирии аҳолӣ самараи назаррас намедиҳад. Масалан, солҳои ҳаштодуми асри XX дар Ҳиндустон баробари дидани чораҳои сиёсати демографӣ чораҳои маъмурӣ низ андешида мешуд. Лекин ин тартиб натиҷаи дилхоҳ надода, баръакс, оқибатҳои манфӣ ба бор овард. Бинобар ин дар ин кишвар сиёсати демографиро аз нав баррасӣ намуда, аз барнома як қатор чорабиниҳоро хо- риҷ карданд. Пеш аз ҳама ба таъминоти оилаҳо бо озуқа, солимии модару кӯдак ва маърифатноксозии занон эътибор дода шуд. Дар натиҷа соли 2000 аҳолии Ҳиндустон ҳамагӣ 1,8 фоиз афзуд, ки ин нисбати солҳои пешин хеле кам буд.

Дар Чин, ки аҳолии он беш аз 20 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад, банақшагирии аҳолӣ ба сиёсати стратегии давлат табдил ёфтааст. Ин ҷо асоси сиёсати демографиро як фарзанд таваллуд кардан ва то таваллуди фарзанди дигар фосилаи тӯлонӣ гузоштан ташкил медиҳад. Дар ин мамлакат чораи маъмурию тадбири

иқтисодиро якҷоя амалӣ менамоянд. Дар натиҷаи сиёсати демографӣ суръати афзоиши аҳолӣ ба маҷрои муайян даромада бошад ҳам, он оқибатҳои манфиро низ ба бор меорад. Аз қабили зиёд шудани шумораи писарон нисбат ба духтарон, тадриҷан кам шудани шумораи ҷавонон ва пиршавии аҳолӣ.

Дар Тоҷикистон 67 фоизи аҳолиро ашхоси то 30-сола ташкил медиҳанд. Фаромӯш набояд кард, ки аҳолии қобили меҳнат бойигарии давлат аст. Бинобар ин аз захираҳои инсонӣ самаранок истифода бурдан ба нафъи тамоми ҷомеа хоҳад буд.

Мақсад аз банақшагирии оила имконияти сиҳатии модарону иқтисодиёти оиларо ба назар гирифта, фосилаи таваллудро риоя кардан аст. Мафҳуми танзими оила фосилаи байни таваллуд ва теъдоди кӯдакон дар оиларо ифода мекунад. Ин нукта асоси илмӣ дошта, имрӯз мавриди пажӯҳиши ҳаматарафаи мутахассисон қарор гирифтааст.

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ мафҳуми банақшагирии оиларо таъмини назорати функсияҳои репродуктивӣ барои таваллуди кӯдакони солиму дилхоҳ тавсиф менамояд.

Банақшагирии оила – маҷмӯи чорабиниҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки бо мақсади таваллуди насли солим ва дилхоҳ, танзими фосилаи ҳомилашавӣ, назорати муҳлати таваллуд ва пешгирӣ аз ҳомилашавии ғайрихоҳиш роҳандозӣ мегардад.

Аз тарафи зану шавҳар қабул кардани қарор оид ба таваллуди фарзанд ба шароити иҷтимоии оила, синну соли волидон ва дигар омилҳо вобаста мебошад.

Агар фосилаи таваллуд миёни фарзандон 3-4 сол бошад, модар метавонад ба онҳо дуруст ғамхорӣ намуда, тарбияи хуб диҳад. Кӯтоҳ будани фосилаи таваллуд (1-2 сол) метавонад ба вазъи саломатии зан таъсири бад расонад, ки ин, пеш аз ҳама, барои рӯҳану ҷисман солим ба воя расонидани фарзандон монеъ мегардад.

Баъзеҳо ақида доранд, ки банақшагирии аҳолӣ ҷавобгӯи манфиатҳои миллии мо нест, зеро аҳолии кишварамон кам аст ва боздоштани суръати афзоиши аҳолӣ ба нигоҳдошти миллат ва таъмини бехавфии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад. Вале бояд дар назар дошт, ки банақшагирии оила ва ба танзим даровардани аҳолӣ ҳаргиз маънии кам кардани шумораи аҳолиро надорад. Зеро сиёсати демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба дарозумрии аҳолӣ, паст кардани сатҳи фавт, зиёд шудани таваллуд, танзими муҳоҷирати дохилию берунӣ, беҳдошти саломатӣ, дастгирии иҷтимоии маъюбону ятимон, оилаҳои камбизоат, пирону барҷомондагон ва аҳолии ғайри қобили меҳнат нигаронида шудааст.

Суръати афзоиши аҳолӣ дар кишвари мо хеле зиёд аст. Масалан, агар шумораи хонандагон дар соли таҳсили 1990 –1991 дар ҷумҳурӣ 1 миллиону 293 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда соли таҳсили 2014 – 2015 наздик ба 1 миллиону 800 ҳазор нафар мерасад. Яъне, тӯли ин солҳо шумораи хонандагон беш аз 500 ҳазор нафар афзудааст.

Шумораи аҳолии Тоҷикистон имрӯз беш аз 8 миллион нафар аст. Суръати афзоиши аҳолӣ 2,2-2,5%-ро ташкил медиҳад. Яъне ҳар сол ба ҳисоби миёна 180 – 200 ҳазор нафар таваллуд мешавад.

Агар суръати афзоиши аҳолии кишвар ба ҳамин минвол давом кардан гирад, соли 2020 аҳолии Тоҷикистон ба 9 миллион нафар хоҳад расид.

Зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ фоизи баланди афзоиши аҳолӣ ба деҳот рост меояд.

Оила дар ҳимояи давлат аст ва давлат барои солимии он ғамхорӣ менамояд. Расонидани ёрии моддӣ ба оилаҳои серфарзанд дар тарбияи кӯдак то синни 3-солагӣ, табобати ройгон ва таъмин бо дорую дармон ва ғайраҳо, ки дар

қонуну санадҳои ҷумҳуриамон пешбинӣ шудаанд, далелҳои диққату эътибор ва ғамхории давлат мебошанд. Давлат манфиатдор аст, ки насли имрӯза – наврасону ҷавонон чун созандагони ҷомеаи оянда ашхоси солиму баркамол ва ҳаматарафа инкишофёфта ба камол расанд.

Тарбия дар сурате муваффақият пайдо мекунад, ки он ба сиёсати иҷтимоӣ такя кунад. Зеро таъминоти моддӣ, рӯҳияи солими маънавӣ, дараҷаи баланди маърифати одамон ба мустаҳкам гардидани оила мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, давлат дар масъалаи бунёди оила, мустаҳкамшавии он, тарбияи фарзандони солиму соҳибмаърифат доимо ғамхорӣ карда, ҳуқуқҳои онҳоро муҳофизат менамояд.

Қабл аз қадам гузоштан ба ҳаёти оиладорӣ ҷавонписару ҷавондухтар бояд инсони баркамол бошанд, то ин ки масъалаҳои муҳимми зиндагиро мустақилона ҳал карда, масъулияти хешро дар ҳалли масъалаҳои мураккаб ва оқибатҳои он андеша намоянд. Вазъи оила, шароити моддӣ ва маънавии он ба ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлат таъсири бевосита мерасонад.

***Саволҳо***

*1. Сиёсати демографӣ гуфта чиро мефаҳмед?*
*2. Чаро бояд оила ба танзим дароварда шавад?*
*3. Мақсад аз банақшагирии оила дар чист?*
*4. Оё таваллуди зиёд ба организми занон таъсири манфӣ дорад?*
*5. Чаро бояд фосилаи таваллуд риоя карда шавад?*
*6. Афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон чӣ гуна аст?*
*7. Нуфуси аҳолӣ дар кадом мамлакатҳо бештар аст?*

## §28. БЕМОРИҲОИ СИРОЯТКУНАНДАИ ҶИНСӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО

Ба воя расонидани кӯдаки солим масъулияти муҳимми оила ба ҳисоб меравад. Падару модар ва калонсолон бо мақсади солим ба воя расондани фарзандон вазифадоранд, ки ба онҳо оид ба зарар ва оқибатҳои истифодаи моводди мухаддир, пешгирӣ аз ҳама гуна инфексияҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сирояткунанда маълумот дода, онҳоро ба тарзи ҳаёти солим тарғиб намоянд.

Бемориҳои ҷинсӣ, аз қабили сифилис, сӯзок, оташак ва ғайра, ки дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ ба вуҷуд меоянд, ҳанӯз 2500 сол қабл аз мелод дар Мисри қадим маълум буданд, ки ин бемориҳо дар маъхазҳои форсӣ ва арабӣ бо унвони «маризии фосиқон» номбар шудаанд. Соли 1527 олими фаронсавӣ Жан Бетанкур барои ифода кардани ин намуди бемориҳо истилоҳи бемориҳои венерикӣ-ро пешниҳод намуд. Аксари бемориҳои венерикӣ барои атрофиён бисёр хатарнок аст, зеро онҳо на танҳо ба воситаи алоқаи ҷинсӣ, балки тавассути микробҳо ба воситаи ҳаво, истифода аз қошуқу табақи бемороии венерикӣ, сачоқ, собун, болини хоб ва ғайра низ метавонад ба одами солим сироят намояд. Муолиҷа накардан ва пинҳон доштани ин бемориҳо узвҳои ботинӣ ва системаи асабро хароб карда, шахси беморро ба марг мерасонад. Занҳои гирифтори бемории венерикӣ фарзандони носолим – кар, кӯри модарзод ва маъюб таваллуд карда, онҳоро ба азоби якумрӣ гирифтор менамоянд.

Дар охири асри XX, дар баробари ин бемориҳо, бемории мудҳише бо номи ВНМО (вируси норасоии масунияти одам), ки дар дунё бо номи СПИД машҳур аст, пайдо шуд, ки то имрӯз аз ин беморӣ садҳо ҳазор одамон ҷони худро аз даст додаанд. Мутаассифона, то имрӯз инсоният роҳҳои муолиҷаи ин бемориро кашф накардааст. Бемории мазкур дар Тоҷикистон бори аввал соли 1991 ба қайд гирифта шудааст. То соли 2015 дар ҷумҳурии мо беш аз 6500 нафар мубталои ин беморӣ расман ба қайд гирифта шудааст.

Ҳангоме ки вируси ин бемори̣ ба организми инсон ворид мешавад, системаи худмуҳофизатии инсонро хароб карда, организмро сусту заиф мегардонад, ки дар натиҷа организм наметавонад худро аз ҳар гуна бемориҳо муҳофизат намояд.

ВНМО бо чанд роҳ метавонад аз як шахс ба шахси дигар сироят кунад:

- алоқаи ҷинси̣;
- аз тариқи хунгузарони̣;
- истифодаи сӯзандору.

Агар сӯзандоруи дар шахси гирифтори бемории

ВНМО истифодашударо хуб наҷӯшонда ба шахси дигар истифода намоянд, боиси сироятёбии ӯ мегардад.

Ҳангоми гузаронидани хуни як шахс ба шахси дигар (агар яке аз онҳо ба ВНМО гирифтор бошад) низ вируси он сироят мекунад.

Аз занони гирифтори бемории ВНМО вирус ба кӯдаки дарбатнбуда ҳам мегузарад.

Ҳангоми наздик будан, даст додан, бӯсидан, сулфа кардан, якҷоя хӯрок хӯрдан ва атса задани шахси бемор вируси ин бемори̣ ба шахси солим сироят намекунад. Инчунин бо роҳи истифода аз қошуқ, коса, пиёла, сачоқ, ҳавзҳои оббози̣, ҳаммомҳои умуми̣ низ вирус ба дигарон намегузарад.

Барои пешгирии паҳншавии ин бемори̣ дар бештари мамлакатҳои ҷаҳон сӯзандоруҳои як бор истифодашаванда ба кор бурда мешаванд. Ба кӯдаконе, ки дар соли аввали ҳаёт ваксина мегузаронанд, ҳатман бояд аз чунин сӯзандоруҳо истифода шавад.

Дар мавриди эмкунии кӯдакон гузаронидани дору тавассути сӯзани ҷӯшониданашуда хатарнок аст (ҳатман бояд сӯзандоруи яккарата истифода шавад).

Занони гирифтори ВНМО бояд аз ҳомилашави̣ худдори̣ кунанд.

Волидон бояд тарзҳои пешгири̣ аз бемории ВНМО-ро ба фарзандон фаҳмонанд.

Ин беморӣ дар организми шахсоне, ки саломатиашон заифтар аст, зудтар инкишоф меёбад. Ғизои носолим, тамокукашӣ, нӯшокиҳои спиртӣ, истифодаи маводди мухаддир ва асабонияти зиёд организмро суст мекунад ва ҳангоми ба ВНМО гирифтор шудан вирус тезтар инкишоф меёбад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандоне, ки ба ВНМО ва ё ба инфексияи ВНМО мубтало шудаанд, ҳамаи ҳуқуқҳоеро, ки ба шаҳрвандони дигар мансубанд, бе ягон маҳдудият кафолат медиҳад.

Соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният» қабул гардид, ки дар он поймол кардани ҳуқуқи шахсони ба ВНМО сироятёфта манъ карда шудааст:

«Аз кор озод кардан, нагирифтан ба кор, нагирифтан ба кори муассисаҳои таҳсилотӣ ва муассисаҳои тиббие, ки хизмат мерасонанд, инчунин маҳдуд намудани дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам бо сабаби мубталои вируси норасоии масунияти одам буданашон, ҳамчунин маҳдуд кардани ҳуқуқҳои манзилӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аъзои оилаҳои шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам роҳ дода намешавад» (моддаи 13).

Ҳамчунон кӯдакон ва наврасони бо ВНМО зиндагикунанда ва ё ба эпидемияи инфексияи ВНМО зарардидаи аз волидон маҳрумшуда ба муассисаҳои интернатӣ (кӯдакистон, хонаи кӯдакон, хонаи бачагона, мактабинтернатҳо) дар асоси қоидаҳои умумӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ чунин кӯдакон дар гурӯҳҳои синну соли худ бо ҳамаи кӯдакон якҷоя таълим ва тарбият мегиранд.

Дар ҳолати мавҷуд набудани нишондиҳандаҳои манфии вазъи саломатӣ (яъне хуб ва ё қаноатбахш ҳис кардани худ) кӯдакон ва наврасони бо ВНМО зиндагикунанда ба

муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ, интернатӣ ва дигар муассисаҳои системаи таҳсилот, ҳамчунон ба сексияҳои варзишӣ, маҳфилҳо якҷоя бо дигар кӯдакон бе мамоният ва маҳдудият қабул карда мешаванд.

Агар кӯдакон ва наврасони бо ВНМО зиндагикунанда бо сабаби ақибмонӣ дар инкишоф ва ё бад будани вазъи саломатӣ кадом як мушкилоти махсуси таҳсилот дошта бошанд, пас бо дарназардошти тавсияи комиссияҳои тиббӣ-педагогии назди табобатхонаҳо барои чунин кӯдакону наврасон макон ва шакли тарбияву таълими мувофиқ муайян карда мешавад.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафи артиши миллӣ сафарбар кардани ҷавонони бо ВНМО зиндагикунанда ва ё аз эпидемияи инфексияи ВНМО мубталогашта низ бе маҳдудият аст.

Ташхис барои ВНМО. Риоя намудани махфияти натиҷаи ташхис.

Муқаррар намудани ташхиси инфексияи ВНМО ҷараёни мураккаб ва масъулиятнок аст.

Соли 2008 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби азназаргузаронии тиббӣ бо мақсади ошкор сохтани сирояти ВНМО, баҳисобгирӣ, муоинаи тиббии сироятшавӣ ба ВНМО ва муоинаи пешгирии онҳо», рӯйхати шахсони ҳатман ба таври махфӣ аз ташхиси тиббӣ гузаранда барои муайян кардани инфексияи ВНМО аз рӯйи нишондиҳандаҳои эпидемиологӣ тасдиқ шудааст.

Ташхисро (бе нишон додани ному насаб ва ройгон) метавон дар марказҳои ВНМО гузашт.

Ташхиси инфексияи ВНМО танҳо дар асоси таҳлили лабораторӣи хун ва мавҷудияти зиддулбадан (антител) ба ВНМО гузаронида мешавад. Тестгузаронӣ барои ВНМО то гузаронидани таҳлил ва баъд аз гирифтани натиҷаҳо анҷом дода мешавад. Муроҷиат кардан барои аз тест гузаштан ва натиҷаҳои он иттилооти махфӣ буда, пинҳон нигоҳ дошта мешавад.

Роҳбарон ва дигар кормандони муассисаҳои соҳаи маориф, кормандони тиб, ки ба онҳо бо сабабу вазъиятҳои гуногун дар бораи ВНМО-и хонанда ва ё хешовандони наздики ӯ (волидон, хоҳарон, бародарон) маълумот медиҳанд, вазифадоранд, ки махфияти онро нигоҳ доранд. Дар акси ҳол, онҳо мутобиқи қонунҳои амалкунанда ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҳангоми ба интернат ва ё хонаи кӯдакон супурдани кӯдак ва навраси ВНМО-дошта, ки бе сарпараст мондаанд, оид ба сирояти ӯ ба роҳбар (ё намояндаи қонунии кӯдак) ва корманди тиббии муассисаи номбаршуда иттилоот дода мешавад. Роҳбарон барои ба кормандони дигари муассисаи таълимӣ расонидан ё нарасонидани иттилооти мазкур қарор қабул мекунанд.

Бо дарназардошти тавсияи табиби муолиҷакунанда дар муассисаҳои таълимӣ масъалаи дар бахшҳои варзишӣ ва дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ иштирок кардани хонандагони бо ВНМО зиндагикунанда ба таври фардӣ ҳал карда мешавад.

Агар саломатии кӯдак имконият надиҳад, ки вай бо варзиш машғул шавад ё дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ иштирок кунад, пас бо тавсияи табиби мактабӣ ӯ муваққатан аз машғулияти варзишӣ озод карда мешавад. Агар дар ин маврид нишондоди махсуси тиббӣ вуҷуд надошта бошад, пас муассисаи таълимӣ ҳуқуқ надорад, ки дастрасии хонандаи бо ВНМО зиндагикунандаро барои иштирок дар машғулиятҳои гуногуни варзишӣ ва маҳфилҳо маҳдуд кунад.

Ба таври фарзӣ ин метавонад дар ҳолате рӯй диҳад, ки агар хуни хонандаи ВНМО-и мусбатдошта ба захми каси дигар афтад. Дар ҳолати сар задани хунравӣ дастпӯшаки резинӣ пӯшида, хунравиро боздошт, баъд аз он захмро бо антисептик коркард намуда, бо пластир ва ё латтабандак бастан лозим аст. Сониян, агар ба тахта, мебел, таҷҳизоти

варзишӣ ва воситаҳои дигар хун чакида бошад, тавсия дода мешавад, ки он бо дастпоккунаки коғазӣ ва ё латтакуҳна тоза карда, бо маҳлули безараргардонанда (дезинфексионӣ) коркард шавад.

Латтаи хунолударо ба халтаи полиэтиленӣ гирифта ба партовҷой партофта, либоси хунолудаи хонандаро ба халта андохта, маҳкам баста ба хона бурда медиҳанд. Пас аз расонидани ёрии аввал ва тоза кардани ҷою хона дастҳоро бо собун шустан лозим аст.

Тадбирҳои ҳаматарафаи эҳтиётӣ инҳоро дар бар мегирад:

– ҳатман риоя кардани низоми санитарию гигиенӣ ва низоми зиддиэпидемӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба оби тоза ва воситаҳои ҳимояи фардӣ;

– дар муассисаҳои таълимӣ ба вуҷуд овардани шароити хуби бехатарии тарбиягирандагон, хонандагон ва кормандон;

– пешгирии латхӯрӣ ва ҳолатҳои садамавӣ;

– истифодаи бехатару дуруст нигоҳ доштани воситаҳои халандаву буранда;

– назорати ҳолати пӯсти бадани кормандон ва хонандагон. Ба кор роҳ додани кормандону хонандагони захмдошта (буридагӣ, харошидагӣ, кандагӣ ва ғайра) танҳо баъд аз коркарди пӯсти бадан бо воситаҳои дизенфексиякунанда ва гузоштани банд, пластир ва ғайра;

– риоя намудани тадбирҳои эҳтиётии ҳаматарафа ва истифодаи воситаҳои бехатарии фардӣ (дастпӯшакҳои резинӣ, рӯйпӯшакҳо, айнак ва ғ.) дар ҳолати расонидани ёрии аввали тиббӣ барои комилан роҳ надодан ба имкониятҳои алоқа бо хуни дигар ва дигар маҳлулҳои биологии бо хун омехта;

– дар ҳолати набудани дастпӯшак ҳангоми расонидани ёрии аввал ба латхӯрӣ, аз маводди пешидастбуда (халтаҳои полиэтиленӣ, матои обнагузаронанда…) истифода бурдан;

– коркард ва таъмин кардани муассиса бо «тартиби хабаррасонӣ» дар ҳолати ба вуҷуд омадани латхӯрӣ ва ҳолати садамавӣ;

– ташкил ва таъмин кардани истифодаи усулҳои бехатари партовҳо, воситаҳои ҳимояи фардии истифодашуда, ашёи гуногуни бо хуну дигар маҳлулҳои биологӣ олудашуда (сӯзандоруҳо, сӯзанҳои дар масоҳати муассисаи таълимӣ ёфташуда);

– таъмин намудани коркарди мукаммали (бо истифодаи воситаҳои дизенфексиякунандаи тавсияшуда) воситаҳои бо хун олудашуда, таҷҳизот, мебел, либос ва ғайра.

Оё аз намуди зоҳирии инсон дар ӯ мавҷуд будани ВНМО-ро муайян кардан мумкин аст? Мутаассифона, аз рӯйи намуди зоҳирии инсон ВНМО-ро муайян кардан имконнопазир аст. Ҳамчун қоида, инсони мубталои ВНМО то дер вақт ягон аломати бемориро ҳис намекунад. Вай тарзи зиндагии одатиашро идома медиҳад – мехонад, кор мекунад, вазифаи ҳаррӯзаашро иҷро мекунад ва бо ҳамин худро комилан солим ҳис мекунад.

Вале аз давраи ба организм дохил шудани ВНМО инсон бемор будани худро надониста, метавонад онро ба одамони дигар гузаронад. Ошкор кардани ВНМО танҳо баъд аз тесткунонии ВНМО имконпазир аст. Донистани ВНМО имкон медиҳад, ки инсон сари вақт муолиҷаро оғоз намояд ва барои ба одамони дигар нагузаштани вирус тадбирҳои зарурӣ андешад.

Бо мақсади пешгирӣ аз ҳама гуна бемориҳои сироятӣ ҷавононро лозим аст, ки пеш аз ҳама, тарзи ҳаёти солимро пеша карда, бештар ба варзиш шуғл варзанд. Ҷиҳати инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмонии кӯдакон ва ҳифзи саломатии онҳо волидон ва парасторону васиён ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда вазифадоранд, ки ба онҳо шароити мусоид фароҳам оваранд ва худ намунаи тарзи ҳаёти солим бошанд.

***Саволҳо***

*1. Кадом бемориҳоро бемориҳои ҷинсӣ меноманд?*
*2. Оё бемориҳои венерикӣ табобат доранд?*
*3. Оқибати табобат накардани бемориҳои венерикӣ ба чӣ оварда мерасонад?*
*4. ВНМО чист?*
*5. Гирифтор шудани инсон ба бемории ВНМО бо кадом роҳҳо имконпазир аст?*
*6. Оё дар натиҷаи истифодаи асбоби рӯзгор ВНМО аз шахси бемор ба одами солим гузашта метавонад?*

**Эзоҳ:** Дар китоб баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ гузаштааст, киислоҳи онҳо пешниҳод мешавад.

| ***Саҳифа*** | ***Чоп шудааст*** | ***Хонда шавад*** |
|---|---|---|
| 9 | донишандузӣ | донишандӯзӣ |
| 11 | осишта | осоишта |
| 16 | махкум | маҳкум |
| 20 | сандаҳои | санадҳои |
| 27 | Муҳимтарин вазифаи оила, чи дар гузашта ва чи дар замони муосир таваллуд, яъне такрор истеҳсол кардани насл мебошад. | Муҳимтарин вазифаи оила, чи дар гузашта ва чи дар замони муосир таваллуд, яъне ба дунё овардани насл мебошад. |

## МУНДАРИЧА

Муқаддима ..............................................

**ФАСЛИ I**

**МАҚСАД ВА МОҲИЯТИ ОМӮЗИШИ ФАННИ МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ. ПАЙДОИШИ ОИЛА ВА ВАЗИФАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ОН**

§1. Фанни маърифати оиладорӣ, мақсад ва вазифаҳои он

§2.Пайдоиши оила ва давраҳои таърихии инкишофи он

§3. Оила ва вазифаҳои ҷамъиятии он..................

**ФАСЛИ II**

**ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ТАШКИЛИ ОИЛА**

§4. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ....

§5.Ташкили оилаи ҷавон. Муҳаббати марду зан - шарти асосии ташкили оила........................

**ФАСЛИ III**

**ОДОБИ МУНОСИБАТИ ҶАВОНОН**

§6. Асосҳои ахлоқии муносибати ҷавонон.......

§7. Омода намудани ҷавонон ба оиладорӣ.........

§8.Муоинаи тиббии издивоҷкунандагон................

**ФАСЛИ IV**

**НИКОҲ ВА ОИЛА**

§9. Никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он 64

§10.Маросими никоҳ, баргузории тӯйҳои арӯсӣ ва пешгирӣ аз хароҷоти барзиёд 67

§11.Қатъ кардан ва беэътибор донистани никоҳ 73

**ФАСЛИ V**

**ОДОБИ МУНОСИБАТ ДАР ОИЛА**

§12. Хусусиятҳои оилаи ҷавон..............................78

§13.Муҳитипсихологӣвамуносибатҳоишахсӣдароила 84

§14. Меҳнат, даромад ва низоми сарфу харҷ дар оила.88

§15. Маърифати рӯзгордорӣ ва нигоҳдории манзил..94

§16. Муносибати зану шавҳари ҷавон....................98

§17. Муносибат бо падару модар ва аъзои оила.......106

§18. Тарбияи оилаҳои ҷавон дар рӯҳияи меҳмондорӣ ва меҳмоннавозӣ……………………………………..
§19. Маданияти сайру гашт ва истироҳати оилаҳои ҷавон.....
§20. Сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон ва пайомадҳои он…………………………
§21. Роҳҳои пешгирии низоъ дар оила……………..

## ФАСЛИ VI
## ОИЛА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

§22. Таваллуди фарзанд ва фароҳам овардани шароит барои рушди кӯдак 135
§23.Психологияи кӯдак ва мушкилоти тарбия….
§24.Аҳамияти таълиму тарбия дар ташаккули тафаккур ва шахсияти кӯдак…………………………
§25.Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд………………………………
§26.Уҳдадориҳои фарзанд дар назди падару модар...

## ФАСЛИ VII
## ТАНЗИМИ ОИЛА ВА ҲИФЗИ САЛОМАТИИ ОН

§27. Танзим ва банақшагирии оила
§28.Бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ ва роҳҳои пешгирии он……………………………

**ХУРРАМ РАҲИМЗОДА, ШЕРМУҲАММАД ЁРМУҲАММАДЗОДА, ЛАТОФАТ НАЗИРОВА, НОДИР АМОНОВ**

# МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ

***Китоби дарсӣ барои синфи 10***

Муҳаррир
Мусаҳҳеҳ
Муҳаррири техникӣ
Таррох М. Раҷабов

Ба чоп 27.07.2023 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 15, 0. Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 52/2023

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: nashriya@mail. ru

Дар матбааи
ҶДММ «ТОРУС» ба табъ расидааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе
кӯч. Айнӣ, 126.